**ББК 88.8+26.8**

**УДК. 371.015+91**

**Д-16.**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Ба ҳукми дастнавис*

**ДАДОБОЕВ МУЗАФФАРҶОН АБДУХОЛИҚОВИЧ**

# ИНКИШОФИ ШАВҚИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ- КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

**(ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

**ХУҶАНД - 2020**

# МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА**......................................................................................3
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ**.........16
1.1. Асосҳои психологӣ – педагогии интегратсия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ...............................................16
1.2. Воситаҳои аёнии модернизатсияшуда ва аҳамияти онҳо дар ташаккули шавқи маърифатии хонандагон....................................22
1.3. Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои фаъолгардонии шавқи маърифатии хонандагон дар дарсҳои география..........................................................................31
1.4. Мазмун, шакл ва методҳои истифодаи воситаҳои аудиовизуалӣ дар дарсҳои география..........................................................58
Хулосаи боби якум.................................................................65
**БОБИ 2. ИМКОНИЯТҲОИ САМАРАНОКИ ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТИВӢ ДАР РУШДИ ШАВҚИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН**...................70
2.1. Методҳои коркарди барномаи дорои маълумоти географӣ дар Microsoft Power Point.........................................................70
2.2. Истифодабарии барномаи Microsoft Power Point дар курси география ҳамчун воситаи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон................117
2.3. Мониторинг ва ташхиси инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути истифодабарии Microsoft Power Point дар раванди таълим...........................................................................140
2.4. Самаранокии истифодабарии воситаҳои бисёррасонаӣ барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар дарсҳои география....................147
Хулосаи боби дуюм...............................................................161

**ХУЛОСА**.........................................................................................163

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.....................................167

# МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқ**. Ба шарофати рушди бемайлони воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ муҳити нави зист ва фаъолияти инсони муосир – муҳити иттилоотӣ ба вуҷуд омад. Дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникативӣ ба насли навраси Тоҷикистон мадад мерасонад, ки ба худашон боварии қавӣ пайдо кунанд ва дар интихоби дурнамо мустақил гарданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №643 аз 30 декабри соли 2011 Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [98] қабул гардид. Консепсияи мазкур бо мақсади амалигардонии Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон"[186], ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 5 ноябри соли 2003 № 1174 тасдиқ гаштааст, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [19], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 декабри соли 2004, №468, Консепсияи давлатии сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008 [99], № 451 қабул гаштааст ва Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 [187], № 1713 тарҳрезӣ гардидааст. Мутобиқи фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, № 416 аз соли 2015 то кунун дар ҳамаи ҳудуди ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ компютерикунонӣ гаштаанд. Аз 3 ҳазору 290 муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ 1 ҳазору 240 - тояшон ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст шудаанд.

Ба фикри мо, мақсадҳои афзалиятноки стратегияи инкишофи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ҳар давлат тавассути низоми маориф гузашта, пеш аз ҳама ба омодакунии мутахассисони

баландихтисос барои дар амал татбиқ кардани он ба ниёз марбут аст. Амалӣ гардонидани барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъсис додани Маркази миллии тестӣ далели моҳиятан муҳим ва барои ҷомеа аҳамиятнок будани ин масъала аст. Масъалаи иттилоотонӣ ва ба он марбут компютерикунонии ҳамаи соҳахои фаъолияти инсонӣ яке аз муаммоҳои глобалии ҷаҳони муосир мебошад. Сабаби ин нисбат ба асрҳои пешина бениҳоят зиёд гаштани нақши иттилоот ва табдил гаштани он ба қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳамаи қувваҳои истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъиятӣ аст.

Ба шарофати рушди бемайлони воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ муҳити нав – муҳити иттилоотии зист ва фаъолияти инсони муосир ба вуҷуд омадааст.

Технологияҳои компютерӣ – самти муҳимтарини кор бо хонандагон буда барои инкишоф ёфтани онҳо мадад мерасонад.

Кор карда натавонистан ва гоҳҳо кор кардан нахостан бо компютер ва барномаҳои компютерӣ ҳангоми кор бо хонандагон онҳоро аз самарабахшӣ ва аёнияти хуб маҳрум мекунад. Аммо барои ҳимояи баъзе шаклҳои кори педагогҳо ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки меҳрубонӣ, самимият, муҳаббат ба хонандагон ва садоқат ба касб бо технологияҳои нав ҳаргиз рақобат карда наметавонанд, баръакс онҳоро пурра карда, дар вақти кор бо онҳо самимият ва инсоният мебахшад.  Дар таҳияи нақшаҳои дурнамо, ҳуҷҷатҳо, конспекти машғулиятҳо муаллимон барномаи Microsoft Word - ро истифода мебаранд. Барои сохтани харитаҳои диагностикӣ, диаграмма, гистограмма ва ғ. Microsoft Excel истифода мегардад. Аллакай ворид шудан ба интернет ва истифодабарии воситаҳои бисёррасонаӣ, тахтаи электронӣ, проекторҳо, суратгиракҳои рақамӣ, принтерҳо дар раванди таълим кори муқаррарӣ гаштааст.

Арзи ҳастӣ намудани тартиби умумипедагогии матбуоти даврии махсус доир ба масъалаҳои компютерикунонӣ ва коркард гаштани методикаи мувофиқ аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи мазкур дар ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниҳоят мубрам ва замонавӣ аст .

Талаботи ҳатмии таҳсилоти муосир ҷустуҷӯи технологияҳои нави педагогӣ буда, ҳамгирой дар амалияи муосир ҳамчун шарти зарурии интеллектуалӣ, эҷодӣ ва ахлоқии инкишофи хонандагон мебошад. Н.Н. Баранский қайд мекунад: «Ин кор барои он амалӣ карда мешавад, то ин ки муаллим «одам дар ғилоф» нагардад, то ин ки ӯ фаъолияташро идома дода фаъолият барад, зеро муаллим бидуни корҳои эҷодӣ ба схоласт табдил меёбад, ки аз ӯ фоида бурдан он тараф истад, балки мустақиман барои инкишофи ақлонии ҷавонони ба ӯ вогузоргашта зараровар мешавад» [18, 296].

Марҳилаи нави инкишофи низомҳои ҷамъиятии мамлакат тахассусмандии муаллимонро махсусан талаб мекунад. Функсияҳои иҷтимоӣ-касбии муаллимон васеъ ва мураккаб мегарданд: омӯзгор имрӯз бояд фарҳанги иттилоотӣ ва саводнокии компютерӣ дошта бошад. Дар баробари ин дар 5-10 соли охир ҷаҳиши сахт дар рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада, техникаро ниҳоят дастрас гардонид. Аз ин рӯ, ҷорӣ кардани технологияҳои компютериро дар таҳсилот қадами зарурӣ дар инкишофи томи ҷаҳони иттилоотии муосир номидан мумкин аст.

Иттилотикунонии илм – равандест, ки ба муҳтавои онҳо тасаввуроти технологияҳои иттилоотӣ ворид гаштааст. Аммо он мақом ва робитаи мутақобил дорад: технологияи иттилоотӣ худаш ба дастовардҳои як қатор илмҳо, аз ҷумла бо ворид кардани унсурҳо дар муҳтавои онҳо такя мекунад. Ҳангоми шаклгирии муҳтавои таълим, ба андешаи мо, ҳарду тамоюлро ба назар гирифтан муҳим аст, ки барои асоснок кардани таъмини робитаҳои байнифаннӣ мадад мерасонанд.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Муаммои истифодаи васеи технологияҳои компютерӣ дар соҳаи маориф дар даҳсолаи охир дар илми педагогика таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст. Олимони рус ба монанди Н.Я. Анатова [12], Т.И. Антипова [13], Б.С.Гершунский [43], Е.М Горенков [47], С.Г.Григорев [50], В.П.Долматов [55], О.Ю. Заславская [63], С.Е.Коврова [85],

И.С.Коноплева [97], Э.М.Кравченя [103], В.А. Кудряшова [108], И.И. Мархель [122], Е.С. Полат [155], И.В. Роберт [167], И.Н.Розина [169], Н.Г.Семенова [176], В.А. Трайнев [191] ва дигарон дар ҳалли масъалаҳои таҳсилот бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ҳиссаи бузурги худро гузоштаанд.

Дар мамлакати мо масъалаҳои компютерикунонии таълим дар асарҳои М. Лутфуллоев [114], С.А.Саидов [172], М.Қ.Салимова [173], М.В.Сафаров [174], М.Г.Шарипов [198], Ф.Ф.Шарипов [199], Ф.Шарифзода [200], Ш.А.Шаропов [204] ва дигарон инъикос ёфтаанд. Бахусус, академик Маҳмадулло Лутфуллоев дар китоби «Дидактикаи муосир» қайд кардааст, ки «истифодаи технологияҳои компютерӣ дар дарсҳо пеш аз ҳама бо мавзӯъ, мақсад ва навъи дарс, инчунин махсусиятҳои идроки синнусолии хонандагон алоқаи зич дорад. Он пеш аз ҳама ҳангоми баёни мавзӯи нав, такрор ва мустаҳкамкунӣ, ташкили корҳои мустақилона ва машғулиятҳои таҳқиқотӣ самарабахш аст» [114, с.254]. Муаллиф доир ба «тавлидшавии дарсҳои хуб» бо истифодаи технологияҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ мисолҳо овардааст.

Олимони зиёд ба монанди Ю.С. Брановский [29], Б.С.Гершунский [45], В.В.Гузеев [51], И.В.Душина [57], Н.А.Никитина [136], Т.Н.Носкова [141], С.А.Саидов [172], М.Қ.Салимова [173] ва дигарон эътироф кардаанд, ки сатҳи таъсиррасонии телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи болобардории шавқ ба маърифатнокӣ дар дарсҳои география ҷойгоҳи махсусро доро ҳастанд. Ин якчанд сабаб дорад. Якум, география илми фундаменталӣ ва комплексӣ буда, соҳаҳои зиёди фаъолияти инсониро фаро мегирад. Дуюм, география дар маънои маҳдудаш илм дар бораи муҳити табии моро иҳотакарда, зуҳуроти табиӣ аст, ки бо онҳо ҳар рӯз дучор мешавем ва ё мушоҳида мекунему ҳар кадоми онҳо диққату шавқи хонандагонро ба худ ҷалб мекунанд. Сеюм, география ягона фанни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аст, ки донишҳои соҳавии фанҳои табиӣ ва ҷамъиятиро синтез мекунад. Он ҳамаи низомҳои мавҷуда «табиат – инсон - хоҷагӣ» - ро фаро мегирад. Ба ғайр аз

донишҳои географӣ ба муҳтавои он донишҳои илмҳои дигар: астрономия, геология, хокшиносӣ, этнография, иқтисодиёт ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Доир ба нақши география дар таҳсилот, саҳми он ба тамаддуни умумиинсонӣ бисёр шахсиятҳои барҷастаи олам – М.В. Ломоносов, Н.В. Гогол, К.Д. Ушинский ва дигарон андешаҳояшонро баён кардаанд. Донишҳои географӣ махсусияти худро доранд, онҳо барои азназаргузаронии олам хидмат мекунанд, имкон медиҳанд, ки низоми мураккаби робитаҳои байни одамон, худудҳо ва вазъи муҳит аз назар гузаронида шуда, дарк гашта, баҳогузорӣ гардад.

К.Д.Ушинский чунин меҳисобид, ки тарбияи инсонро на танҳо педагогҳо, балки «тарбиятгарони бузург»: табиат, ҳаёт, илм ва дин низ ба уҳда доранд. Дар робита ба ин таъсири «мураббии ғайриихтиёрӣ» - табиатро ӯ на танҳо бо таъсиррасонии педагог баробар кардааст, балки аз он болотар номидааст. «Ландшафти зебо – навишта буд ӯ – ба инкишофи рухии ҷавонон чунон таъсири тарбиявӣ мерасонад, ки бо он рақобат кардани педагог хеле душвор аст, як рӯзе ки бо кӯдак байни майдонҳову сабзазор гузаронида мешавад, баробари чандин ҳафтаи паси курсии таълимӣ гузаронидашуда мебошад» [52].

Вазифаи муаллим барои дар хонандагон шакл гиронидани талабот ба маърифати табиат, ташкили шароит барои боло бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълмими фанҳои табиӣ, махсусан география мебошад. Дар чунин шароит ба педагог истифода аз методҳо ва сохтори шаклгирифтаи раванди таълим, ки баҳри ҳавасмандгардонии хонанда ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ равона гаштааст, зарур аст. Бо ҳамин мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда ифода меёбад. Дар марҳалаи муосир зарурияти ба низом даровардани моделҳои инноватсионии педагогӣ ва технология, муайян кардани нақши онҳо дар инкишофи кӯдак, нишон додани вариантҳо ва воситаҳои истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ ва моделҳои таълимӣ дар инкишофи маърифати хонандагон дар раванди таълими география ба миён омадааст.

Яке аз самтҳои муҳими модернизатсияи маорифи тоҷик информатизатсия – иттилоотикунонӣ мебошад. Азбаски асри XXI-ро бисёриҳо асри иттилоот ва компютерикунонӣ медонанд, пас зарурат ба вуҷуд омадааст, ки рӯйкарди ҷиддитар ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таҳсилот зоҳир гардад, гузашта аз ин, технологияҳои номбурда агар пурра набошад ҳам, барои ҳалли масъалаи муҳими таҳсилоти муосир: сохтани шароит барои инкишофи маърифати хонандагон ва кушодани эҷодиёти шахсии хонанда имконият фароҳам меорад.

Асосноккунии ногузири зарурияти ҷорикунии техникаи компютерӣ ва микропротсессорӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ду қисмати таркибии байни ҳамдигар сахт алоқаманд иборат аст. Якум, имкониятҳои васеи техникӣ-амалиётии компютер дар худ чизеро доранд, ки бо воситаҳои техникии пешина, маводи дидактикӣ, ки дар раванди таълиму тарбия истифода мегардид, баробар кардан мумкин нест. Дуюм воқеияти аслии прогресси илмӣ-техникӣ (ки истифодаи компютер яке аз равшантарин зуҳуроти он аст) дар дараҷаи ҳалкунанда ба омодагии кадрҳо дар сатҳи талаботи замонавӣ вобаста аст.

Аз ҳамин сабаб, омӯзиш ва истифодабарии техникаи компютерӣ дар раванди таълим – ҷузъ (компонент) - и муҳими омодагардонии хонандагон ба ҳаёти минбаъдаи меҳнатӣ мебошад. Ҳаминро ҳам аз хотир баровардан лозим нест, ки барои аксарияти хатмкунандагони муасссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии таълимӣ касби ояндаашон бо истифодабарии компютер афзалиятнок аст.

Шароити муосири раванди педагогӣ талаб мекунад, ки муҳити нави таълимӣ ва ҷустуҷӯи технологияҳои нави самарабахш бунёд карда шаванд. Аз мухтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» чунин бармеояд, ки чунин технологияҳои компютерӣ заруранд, ки шаклу методҳои таълимро фаро гирифта, барои такмил ёфтани салоҳиятнокии хонандагон новобаста аз шахсан моил будан ба ин ё он соҳа ва шавқ доштанашон амалӣ гашта тавонанд [197]. Аз ҳамин сабаб

фарқи принсипиалии низоми муосири таҳсилот аз анъанавӣ дар зиёд истифода бурдан ва гуногунии технологияҳои иттилоотӣ намоён мегардад.

Таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ доир ба мавзӯи баррасишаванда имкон дод муайян карда шавад, ки истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ барои азхудкунии мавод ва инкишофи шавқи маърифатии хонандагон мусоидат кунад, ки дар раванди таълим моҳиятнок мебошад. Ҳамин тавр, дар алоқамандӣ бо мубрам будани масъалаи таҳқиқот мавзуъ тахти унвони **«Инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанни география)»** номгузорӣ карда шуд.

**Ҳадафи таҳқиқот:** коркард ва истифодаи асосҳои дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар раванди таълим (дар асоси истифодаи маводҳои фанни география).

**Объекти таҳқиқот**: раванди омӯзиши фанни география аз ҷониби хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқот**: шароит ва усулҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар дарсҳои география барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Муайян кардани асосҳои муназзамии технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ва нақши он дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагон.
2. Коркард ва таҳияи амсилаи (модели) комплексии ҳамгирои технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ва таъминоти техникии раванди таълими география.
3. Амалӣ намудани методикаи ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими география дар асоси муҳтавои маводи

географии маҳаллӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ.

4. Коркард ва апробатсияи низоми донишҳо ва технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои муаллимони география, ки ба талаботи муосир ва вазифаҳои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон ҷавобгӯ бошанд.
5. Тариқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани таъсири методикаи коркардкардашуда дар ташкили дарс ва инкишофи шавқи маърифатии хонандагон аз фанни география.
6. Таҳлили имкониятҳои технологияи аудиовизуалӣ ҳамчун воситаи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон.
7. Гузаронидани ташхиси (диагностика) инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки раванди инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ бештар самарабахш хоҳад буд, агар:

- ҷорикунии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ фаъолияти мақсаднок ва ҳамгироии муаллим ва хонандагонро таъмин кунад;
- ҷорикунии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои таҳияи рӯйкарди нав ба ташкили машғулиятҳо, барои моҳиятан тағйир додани самаранокии донишҳо нигаронида шуда бошанд;
- бо кӯмаки технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳлил, банақшагирӣ, ташкил ва назорати дониши хонандагон амалӣ карда шавад;
- технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар дарсҳои география самаранок, мақсаднок, бонизом, пешгӯикунанда, мунтазам ва ба таври демократӣ истифода гардад;
- ҷорикунии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дастрасии васеъро ба ҳодисаҳои географӣ ва зуҳуроти табиӣ, механизмҳои мураккаб ва мутобиқ, объект ва имкониятҳои субъект таъмин карда шавад.

**Методҳои таҳқиқ**:

- таҳлили муқоисавӣ - таърихии сарчашмаҳо, адабиёт, маводи бойгонӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ доир ба ҷанбаҳои проблемаи омӯхташаванда;
- мушоҳидаи педагогии раванди таълим, таҷрибагузаронӣ;
- гузаронидани пурсишнома бо муаллимон, санҷиши тестии хонандагон, таҳлили сатҳи шаклгирии дониши хонандагон, коркарди натиҷаҳо;
- таҳлили оморӣ, сифатӣ ва микдории маводи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ.

**Асоси методологии таҳқиқотро** асарҳои илмии файласуфон, педагогҳо, психологҳо, сотсиологҳо, ки доир ба тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, коркардҳои мутахассисон дар соҳаи телекоммуникатсия ва технологияи иттилоотӣ таълиф гаштаанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия», «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» ва дигар ҳуҷҷатҳову санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои компютерикунонӣ ва технологияи иттилоотӣ марбутанд, ташкил медиҳанд.

**Таҳқиқот дар се давраи ба ҳам марбут гузаронида шуд**:

Дар марҳилаи якум (солҳои 2015 – 2016) таҳлили ҳолати муаммо дар адабиёт ва таҳқиқоти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, методӣ ва ҳамчунин таҷрибаи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, воситаи аудиовизуалӣ чун асос барои болобардории шавқи маърифатии хонандагон гузаронида шуд. Дар ин марҳила номи мавзӯи таҳқиқот муайян карда шуда, мубрам будани таҳқиқот асоснок шуд, предмет, объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гашт, фарзия пешниҳод гардид, методикаи таҳқиқот коркард гашт.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2017 – 2018) таҷрибаи шаклгиранда гузаронида шуда, дар рафти он маводи коркардкардашудаи таълимӣ-методӣ барои минбаъд боло бардоштани сатҳу сифати донишҳои географии

хонандагон ислоҳ карда шуданд, ба шаклҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ иловаҳо пешниҳод гардид ва фазои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон васеъ карда шуд.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2019 - 2020) корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ идома ёфтанд, натиҷаҳои таҳқиқот таҳлил ва ба низом давроварда шуданд, маводи таҳқиқӣ ҷамъбаст карда шуда, кори диссертатсионӣ шакл гирифт.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот дар инҳо зоҳир гаштаанд:**

- муайянкунии асосҳои илмӣ-назариявии вобастагии сифати таълими фанни география аз тағйири шароити омӯзиши хонандагон ва истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон;
- коркард ва таҳияи амсилаи (модели) комплексии ҳамгирои технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ва таъминоти техникии раванди таълими география дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагон;
- муайян кардани таносуби мундариҷаи таълими география ва муҳтавои маводи географияи маҳаллӣ дар шароити истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон;

-- ошкор намудани шароит ва усулҳои ташкили раванди инкишофи шавқи маърифатии хонандагон зимни фаъолияти лексионӣ ва амалӣ ҳамчун унсури асосии комплексташкилдиҳандаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ;

- муайян кардани роҳҳои инъикоси маводи таълимӣ дар муаррифиҳои Microsoft Power Point ҳамчун воситаи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар дарсҳои география.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз инҳо иборат мебошад:**

– дар истифодабарии коркарди муаррифиҳои бисёррасонаии Microsoft Power Point, ки муҳтавои географӣ бо мақсади инкишоф додани шавқи маърифатии хонандагон, дар асоси муҳтавои маводи маҳаллӣ, ки он метавонад донишҳои назариявии хонандагонро доир ба таъсири тамаддуни муосир ба муҳити табиӣ расонад;

– дар истифодабарии технологияи иттиллотӣ-коммуникативӣ дар таълими география, ки он ба хонандагон имкон медиҳад, то дар асоси рӯйкарди фаъолиятнокӣ ба системаи мубрами муосир дар соҳаи илми география дониш ба даст оваранд, ки он барои шаклгирии меъёр ва қоидаҳои этикаи географӣ ва фарҳанги географӣ бар соҳаи истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи табиат мусоидат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот дар инҳо ифода меёбанд:**

– барои ҷорӣ кардани амсилаи (модели) ташкили дарси география дар асоси истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагон. Ин модел мумкин аст, ки дар амалияи дигар фанҳои силсилаи фанҳои табиӣ низ мавриди истифода қарор гирад;

– дар коркард ва дар раванди таълими география истифода бурдани воситаҳои таълимии дар асоси маводи географии маҳаллӣ таҳиягашта, китоб барои хониш чун воситаи инкишоф додани шавқи маърифатии хонандагон;

– дар коркарди тавсияҳои методӣ барои муаллимон барои сохтани муаррифиҳои бисёррасонаӣ, ки метавонанд дар ташкили дарсҳои муосир оид ба география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодабарӣ қарор гиранд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқотро** муқаррароти методологӣ, ки дар асоси ин таҳқиқот қарор гирифтаанд, истифодабарии комплексии методҳои назариявӣ-методологӣ барои ҳалли масъалаҳо истифодашуда, натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин менамоянд.

**Санҷиш ва татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада** мунтазам дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот гузаронида шуда, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд, дар курсҳои бозомӯзии тахассусии омӯзгорон, конференсияҳои байналхалқӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот муҳокима ва амалӣ гардидааст. Мувофиқи мавзӯи

диссертатсия 16 мавод (1 монография ва 15 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба нашр расонида шудааст.

**Ба ҳимоя қазияҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Интегратсия, ҷорӣ кардани технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар мундариҷаи таълими география барои таъсис додани шароити мусоид баҳри инкишофи додани шавқи маърифатии хонандагон бо дарки нав ва сатҳи муосири таҳсилот мусоидат мекунад.
2. Методикаи пешниҳодгаштаи ташкили дарс унсури комплексӣ дар системаи шакли ташкили таълими география: муаррифиҳои бисёррасонаӣ, мушоҳидаҳои виртуалии географӣ, корҳои мустақилона ва ғ. имкон медиҳанд, ки инкишофи шавқи маърифатии хонандагон таъмин гардад.
3. Моҳияти низоми ҳамгироӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттиллоотӣ-коммуникатсионӣ дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар асоси маводи географии маҳаллӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: гимназияи №24 шаҳри Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24 - и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, мактаби Президентии болаёқати шаҳри Бӯстон ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 ба номи Нурулло Ҳувайдуллоеви шаҳри Гулистони вилояти Суғд.

Кор аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Сохтори рисола ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқ буда мантиқи таҳқиқотро инъикос мекунад. Рӯйхати адабиёт иборат аз 216 номгӯй аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

## 1.1. Асосҳои психологӣ – педагогии интегратсия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Айни замон инсоният ба раванди «информатизатсия» - иттилоотигардонӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Раванди мазкур бо мақоми ҷомеаи кунунӣ сахт марбут буда, маҳз бо иттилоотнокии ҷомеа, ки дар он иттилоот мақоми асосӣ дорад, сифати маълумот, озодӣ, озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоъ фаҳмида мешавад. Информатизатсия (иттилоотигардонӣ) – раванди вусъатноке аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи мардум ба иттилоот ва таъсиси инфрасохтори тавонои телекоммуникатсионӣ равона гаштааст. Яке аз мавқеъҳои муҳими иттилоотигардонии ҷамъият ба информатизатсияи соҳаи маориф равона карда шудааст. Иттилоотигардонии маориф раванди таъмини низоми таълим бо назария ва амалияи коркардшуда, истифодабарии технологияи иттилоотии нав, ки барои амалигардонии мақсадҳои таълиму тарбия нигаронида шудаанд, маҳсуб меёбад. Бояд дар хотир дошт, ки иттилоотигардонии таълим барои расидан ба ду мақсади стратегӣ мувофиқат мекунад. Якум – баланд гаштани самаранокии ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимӣ дар асоси истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. Дуввум – баланд бардоштани сатҳи тайёр кардани мутахассисон бо типи нави тафаккур аст, ки он ба талаботи ҷомеаи иттилотнок ҷавобгӯ мебошад.

Ба раванди иттилоотикунонии таълим чандин низоми чорабиниҳо дохил мешаванд: таъмини муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоти идорӣ бо дастгоҳҳо ва воситаҳои барномаҳои технологияи информатсионӣ; пайвастшавӣ ба расонаҳои баландсуръати маҳаллӣ, миллӣ ва

байналхалқии шабакаҳои компютерии таълимӣ, ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет; дар шабакаи интернет ташкил ва ҷойгир кардани захираҳои иттилоотии таъиноти таълимидошта, интегратсияи захираҳои маълумот дар сатҳи маҳаллӣ ва давлатӣ; ташаккули маданияти иттилоотӣ дар ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим: кормандон, муаллимон, хонандагон, падару модари онҳо, ташкил намудани низоми мунтазами омӯзиши технологияи иттилоотӣ барои педагогҳо (ташкили курсҳо, экспресс - курсҳо, семинарҳои хурд, семинарҳои доимоамалкунанда, конференсияҳо).

Таҳти мафҳуми раванди иттилоотонии маориф на танҳо истифодабарии он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимии бо технологияи навтарини иттилоотӣ таҷҳизонида, балки мукаммал кардани низоми ташкили таълим бо роҳи интиқол – трансформатсияи методҳо ва шаклҳои расонидани иттилоот бо мақсади дар хонандагон бедор кардани шавқмандӣ барои гирифтани донишҳои нав, дар онҳо инкишоф додани фаъолнокии эҷодӣ низ фаҳмида мешавад. Бешубҳа, дар навбати аввал ташкил намудани муҳити иттилоотӣ-техникӣ бо истифодабарии проекторҳо (нурполо), экранҳо, компютер ва дигар техникаҳо, ки бо истифодаи онҳо иттилоъро тавассути муаррифӣ, конференсия ва семинарҳо шарҳ дода мешавад, зарур мебошад.

Айни замон насли наврас ба технологияи иттилоотӣ ва истифодабарии он ҳамчун воситаи дилхушкунанда муносибат мекунанд, на бо мақсади таҳсил ва гирифтани донишҳои нав.  Барои он ки дар хонандагон шавқи истифодабарии технологияи иттилоотӣ бо мақсади омӯхтани илм ва гирифтани дониш бедор гардонида шавад, муаллими салоҳиятнок, омӯзгор, ки қодир аст асосҳои истифодабарии ин технологияро омӯзонад, бояд бошад. Яъне бе иштироки мутахассиси саводнок ва ихтисосманд, ки равандҳои таълимро хуб медонад, технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти касбии худ истифода мебарад, донишманду саводнок ва амсоли инҳо аст, тасаввур кардан мумкин нест. Муҳаққиқони зиёд чунин меҳисобанд, ки технологияи омехтаи таълим

самараи хуб медиҳад. Модели омехтаи таълим имкон медиҳад, ки таълими анъанавӣ, ки дар он машғулиятҳо дар намуди аудиториявӣ (синфӣ) (лексия, семинар, корҳои лабораторӣ) мегузаранд, бо таълими нав ҳамҷоя гашта, як қисми машғулиятҳои амалӣ ба таври электронӣ гузаронида шаванд. Ин кор имкон медиҳад, ки омӯзгор диққаташро ба мавзуъҳои шавқовар ва мураккаби курс равона кунад, асосҳои назариявӣ ва мафҳумҳоро муҳассилин ҳангоми иҷрои машқҳои электронӣ аз худ мекунад.

Ҳамин тавр, иттилоотигардонӣ дар ҷаҳони муосир нақши муҳимро мебозад, зеро маҳз ҳамин раванд «муҳаррик»-и замони ояндa дониста шуда, маҳз ба он сифати таҳсилот дар кишвар, иқтидори техникии он вобаста мебошад ва бевосита муваффақияти раванди мазкур ба мутахассисони баландихтисос, ки қодиранд мушкилиҳои пайдошудаи олами иттилоотро ҳал карда, онро ба дараҷа ва зинаи баландтар бароварда тавонанд, сахт марбут аст.

Татбиқи амалии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар раванди таълим самтҳои афзалиятнок барои иттилотигардонии маориф аст, ки барои боло бардоштани сифати таълим таъсири муайян мегузорад. Он тамоюлҳои интегратсионӣ, маърифати қонуниятҳои фанҳои соҳавӣ ва муҳити атроф, раванди иттилоотигардонии маорифро тақвият бахшида, коркарди роҳҳои нави таълим ва истифодаи потенсиали технологияҳои иттилоотиро барои инкишофи шахсияти омӯзанда масъалаи мубрам мегардонад. Ин раванд сатҳи фаъолнокӣ ва вокуниши хонандаро боло бардошта, малакаи фикрронии алтернативи (ҷойгузин) - и ӯро инкишоф медиҳад, маҳорати пайдо кардани стратегияи ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва вазифаҳои амалиро шакл мегиронад, имконият медиҳад, ки натиҷаи амалишавии қарорҳои қабулкардаашро дар асоси моделронии объекти омӯзиш, зуҳурот, равандҳо ва робитаи байни онҳо пешгӯӣ кунад. Мафҳуми «интегратсия» ба педагогикаи шӯравии солҳои 80-уми асри гузашта ворид гашта, он ҳамчун шакли робитаи байни фанҳо фаҳмида мешуд. Ғояи интегратсия ба мавзӯи таҳқиқоти интенсивии назариявӣ ва

амалӣ табдил ёфт. Муҳаққиқ Ф.Шарифзода [200] сатҳҳои имконпазири интегратсияро махсусан таъкид кардааст, ки он дар ҳамкории муаллими фаннӣ бо хонандагону донишҷӯёни эҷодкор ва бо кормандони муассисаҳои илмӣ ифода гаштааст.

Дар таҳқиқоти мо интегратсия ҳамчун шакли самараноки ташкили дарс ва роҳи нави омӯзиши география истифода гаштааст. Солҳои охир дар назария ва методикаи таълими фанни география воситаҳои нави ташкили дарс фаъолона таҳқиқ мегарданд. Барои бо ин мақсад истифода кардани интегратсия дар сатҳҳои гуногун амалан маҳдудият нест. Аз нуқтаи назари амалия интегратсия робитаҳои байнифанниро мустаҳкам мегардонад, доираи муоширатро дар соҳаи иттилоотионӣ васеъ гардонида, хасташавии хонандагонро кам мекунад. Намудҳои гуногуни интегратсия – аз рӯи самт, сатҳ, метод, муносибат ва воситаҳо мавҷуданд. Бисёр фанҳо аз замонҳои пеш хусусияти интегратсионӣ доранд. Аз ҳама зиёдтар дар таълими фанни география мо интегратсияи дохилифанниро мушоҳида карда метавонем. Барои раванди кунунии интегратсия марҳилаи дурударози пайдошавии робитаҳои байнифаннӣ асос гаштааст, ки он дар навбати худ ба низоми муосири таҳсилоти умумӣ нигоҳи навро ба робитаҳои байнифаннӣ – педагогикаи ҳамкориро додааст. Ба андешаи С.Е.Коврова интегратсия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар якчанд самт ва дар сатҳҳои гуногун ба амал меояд [85. с.42]. Дар фанни география бошад, интегратсия дар асоси муҳтаво муҳим аст: интегратсияи мавод аз фанҳои анъанавӣ, классикӣ ва воридшавии онҳо ба курсҳои нав, дар ҳолати мо ба информатика мебошад. Дар бурриши ин гуна муносибатҳо дарсҳои интегратсияшудаи сатҳ ва хусусияти гуногундошта ҳамчун санҷиши худи муаллим дар самти нав истифода мегардад. С.Е.Коврова раванди интегратсияро таҳқиқ карда ду намуди он: амудӣ (якҷоякунии мавод, ки дар солҳои гуногуни таҳсил бо намудҳои мушкилтар такрор мешаванд) ва уфуқӣ (якҷоякунии маводи ба ҳам монанди фанҳои гуногун) муайян кардааст [86. с.142]. Дар фанни география ин якҷоякунии фанҳои гуногун ва кӯшишҳои тарафҳои гуногун бо мақсади рушд додани донишҳои

географии хонандагон мебошад. Дарсҳои интегратсияшудаи географияро дар сатҳҳои дохили фан ва ё байнифаннӣ гузаштан мумкин аст. Муҳаққиқ А.Б. Лантсова сатҳи дигари интегратсияро қайд кардааст, ки он ҳамкории муаллими география бо кормандони муассисаҳои илмӣ мебошад [75]. Ҳаминро бояд гуфт, ки имкониятҳои интегратсия ҳамчун воситаи ташкили дарс бемаҳдуданд.

Агар нигоҳ кунем, олами атрофи хонанда пора-пора гаштааст, ба ҳиссаҳо ва фанҳо ҷудо карда шудааст ва ӯ барои омӯхтани география, воситаҳои ҳамкорӣ бо одамон ва ҷаҳон вақт ва қувват надорад. Масъалаи модернизатсияи дарс ҳамчун шакли асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба вуҷуд меояд. Айни замон дарси интегратсияшуда дар баробари 29 намуди дарсҳои аз тарафи умум эътирофшуда дарси ғайристандартӣ ба шумор меравад. Натиҷаҳои таҳқиқоти дар ин соҳа гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки интегратсия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз самтҳои фаъоли ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳои педагогӣ буда, барои рушди потенсиали эҷодии ҷомеаҳои педагогӣ бо мақсади таъсиррасонии оқилона ва самарабахш ба хонандагон мебошад. Имрӯзҳо низ мисли пештара самти муҳими таълими география, ба механизми додан ва соҳиби дониш гардонидан алоқаманд аст. Муаллимон аксар вақт аз «хотираи сусти хонандагон» шикоят мекунанд, аммо онро ба назар намегиранд, ки «маълумоти тайёр» наметавонад, ки барои ба хотир гирифтан ва фаҳмидани объекти омӯзиш ҳамчун пойгоҳ хидмат кунад. Нафаре, ки иттилоотро аз дасти дуввум мегирад, аз зарурияти мустақилона фикр кардан озод мешавад. Аз ҳамин сабаб барои таълими фанни география имрӯзҳо аз пештара дида зиёдтар ҷалбкунии муносибатҳо ва тарзҳои нави дарсгузарӣ талаб карда мешавад. Солҳои охир доир ба ин мавзуъ даҳҳо диссертатсия ҳимоя ва ё ба ҳимоя пешниҳод гаштанд, корҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ нашр шуданд, муҳокимаи ин мавзуъ дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмӣ пурзӯр гашт. Дар фаҳмиши дастгоҳи категориявии педагогҳо истилоҳҳои модернизатсия, интегратсия ва информатизатсия

васеъ истифода бурда мешавад. Дар баробари ин як гурӯҳи муаллифон тасдиқ мекунанд, ки иттилоотигардонии маориф ҳамчун соҳаи илмӣ-педагогӣ дар ҳолати шаклгирӣ, хулосабардорӣ аз маълумоти таҷрибавӣ ва натиҷаҳои ҷустуҷӯйҳои ақлонӣ қарор дорад. Бо ҷонибдорони ин нуқтаи назар баҳс накарда, ҳаминро қайд мекунем, ки масъалаҳои иттилоотигардонии маориф таҳқиқ шудааст ва ба таври хӯшавӣ ба мо пешниҳод гаштааст. Дар чунин майдони баҳси проблемавӣ-мавзӯӣ масъалаҳои ҳалнашуда хеле зиёданд. Алалхусус, масъалаҳои марбут ба раванди пешгӯикунандаи соҳавии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти тамоюли иттилоотигардонии маориф, истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар дарсҳои география бениҳоят кам мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Тадриҷан истифода бурдани технологияи мавҷудаи иттилоотиро дар дарсҳои география прогресс номидан дуруст нест. Аз ҳамин сабаб, барои он ки технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои беҳтаргардонии иҷроиши барномаҳои таълимӣ хидмат кунад, он бояд махсусан бо ҳамин мақсад ба нақша гирифта шавад. Ба андешаи мо, банақшагирии таълими география бояд дар якҷоягӣ амалӣ карда шавад. Звенои марказӣ дар маҷмӯи масъалаҳо, чунон ки тасаввур мегардад, ташкили раванди таълими пурмӯҳтаво ва аз лиҳози техникӣ муҷаҳҳаз, дорои компонентҳои қатъии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад. Корҳои таҷрибавии гузаронидашуда собит карданд, ки барномаҳои компютерӣ дар омӯзонидани фанни география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ афзалиятнок буда, аҳамияти зиёд доранд. Дар омӯзиши фанни география зинаи нав – шахсӣ - соҳавӣ ва таълимоти инкишофдиҳанда мебошад, ки он кафили рушди солими ҷомеа аз нуқтаи назари иттилоотӣ ва ақлонӣ мебошад. Истифодабарии оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар дарсҳои география танҳо ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки муаллими фанни география доимӣ фарҳанги иттилоотии худашро боло бардорад ва бо донандагони ин соҳа ҳамкории зич дошта бошад. Дар ташкили раванди таълим интегратсия бо истифодаи барномаҳои компютерӣ дарси географияро

шавқовар ва самаранок мегардонад. Интегратсия дар таълими география ҳамаи соҳаҳои навро фаро мегирад. Муаллими муосир бо истифодаи интернет имконият дорад, ки аз синф ва ё хона берун набаромада аз дастовардҳои тамоми олам дониш ба даст орад. Бо баробари рушди интернет кори муаллими география боз ҳам самараноктар гашт. Ҳамчунин имкониятҳои технологияҳои нав дар санҷиши дониш, истифодаи донишҳо дар амал хеле васеъ буда, бояд таҳқиқоти жарфу мунтазам бо мақсади истифода бурдани онҳо дар фаъолияти педагогӣ гузаронида шавад. Интегратсия дар ташкили дарси география яке аз воситаҳои бедор кардани шавқи маърифатии хонандагон мебошад. Барномаҳои маърифатии компютериро чунон бояд истифода бурд, ки хонандагон барои мустақилона гирифтани иттилоот кӯшиш кунанд, маълумотро сарчин ва коркард карда тавонанд. Дар фанни география истифодаи барномаҳои компютерӣ ба он нигаронида шудааст, ки хонандагон худро шахси эҷодӣ ва истифодабарандагони технологияҳои нав ҳис кунанд. Интегратсия ҳамчун воситаи ташкили дарси география яке аз воситаҳои пешбаранда буда, имкониятҳои он сол аз сол ба шарофати ба вуҷуд омадани технологияҳои нави таълимӣ васеъ мегардад.

## 1.2. Воситаҳои аёнии модернизатсияшуда ва аҳамияти онҳо дар ташаккули шавқи маърифатии хонандагон

Дар фаҳмиши оддӣ география илм дар бораи Замин аст. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври шифоҳӣ гузаштани дарси география доир ба объектҳо ва зуҳуроти омӯхташаванда тасаввуроти дуруст ҳосил кунонида наметавонад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии муаллимони фанни география дар раванди таълим оқилона истифода бурдани воситаҳои аёнӣ мебошад. “Ягон фанни таълимӣ чун география шавқовар ва дар айни замон ба воситаҳои аёнӣ зиёд ниёзманд намебошад” – навишта буд ҷуғрофидони машҳури рус Н.Н. Баранский [18, с.96].

Воситаҳои аёнии методӣ барои дар хонандагон инкишоф ёфтани тафаккури образнок, тезии даркккунӣ, мушоҳидакорӣ ва хотираи биноӣ

аҳамияти калон доранд. Он ба ҳиссиёти шахсиашон таъсири мусбат расонида, фаҳмидани аҷоиботи табиату меҳнат, қадр кардани зебогии манзараҳои маҳалли зисту Ватанашон ва дар маҷмуъ Заминро меомӯзонад.

Дар рафти таълим истифода бурдани принсипи аёниятнокӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳанӯз чандин аср пеш аз мелод дар муассисаҳои таълимии Миср, Чин, Юнон, Рим ва дигар кишварҳо аз он истифода мебурданд. Масъалаҳои марбут ба мақом ва аҳамияти воситаҳои аёнии таълим дар илми педагогика аз асри XVII мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва доир ба он П.Ф.Каптерев [72], М.В. Ломоносов [112], А.С.Макаренко [119], Н.И.Пирогов [153] ва дигарон аввалин шуда андешаҳояшонро иброз дошта бошанд, пас дар андешаҳо ва таҳқиқоти педагогҳои муосири рус ба монанди Л.В. Занков [62], Н.А. Кисилева [77], О.В. Крилова [105], И.Я. Лернер [113], И.И. Мархель [122], Н.Н. Петрова [151] ва дигарон идома ва такмил дода шуданд. Аз олимони тоҷикистонӣ перомуни масъала У.Зубайдов [64], И.Х.Каримова [74], М. Лутфуллоев [114], С.А.Саидов [172], М.Г.Шарипов [198], Ф.Шарифзода [200] ва дигарон андешаҳояшонро баён кардаанд. Дар нимаи дуюми асри XX дар адабиёти методӣ нисбати ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуда, барои муассисаҳои таълимӣ комплекси воситаҳои аёнии таълимӣ таҳия шуданд.

Тавассути воситаҳои аёнии таълим дар хонандагон дарки беҳтари фанҳо ва равандҳои муҳити атроф ба вуҷуд омада, тасаввурот, дуруст инъикос кардани воқеияти объективӣ, таҳлили зуҳуроти даркшуда ва дар робита бо вазифаҳои таълимӣ хулосабардорӣ шакл мегиранд.

Истифодаи воситаҳои аёнӣ на танҳо дар хонандагон тасаввуроти образнокро ба вуҷуд меорад, балки барои шакл гиронидани фаҳмиши дар бораи робитаҳо ва ҳамбастагиҳо, ки яке талаботи муҳимтарини дидактика мебошад, мусоидат мекунад. Ҳис кардан ва фаҳмидан – зинаҳои гуногуни раванди ягонаи маърифат мебошад.

Ҳанӯз Я.А.Коменский дар «қоидаҳои тиллоӣ» навишта буд: «ҳама чизро барои қабули ҳиссиёт пешкаш кардан лозим аст…». Талабот дар бораи он ки хонандагон донишро пеш аз ҳама аз мушоҳидаҳои худ ҷаббида гиранд,

дар роҳи мубориза бо усулҳои таълими догматикӣ ва схоластикӣ аҳамияти беандоза дошт. Ӯ қайд карда буд, ки «методи таълим бояд, ки ба як санъат табдил ёбад. Онро бояд дар чунин асоси мустаҳкам гузошт, ки таълим ба пеш равад ва аз натиҷаҳояш фиреб хӯрда нашавад» [91, с.68].

Масъалаҳои марбут ба принсипи аёниятнокӣ дар асарҳои Г. Пестолотси такмил ёфта, ҷамъбаст гардиданд. Вай зарур будани воситаҳои аёниро дар раванди таълим таъкид карда, чунин меҳисобид, ки аъзои ҳисси инсон худ ба мо маълумоти парокандаро доир ба муҳити атроф ҷамъоварӣ мекунад. Таълим бояд ин парокандагиро дар мушоҳидаҳо барҳам занад, байни ашё фарқ гузорад, якнавъӣ ва ба ҳам наздикро пайваст кунад, яъне дар хонандагон фаҳмишро ба вуҷуд орад.

Дар дидактикаи муосир мафҳуми аёниятнокӣ ба навъҳои гуногуни ҳис (биноӣ, шунавоӣ, дарккунӣ ва ғ.) дахл дорад. Аммо як навъи воситаи аёнӣ аз навъи дигар ба таври мутлақ афзалиятнок ҳисобида намешавад.

Пӯшида нест, ки ҳиссиёти инсон, ки маълумотро аз муҳити атроф ба даст меоранд, зинаи аввали маърифат ба шумор меравад. Дар зинаи дуввум донишҳо дар намуди фаҳмиш, қоида ва қонунҳо ба даст оварда мешаванд. Барои он ки донишро хонандагон дарк кунанд ва воқеияти объективиро дар худ инъикос карда тавонанд, бояд раванди таълим барои ҳисси онҳо такягоҳро таъмин кунад. Ҳангоме ки дар хонандагон тасаввуроти образноки даркорӣ ба вуҷуд омадааст, онҳоро барои шакл гиронидани фаҳмишҳо ва инкишофи диққату тафаккури хонандагон истифода кардан лозим аст. Масалан, фаҳмиш дар бораи «кӯл» баъди тамошои филми таълимӣ дар бораи кӯлҳо ба вуҷуд меояд ва ё муаллим аввал дар бораи хуруҷи вулқон маълумот дода, баъд онро дар намуди маҷозии ин зуҳуроти табиат нишон медиҳад. Аёниятнокӣ якчанд функсияҳоро иҷро мекунад:

- ба аз сари нав сохтани шакл, асли зуҳурот, сохтор, робита ва ҳамгунагии он барои тасдиқи назарияи омӯхташуда мадад мерасонад;
- барои ба ҳолати фаъол овардани ҳамаи анализаторҳо ва равандҳои психологии ҳиссиёт ва дарккунӣ, тасаввурот, ки дар натиҷаи асосҳои

ғании таҷрибавӣ ҳосил гаштаанд, барои фаъол гаштани тафаккури хулосабарорӣ ва таҳлилии хонандагон ва омӯзгор кӯмак мекунад;

- дар хонандагон фарҳанги визуалӣ ва шунавоиро шакл мегиронад;

- ба муаллим маълумоти баръаксро пешниҳод мекунад: бо саволгузорӣ доир ба азхудкунии маводи пешниҳодшаванда, доир ба вусъати фикри хонандагон дар дарки зуҳурот хулоса кардан мумкин аст.

Байни мафҳумҳои принсипи аёниятнокӣ ва методҳои аёнии таълим фарқ гузоштан мумкин аст.

Принсипи аёниятнокӣ – яке аз ҳолатҳои аввалаи дидактика аст, ки самтҳои кор бо маводи аёниро муайян карда, истифодаи ҳатмии онро дар раванди таълим ба назар гирифтааст. Принсипи аёниятнокӣ дар раванди таълим ҷалби воситаҳои гуногуни аёниро дар раванди таълими хонандагон ва дар онҳо шакл гиронидани малака ва маҳоратҳои гуногунро ифода мекунад. Моҳияти принсипи аёниятнокӣ дар он ифода мегардад, ки дар он хонандагон ҳисси маърифатро таҷриба мекунанд, ки он ҳам барои ба таври мукаммал аз худ кардани мафҳумҳои абстрактӣ зарур аст.

Дар навбати худ методи аёнӣ ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани ҳолати аввала, ки дар низоми таълим бо истифодаи воситаҳои аёнӣ хотима меёбад, тавсиф мегардад. Дар ҳолатҳои муайян воситаҳои аёниро хонандагон ба таври мустақилона барои ба даст овардани донишҳои нави образнок ва ҳамчунин дорои хусусияти абстрактӣ-мантиқӣ истифода баранд. Ин вазифаро дар замони ҳозира воситаҳои аёнии модернизатсияшудаи нав (иттилоотӣ-коммуникатсионӣ) таъмин мекунанд.

Инро ҳам бояд қайд кард, ки истифодабарии бешуурона ва аз ҳад зиёди воситаҳои аёнӣ дар машғулиятҳо метавонанд, ки самараи манфӣ диҳанд.

Дар робита ба ин, як қатор шартҳоро дида мебароем, ки барои истифодаи воситаҳои аёнӣ риояи онҳо зарур мебошанд:

- истифодаи аёният бояд ба синну сол ва махсусиятҳои ҷисмониву психологии хонандагон мувофиқ бошанд;

- аёниятҳо бояд бо андозаи муайян истифода гарданд ва онро танҳо дар лаҳзаи лозимаи дарс нишон додан лозим аст;

- ҳангоми нишон додани расмҳо чизи асосӣ фарқ карданаш лозим аст;

- ҷузъиёти дарккунии хонандагон дар дастури пешниҳодшаванда (сарфаҳм нарафтан ба фаҳмонидадиҳӣ, ҷудо кардани чизи асосӣ, шарҳдиҳӣ ва ғ) фикр карда шаванд;

- маводи аёнӣ бояд пурра бо муҳтавои маводи омӯхташаванда мутобиқат кунад;

- ҷалби хонандагон ба ҷустуҷӯ ва таҳлили маълумоти дилхоҳ дар таҳияи маводи аёнӣ ва ё таҷҳизоти нишондиҳанда;

- оқилона пайвастани шакл ва методҳои расонидани маводи таълимӣ ва корҳои таълимии хонандагон бо назардошти махсусияти воситаҳои аёнии таълимӣ.

Вазифаҳои дидактикӣ, ки бо кӯмаки воситаҳои аёнӣ ҳалли худро меёбанд:

1. Ҷалби низоми сенсории ҳифзшуда дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон.

2. Шакл гиронидани образҳои мақсаднок, воқеияти қатъӣ.

3. Боло бардоштани самаранокии идрок ва фаъолияти репродуктивии кӯдакони дорои нуқсони босира.

4. Расонидани маълумоти нисбатан пурра ва дақиқи иттилооти таълимӣ, дар натиҷаи ин боло бардоштани сифати таълим.

5. Боло бардоштани сатҳи дастрасии таълим.

6. Боло бардоштани суръат (темп) - и баёни маводи таълимӣ.

7. Боло бардоштани шавқмандии хонандагон, қонеъ гардонидани пурсишҳо ва ҳисси кунҷкобии хонандагон.

8. Кам кардани ҳолати хасташавии бачагон дар машғулиятҳо.

9. Зиёд ҷудо кардани вақт барои корҳои мустақилонаи хонандагон.

Бо истифодаи воситаҳои аудиовизуалии муосир мумкин аст, ки объектҳо ва зуҳуроти диданашаванда, зарраҳо, садо, мафҳумҳои абстрактии назариявӣ ва ғ. визуалӣ гардонида шаванд, яъне образи муайяни дидактикии

онҳо – модел сохта шавад. Дар модел ҳама вақт се навъи функсия: изоморфӣ-инъикоскунӣ, ҳиссӣ-визуалӣ, интегративӣ-абстрактӣ хос аст. Махсусан чунин сифатҳо дар истифодаи комютер ва аз ҷумла муаррифии бисёррасонаии Power Point равшан ифода мегардад.

Дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ истифодабарии воситаҳои аёнӣ ба шаклгирии шавқи маърифатнокшавии хонандагон мусоидат мекунад. Тарафи объективии инкишофи чунин шавқмандӣ сатҳи баланди таълим ва муҳтавои ғании илмии он мебошад, ки аз лиҳози педагогӣ мақсаднок барои фаъолонаву мустақилона маърифатнок гаштани хонандагон ташкил мешавад. Нақши маърифатии шавқмандӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳам дар таълим ва ҳам дар омӯзиш барандаи захираҳои дохиливу берунӣ буда, омилҳои субъективӣ ва объективӣ фаъолияти якҷояи самараноки хонандагону муаллимонро ташкил мекунад. Манфиатҷӯӣ қувваи маърифаткунӣ, ҳосилнокӣ, сабукӣ ва зудамалиро ба ҳам меорад; инсон таҳти таъсири манфиатҷӯӣ қарор гирифта, маърифатнок шудан ба ӯ «маънои шахсӣ» мегирад; дар такя ба манфиатҷӯӣ ҳамаи намуди фаъолияти хонанда самаранок мегардад.

Сатҳи манфиатҳои маърифатии хонандагонро аз назар гузаронида мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар як синф гарчанд ки шароити якхела ташкил гаштааст, аммо воридшавии хонандагони ҳамон синф ба раванди маърифат гуногун аст. Аммо барои як гуруҳ сатҳи шавқмандӣ дар зиёд кардани маърифати ҳақиқат бошад, барои гуруҳи дигар ҳамчун амалияи донишҳои гирифта ба шумор меравад, ки ӯ бо истифодаи онҳо чизи воқеӣ ва ҳисшавандаро ба вуҷуд меорад.

Хусусияти манфиати маърифатӣ, самтҳои онро дар якҷоягӣ бо омилҳо ва шароити зиёд дида баромадан лозим аст: дар кадом асос ин ё он самти манфиати маърифатӣ ба вуҷуд меояд? Барои маърифатнокӣ онро чӣ тавр ба даст овардан мумкин аст? Ҳамаи ин саволҳо барои омӯзиши кӯшишу ғайрат, талабот ва манфиати хонандагон дар раванди таълим муҳим мебошанд. Хусусияти манфиати маърифатӣ чи гуна ки бошад, он асоси муҳиму мустаҳкам аст, ки дар такя ба он на танҳо

дурнамои инкишофи шавқи хонанда ба дониш, балки шахсияти ӯ пешгӯӣ карда мешавад.

Ба андешаи мо якчанд намуди муносибат барои инкишоф додани манфиати маърифатии хонандагон дар дарсҳои география мавҷуданд:

1. Ҳолати ҳиссиётии шавқмандӣ, ки маълумот дар бораи атмосфера, гидросфера, биосфера, таъсири мутақобилаи ҳодисаҳои табиӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд овардаанд.

2. Шавқмандӣ ба маърифат тавассути аз тарафи хонандагон хостани чуқур донистани воқеияти ҳодисаҳои табиат инкишоф меёбад. Барои ба ин ноил гардидан ба ғайр аз маълумоти китоби дарсӣ ба таври доимӣ доир ба дастовардҳои илмӣ ва амалии география, дар бораи табиати кишвари маҳбуб ва монанди инҳо ба хонандагон маълумот дода мешавад.

3. Истифодабарии робитаҳои байни фанҳо. Муаллим ба хонандагон на танҳо масъалаҳои география, балки масъалаҳои ба он вобастаи иҷтимоӣ-иқтисодиро ҳам шарҳ дода, бо ин роҳ донишҳои хонандагонро жарф мегардонад, ки он барои рушди ҷаҳонбинӣ ва зиёд гардидани шавқмандии онҳо ба фан мусоидат менамояд.

4. Истифодабарии методҳои ҷустуҷӯӣ, масъалаҳое, ки хонандагонро барои мустақилона хулоса баровардан ангезиш медиҳад.

5. Ба таври васеъ дар дарсҳои география истифодабарии воситаҳои аёнӣ.

Аёният маърифатнокшавии хонандагонро дар дарси география фаъол мегардонад. Асбоби асосии маърифат тафаккур мебошад. Аз ин рӯ, алоқаи онро бо дигар равандҳои маърифатӣ ба назар гирифта, аҳамияти онро дар ташкили таълим кам надониста, ба раванди роҳбарии фаъолияти хонандагон барои инкишофи фаъолияти фикрронӣ ва амалиёти мушаххаси тафаккур (таҳлил, синтез, муқоиса, таснифот, хулоса ва ғ.) фурсат ҷудо кардан лозим аст. Тафаккур дар дарсҳо дар намудҳои гуногун – мафҳумҳо, муҳокима, хулосабарории ақлӣ, фарзия ва назария ба амал омаданаш мумкин аст.

Мафҳум – яке аз намудҳои олии тафаккур, шакли инъикоси ҳақиқати материалӣ мебошад. Он як навъи инъикос аст, ки ҳақиқати ашё, хусусиятҳои аслӣ ва сифатии онҳо, табиати тазодноки онҳоро ифода мекунад.

Барои он ки тасаввурот дар бораи мафҳум пайдо шавад, дар марҳалаи аввал таъсири ин ё он ашёро ба аъзои ҳис дарк кардан лозим аст. Ин метавонад, ки чашм, фаҳмиш, ҳисси ломиса ва ғ. мебошанд, ки ҳангоми рӯ ба рӯ гаштан бо ашё зарур мебошанд. Чунин дастовард пеш аз ҳама, ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо воситаҳои аёнӣ ва муҳим аз ҳама, воситаи мултимедия – бисёррасонаӣ ба амал оварда мешавад. Дар марҳалаи дуюм бошад, ба он таҷриба ва донишҳои пештар ҳосилшуда дар бораи ашё ҳамроҳ мегардад, яъне таҳлил ва синтези мустақилонаи мушоҳидаҳо ва дониши пештар бадастоварда амалӣ мегардад.

Ҳамаи ин ба шаклгирии мафҳумҳои таҷрибавӣ оварда мерасонад. Муқарраран, воситаҳои аёнӣ заминаи ибтидоӣ ва аниқтараш ҷаҳише мешавад, ки схемаи ҳис – идрок – тасаввурот – мафҳум амал кунад.

Барои он ки раванди таълими мафҳумҳо самаранок гузаронида шаванд, олимони зиёд, аз қабили В.В. Гузеев [51], А.В. Усова [192] ва диг. марҳилаҳои шаклгирии мафҳумро коркард кардаанд:

1. Дарки ҳиссии мушаххас, ки дар шароити гуногун (масалан, мушоҳидаи объекти нишондодаи муаллим) амалӣ мегардад.
2. Муайянкунии хусусиятҳои умумӣ ва синфии объектҳои мушоҳидашаванда.
3. Таҷдиди назар.
4. Аниқ кардани мафҳум.
5. Аниқ кардан ва дар хотир нигоҳ доштани нишонаҳои мушаххас ва монанди инҳо.

Агар схемаи шаклгирии мафҳумро таҳлил кунем, мебинем, ки марҳилаи аввали он дар гузаронидани дарсҳо бо истифодаи воситаҳои аёнӣ сохта мешавад ва дар ҳолати мавриди назари мо он мултимедиа (бисёррасонаӣ) мебошад. Ташкили мушоҳидаи ашёи якхела ва ё зуҳурот аз

тарафи хонандагон тасаввуроти аёниро доир ба зуҳурот, ашё ва ё қонуни он ба вуҷуд меорад.

Дар марҳалаи дуюм бо кӯмаки аёният дар хонандагон шакл гиронидани ҳаракатҳои махсус ба ашё пешниҳод мегардад, ки тавассути он бо истифодаи маводи таълимӣ модели алоқаи объектҳо муайян ва сохта мешаванд ва сипас хусусияти онҳо омӯхта мешавад.

Дар марҳалаҳои дигар истифодабарии аёният ба андозаҳои гуногун ба назар гирифта шудааст, яъне ба шароити моддии фаннӣ, ба базае, ки онҳо мафҳумҳоро ба вуҷуд меоранд, амалҳои фаннии хонандагон такя карда мешавад.

Ҳамин тавр, ин схемаро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аёният дар таълими фанни география ва раванди шаклгирии мафҳумҳо аҳамияти зиёд дорад. Воситаҳои аёнии таълим дар маҷмуъ яке аз принсипҳои таълим – принсипи истифодабарии аёниятро ба ҷо меоранд, ки ба он дарккунии воқеияти муҳити атроф шомил буда, бо кӯмаки аёният тасаввуроти мушаххасу равшани ҳиссӣ доир ба объектҳои географӣ ва ё зуҳуроти омӯхташаванда ба вуҷуд меояд. Дар дарсҳои география истифодабарии аёният яке аз роҳҳои асосии инкишофи манфиати маърифатии хонандагон буда, дар онҳо фаъолшавии фаъолияти ақлониро ба вуҷуд меорад, барои шаклгирии мафҳумҳо ва мотивҳо нақши муҳим дорад, ҳамчунин мустақилӣ ва ташаббускории онҳоро дар раванди таълим инкишоф медиҳад. Дар дарсҳо истифодабарии воситаҳои аудиовизуалӣ сатҳи азхудкунии дониш, малака ва маҳоратро боло мебардорад.

## 1.3. Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои фаъолгардонии шавқи маърифатии хонандагон дар дарсҳои география

Муваффақияти таълим аз бисёр ҷиҳат ба риояи ҳамаи равандҳои азхудкунии фаъолияти маърифатии хонандагон вобаста аст. Мо чунин мешуморем, ки барои шаклгирии манфиати маърифатии хонандагон

омилҳои зиёд ба монанди шахсияти омӯзгор, муҳтавои фан, воситаҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, методҳои таълим, намудҳои фаъолияти маърифатӣ, шароити моддии таълим ва ғайраҳо таъсир мерасонанд. Фаъолияти таълимӣ мисли дигар намуди фаъолиятҳо аз ҳавасмандӣ, ки мотиви он тавассути манфиати маърифатӣ, ки ҳамчун шакли интихобкардаи шахсият дар раванди маърифат аст, ифода мегардад. Ба критерияи манфиати маърифатӣ инҳо дохил мешаванд: махсусияти рафтори хонандагон, фаъолона ворид шудан ба фаъолияти таълимӣ, диққати худро равона кардан ба ин фаъолият, дар хонандагон ба вуҷуд омадани саволҳо, ки ба муаллим медиҳанд. Маҳз дар асоси мароқ зоҳир кардан дар хонандагон ҳавасмандӣ нисбати омӯзиш инкишоф меёбад, ки он ба амалишавии принсипи муҳити ҳиссии мусбати таълим алоқаманд мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки донишҳо «бо иштиҳо фурӯ бурда мешаванд», яъне таҳсил бояд шавқовар бошаду дар фаъолияти инсон ҳиссиёт нақши калон бозӣ кунад. Коре, ки ба он шахс даст мезанад, ӯро машғул медорад, ба ӯ фишор намеорад, зуд иҷро шуда натиҷаи хуб меорад. Аз ҳамин сабаб, фаъолияти таълимӣ бояд бо пешравӣ ба амал баровардa шуда, дорои ҳиссиёти мусбат ва хурсандиовар бошад. Воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти маърифатӣ зиёданд. Пеш аз он ки амал кунанд, хонандагон бояд ботинан ба қабули дониш, ба фаъолияти таълимӣ руҳан ва ҷисман омода бошанд.  Бо ин мақсад ба омодагии ҷойи кор, ба мавҷудияти манбаъҳои донишҳои географӣ: харита, китоби дарсӣ, маводи тақсимотии дидактикӣ, воситаҳои аёнӣ ва ғ. диққатро равона кардан лозим аст.

Масъалаи зоҳир кардани шавқ ба маърифат дар асарҳои олимони муосир: Б.Г. Ананев [11], Л.И. Божович [25], В.Г. Бондаревский [27], А.Г. Ковалев [84], А.Г.Маркова [123], Н.Г. Морозова [133], В.Н. Мясишев [134], Н.В. Роберт [167], С.Л. Рубинштейн [171], Г.И. Шукина [209] ва дигарон инъикос ёфтааст.

Барои таҳқиқоти мо асарҳои У.Зубайдов [64], И.Х.Каримова [74], М.Лутфуллоев [114], С.С.Мирзоев [129], М.Г.Шарипов [198], Ф.Шарифзода [200], Ш.А.Шаропов [204], ки дар онҳо масъалаҳои умумии инкишофи

фаъолияти маърифатии хонандагон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд, аҳамиятнок мебошанд.

Таҳқиқоти назариявӣ-методии масъалаҳои марбут ба зоҳир кардани мароқ ба маърифатнокӣ дар раванди таълим аз нуқтаи назари педагогҳо ва психологҳои ватаниву хориҷӣ имкон медиҳад, ки моҳият, муҳтаво ва сохтори мароқ ба маърифта аниқ гардад.

А.Н. Леонтев шавқ ба маърифатро махсусан дар соҳаи фаъолият меомӯзад [110]. А.Г. Маркова мароқзоҳиркунии маърифатиро ба зуҳуроти интегралии самти ҳавасмандгардонӣ марбут медонад [123]. Г.И. Шукина мароқзоҳиркунии маърифатиро бо хусусияти муҳими инсон, ки дарки муҳити атроф, гуногунрангии он буда, дар зеҳнаш моҳияти онҳо инъикос гаштаанд, муқоиса кардааст [209, с.352]. Муаллиф чунин меҳисобад, ки умуман мафҳуми мароқзоҳиркунӣ ба маърифат гуфта, самти интихобкардаи инсонро дар дарки ашё, зуҳурот, воқеаҳои муҳити атроф, ки равандҳои психологӣ ва фаъолияти инсонро фаъол гардонида, имкониятиҳои маърифатии ӯро васеъ мекунанд, фаҳмидан мумкин аст [209, с.185].

М.Лутфуллоев манбаи шаклгирии шавқ ба маърифатро истифодаи таҷрибаи амалӣ, ташкили корҳои гуногуни мустақилона, махсусан корҳои эҷодӣ ва ташкили ҳолатҳои проблемавӣ медонад [114, с.196]. В.Г. Бондаревский муҳтавои маводи таълимиро, ки хонандагон аз худ мекунанд, ҳамчун раванди гуногуншакл ва ҳаматарафаи фаъолияти таълимӣ ва барои иштирокчиёни раванди таълим умумӣ баррасӣ кардааст [27, с.81]. Дар мувофиқат бо чунин муносибат шавқ ба маърифат раванди барои фаъолияти хонандагон доимо амалкунанда ва бо ҳавасмандгардӣ ҳамроҳ мебошад, ки он «зиёд ва зиёдтар мустаҳкам гардида, охири охирон ба хислати устувори инсон ба шахсияти ӯ» мустаҳкам мегардад.

Б.Г.Ананев равандҳои ҳиссиётӣ, интеллектуалӣ ва иродавиро, ки ба сохтори психологии шавқ дохил мешаванд ба риштаи таҳқиқ кашида, табиати дохилии он, ки дар маҷмӯи ин равандҳо ифода меёбанд, дида баромадааст [11, с.41].

Г.И. Шукина шавқро ҳамун сифати таълими интегралӣ, ки боигарии маънавии инсонро таъмин мекунад, барои сарчинкунии чизҳои барои шахсияташ муҳиму арзишнок мадад мерасонад, шарҳ додааст [209, с.190].

Дар доираи таҳқиқоти ҷорӣ ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки шавқ ба маърифат ҳамчун воситаи таълим бо проблемаи шуғлнокӣ, ки дар як қатор корҳо доир ба психология ва педагогика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, алоқаманд мебошад. Дар самти омӯзиши раванди зоҳиркунии шавқ ба маърифат як қатор самтҳоро ҷудо кардан мумкин аст. Шавқ ба маърифат ҳамчун воситаи таълим, ҳавасмандгардонӣ ба омӯзиш дар асарҳои О.С. Василева, А.Г. Маркова, О.В. Прозорова тавсиф гаштааст [32, 123, 162].

Дар асарҳои илмии В.Б. Бондаревский ва Г.И. Шукина [27, 209,210] шавқ ба маърифат асбоби самараноки педагог ва воситаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон шарҳ дода шудааст. Ба шарофати ба вуҷуд омадани шавқ ба маърифат равиши корҳои педагогӣ ҷолиб гашта, диққати ихтиёрии хонандагонро ба масъала ва вазифаҳои гузошташуда ҷалб мекунад.

Ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки ҷустуҷӯи шаклҳои самаранок, метод ва воситаҳои инкишофи шавқи маърифатӣ ба инкишофи сифатҳои шахсии хонандагон алоқаманд мебошад. Таҳлили корҳои илмии педагогӣ нишон дод, ки олимон навъҳои гуногуни воситаҳои педагогиро ҷудо кардаанд. Чунончи, В.Б. Бондаревский барои шаклгирии мароқзоҳиркунии чуқур ба машғулиятҳоро дар шакли бозӣ дида баромадааст, ки мутобиқи он муаллим фактҳо, маълумоти аҷоибро интихоб карда вазифаҳои хусусияти эҷодидошта мегузорад, ки хонандагон мушоҳидаҳо, тасаввурот, фантазия ва азхудкунии адабиёти илмӣ-оммавиро дар ташкили озмунҳо ва мусобиқаҳо истифода мекунанд [27].

И.В. Душина, Е.А. Таможняя ва В.Б. Пятунин чунин мешуморанд, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти маърифатӣ ҳаҷми маълумотнокии дарсро густариш додан лозим аст [57, с.147]. Э.Н.Абдулаев чунин роҳҳоро ба монанди дарккунии аҳамияти дониш, дар дарсҳо истифодабарии методҳои

эвристӣ, аз ҷумла проблемавӣ, баҳогузориро ҳамчун воситаи шаклгирии мароқзоҳиркуниҳои мусбат асоснок кардааст [1, с.24].

Г.И. Шукина интихоби муҳтавои муайяни маводи таълимӣ: ҳамоҳангии шаклҳои кори инфиродӣ ва ҷомеавӣ, гуногунрангии корҳои мустақилонаи хонандагон, истифодаи ҳаматарафаи таъсири санъатро ҳамчун воситаи инкишофи шавқ ба маърифат ва таъсиргузор ба хислатҳои шахсӣ донистааст [209, с.16].

Таҳлили корҳои психологӣ-педагогӣ доир ба масъалаи инкишофи шавқи маърифатӣ ва истифодаи воситаҳои педагогии амаликунии раванди мазкур муайян кард, ки он воситаи ҳавасмандгардонии таълиму фаъолият буда, барои бомуваффақият аз худ кардани дониш, малакаву маҳорат мусоидат мекунад, барои ҳамкории муайянгардидаи педагогӣ мусоид аст, барои раванди комёби таълим зарур мебошад. Он бо доштани нововарӣ, интихоби озод, самтнокӣ хусусияти интихобӣ доштанаш, зоҳиршавии ботинӣ тавсия мегардад.

Шавқу рағбат ба маърифат – шакли самтнок дар омӯзиши фан аст, ки инсонро ба намудҳои гуногуни фаъолият ва фаъолшавии он ангезиш мебахшад [209, с.36].

Таҳлили психологӣ-педагогии адабиёт нишон дод, ки агар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти шахсӣ, ҳамаи намудҳои фаъолият ва шавқу рағбатро ба назар гирем, он хеле гуногун аст (А.Г. Ковалёв, С.Л. Рубинштейн, Н.Ф. Добринин, Т. Рибо).

Ҳарчанд ки масъалаи шавқ ба маърифат дар осори олимони педагог ва психолог ба таври васеъ кушода шудааст, айни замон масъалаи инкишоф додани шавқи хонандагон ҷиддӣ меистад. Ин ба он вобаста аст, ки марҳилаи муосири инкишофи ҷамъият ба раванди иттилоотигардонии ҳамаи самтҳои фаъолияти ҳаётии инсон равона гаштааст. Аз ин маҷро соҳаи маориф истисно нест. Аз ин рӯ, барои инкишоф додани шавқ ба маърифат зарур аст, ки на танҳо асосоҳои муқарраркардаи назариётчиёни машҳур, балки ҳама гуна имкониятҳои истифодаи технологияи замонавиро ба назар гирифтан лозим аст.

Таҳқиқоти муаллифони зиёд собит кардааст, ки фанни география ҳамчун фанни таълимӣ барои инкишоф додани шавқи хонандагон имкониятҳои фаровон дорад. Зеро дар ин фан зебогии табиӣ ва манзараҳои гуногуни географии олам, табиати сайёраи Замин, аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагидории одамон дар гӯшаҳои мухталифи сайёра шарҳ дода мешавад. Худи муҳтавои фанни география бо ҳаёт сахт алоқаманд буда, дар робита бо ҳодисаҳои муосир шавқи хонандагонро зиёд мегардонад. Мо чунин мешуморем, ки ҳангоми таълими фанни география барои инкишоф додани шавқ ба маърифатнокӣ ба корҳои зерин таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, пеш аз ҳама ба хонандагон дар бораи аҳамияти амалии донишҳои географӣ, нақши онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон (пешгӯии вазъи ҳаво, маълумот дар бораи ҳосилнокӣ ва таркиби механикии хок, дар фазои кушод самтҳоро муайян кардан, хонда тавонистани харитаҳои гуногун ва ғ.) ва хоҷагии халқи тамоми сокинони олам гуфта гузаштан лозим аст. Масалан, донишҳо дар бараи қабатҳои тектоникии плитаҳои сангӣ барои пешгӯӣ кардани конҳои канданиҳои фоиданок заруранд, маълумот дар бораи яххо, ки нозирони яххо ва дастгоҳҳои кайҳонӣ ҷамъоварӣ мекунанд, барои ҳаракати киштиҳо дар уқёнус ва монанди инҳо. Ҳангоми омӯхтани нақшаи маҳал, намудҳои сатҳи хушкӣ, равандҳои шаклгирии релеф, обҳои дар хушкибуда, падидаҳои атмосферӣ, таркибҳои маҷмуии табии маҳал донишҳо ва маҳоратҳое, ки хонандагон ҳангоми кор дар майдончаи кишт, дар боғ ва ё бӯстонсарой, дар деҳа ҳангоми якҷоя дар қитъаи боғ бо падару модарашон кор кардан ба даст меоранд, мадад мерасонад.

Амалан дар ҳар дарси география мумкин аст, барои нишон додани донишҳои географии ба ҷамъият фоиданок ва малакаҳои татбиқи он дар зиндагии муосир, барои қайд кардани аҳамияти иҷтимоӣ ва фарҳангии он ва дар як вақт аҳамияти субъективии донишҳои фанниро барои худинкишофёбии ҳар хонанда, инкишоф додани маҳорат ва иқтидори эҷодии ӯ, тамоюлнокӣ ва самтёбии касбии ӯ вақт пайдо карда шавад. География барои ҷалби диққат ва мароқ зоҳир кунонидани хонандагон ва далелҳои ғайриоддӣ, равандҳо ва хориқаҳои табиат имкониятҳои калон

дорад. Он аналогҳо (монандкунӣ) ва тасаввуротҳоро зиёд истифода мебарад, ки фаъолнокии тафаккурро ангезиш дода, шавқро барои омӯзиши чизи нав, ҳавасмандӣ ва дониши нав, хурсандии қонеъгардӣ аз кунҷкобӣ, самти ҳиссии шахсияти хонандагон ва ахиран муҳаббати онҳоро ба дониш бедор мекунад. Маҳз муҳаббат ба дониш асоси ҳавасмандгардӣ ба соҳаи таълим ба шумор меравад. Масъалаҳое ба монанди пайдошавии сайёраи мо, таърихи геологии он, ҳодисаҳои табиӣ ва ё офатҳо, ки дар сатҳи Замин ба вуҷуд меоянд (заминларза, хурӯши вулқонҳо, тӯфонҳо, сунами, сароб ва ғ), ҳамчунин зиндагӣ ва машғулияти халқҳои гуногуни олам, олами наботот ва ҳайвоноти қитъаҳо ва уқёнусҳо ва бисёр объектҳо ва зуҳуроти дигар шавқмандии хонандагонро зиёд мегардонад.  Дар дарсҳои география истифодабарии принсипи таърихият  омили муҳими шаклгирии шавқ ба маърифат мебошад. Потенсиали интегратсионии география ва таърих хеле бузург аст. Дар муҳтавои фанни география дар ҳар курси он ҳаҷми масъалаҳои географӣ-таърихӣ зиёдтар мегардад.  Диққати зиёд на танҳо барои омӯхтани таърихи кашфиётҳои географӣ ва таҳқиқот дар тамоми сайёра, қитъаҳо ва уқёнусҳо, балки ба кишвари худ ҳам равона мегардад.  Чунончи, ҳангоми тартиб додани курси проблемавӣ-кишваршиносии «Географияи Тоҷикистон» муаллифон Холназар Муҳаббатов ва Муҳиддин Раҳимов дар канори принсипҳои дигар принсипи таърихиятро ҳам ҷой додаанд. Хонандагон ин курсро омӯхта бо махсусиятҳои таърихӣ-географии инкишофи Тоҷикистон аз замони ҳукмронии Сомониён то ин дам шинос мешаванд. Аз ҳамин фан хонандагон дар бораи чӣ тавр омӯхта шудани ҳудуди Тоҷикистон, доир ба саҳми олимони рус, шарқ ва тоҷик дар бораи таҳқиқи табиат ва боигариҳои табии ҷумҳурӣ маълумот мегиранд.

Дар раванди таълими фанни география барои ташкили фаъолнокии маърифатӣ сарчашмаҳои маълумоти географӣ нақши муҳим мебозанд. Муқарраран, ҳангоми таълими география воситаҳои гуногуни таълимӣ, ки дар онҳо хусусияти объектҳо ва зуҳуроти географӣ инъикос ёфтаанд, хеле зиёд мебошанд. Чунин базаи моддӣ барои ёд додани фанни география ба шаклгири шавқи маърифатӣ таъсири мусбат мерасонад. Намуди асосии

ташкили таълим, ки ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хос аст, дарс мебошад. Инро ҳангоми коркард ва истифодабарии воситаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ба эътибор гирифтан лозим аст. Таълими миқдори зиёди фанҳои таълимӣ дар чаҳорчӯбаи низоми синфӣ-дарсӣ сурат гирифта дар утоқҳои махсус гузаронида мешаванд. Аз ин рӯ, дурнамои баландбардории самаранокии низоми синфӣ-дарсӣ ба таҷҳизонидани утоқҳо бо воситаҳои дидактикӣ ва техники таълим ва такмили навъи дарсҳо ва модулҳо вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин аз технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ умедҳои зиёд ҳаст.

Утоқи хуб таҷҳизонидашудаи фанни география талаботи бавуҷудомадани хонандагонро барои кор бо харитаҳои географӣ, будани маводи дидактикӣ, дастгоҳҳо, асбобҳо, коллексияи ҷинсҳои кӯҳӣ, бахусус технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ қонеъ мегардонад.

К.Д. Ушинский одилона қайд кардааст, ки бекорӣ дар дарс нисбати фаъол будан зиёдтар хаста мекунад. Аз ҳамин сабаб, дар утоқҳои география будани дастурҳое, ки дар онҳо мавод бо нақшаҳо ва тавзеҳоти объектҳои географӣ оварда шудааст, номгӯи вазифаҳо барои иҷрои ин ё он машқ ҷой дода шудааст, дастур барои иҷрои корҳои амалӣ, қоидаҳои истифодабарии харитаҳои тарҳӣ, ки дорои нақшаи тақризӣ ба кори ҳамсинфон дошта бошад, қоидаҳои кор бо тахтаи электронӣ, проектори бисёррасонаӣ ва монанди инҳо ногузир аст. Ҳамаи ин таъминоти моддӣ ба фаъолшавии хонандагон, барои машқ кардани функсияҳои психологии алоҳида (хотира, тафаккур, тасаввурот, нутқ), таассуроти нав, доштани ҳаёти пурэҳсос дар дарс мусоидат мекунад.

Айни замон яке аз имкониятҳои технологияҳои информатсионӣ, ки дар таълими география саҳми назаррас мегузорад, технологияи моделронии информатсионӣ мебошад. Инсоният аз давраҳои қадим моделрониро барои таҳқиқи объектҳои табиӣ, равандҳо ва зуҳурот, ки таҳқиқи баъзеяшон мушкил, ғайримақсаднок ва ё хавфнок ҳам ҳаст, истифода мебарад. Барои

ин кофӣ аст, ки таҳқиқоти Рихтерро доир ба заминларза, пажӯҳиш ва ҷадвали ӯ мисол орем.

Пеш аз ҳама сохтан ва таҳқиқи моделҳо барои корҳои зерин заруранд:
- муайянкунӣ ва беҳтаргардонии хусусияти объектҳо ва равандҳои табиӣ;
- фаҳмидани моҳияи зуҳуроти табиӣ ва кор карда баромадани маҳорати мутобиқшавӣ ва ё идоракунии он;
- сохтан ва модернизатсияи объектҳои нави географӣ, ки онро инсон вайрон кардааст;
- қабул кардани қарорҳои асоснок ва андешидашуда барои беҳтаргардонии муҳити табиӣ;
- пешбинии натиҷаи фаъолияти одамон;
- дар асоси модел доир ба объекти географӣ маълумоти нав гирифтан;
- интегратсия ва низомноккунии иттилоот доир ба объекти географӣ;
- ҳифз ва интиқоли маълумот доир ба объекти географии моделронишуда.

Барои инкишофи назария ва амалияи моделронӣ таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илм ва аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ ва информатика равона гаштааст. Бо кӯмаки ин илмҳо моделҳо сохта шуда, таҳқиқ мешаванд, ки онҳоро инсоният барои дастраскунии донишҳо ва ҳалли масъалаҳои соҳа, методҳои махсуси дастраскунии иттилоот барои сохтани воситаҳои электронии компютерӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои хусусияти иттилоотидошта ҷалб гаштаанд, истифода мебарад.

Моделронӣ методи маърифати муҳити атроф, равандҳои иттилоотӣ, ки аз табиат ва инсон бармеояд, дониста мешавад. Дар раванди моделронӣ дар соҳаи география дониши инсоният моделеро месозад, ки онро ҳамчун образи таҷрибавӣ ва ё абстрактии предмети омӯзиш дида баромадан мумкин аст. Гузашта аз ин, бинобар дастовардҳои илми психология, гуфтан мумкин аст, ки инсон донишҳои доир ба предмети омӯзиш гирифтаашро дар ниҳодаш бо шакл гиронидани моделҳои гуногуни он предмет тахмин мекунад. Моделронӣ сохтан ва омӯзиши моделҳои воқеан мавҷудаи предметҳо ва зуҳуроти идеалиро дар назар дорад. Айни замон моделронӣ хусусияти умумиилмиро касб кардааст ва дар таҳқиқи табиати зинда ва ғайризинда, дар

илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ дар шакл гиронидани муносибатҳои нав дар низомҳои педагогӣ ва технологияи иттилоотии маориф мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ин ҷо саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро асл омӯхта намешавад? Чаро модели онро сохтан лозим аст? Мумкин аст, ки ҳангоме, ки таҳқиқот гузаронида мешавад, объект, раванд ва ё зуҳурот мавҷуд набошад (масалан, раъду барқ, рангинкамон, гирифти Офтоб ва ғ).

Барои моделсозӣ вақт халал намерасонад. Дар асоси далелҳои муайян, методи қиёс ва фарзия, истифодабарии воситаҳои иттилоотӣ модели воқеаҳо ва офатҳои табиӣ гузаштаи дурро сохта онро дар омӯзиши география истифода бурдан мумкин аст. Масалан, дар дарсҳои география мумкин аст моделҳои иттилоотии компютериро, ки раванди пайдоиши ҳаётро дар рӯи Замин нишон медиҳад, сохти дохилии Замин, раванди гардиши Замин дар гирди Офтоб ва меҳвари худ ва монанди инҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Бо мадади моделсозӣ ба оянда ҳам нигоҳ карда, гармшавии эҳтимолии глобалӣ, обшавии пиряххоро ҳам нишон додан имконпазир аст.

Объекти моделшаванда метавонанд, ки бениҳоят калон (масалан, модели Замин), ё нисбатан хурд (модели маҷрои дарё) ва ё абстрактӣ (моделсозии равандҳое, ки дар кайҳон ба амал меоянд) бошанд.

Асл хусусият ва алоқаҳои байниҳамдигарии зиёд доштанаш мумкин аст. Барои чуқур омӯхтани ин ё он хусусияти мушаххас гоҳо даст кашидан аз хусусиятҳои зиёди мавҷудбуда ва ба назар нагирифтани онҳо фоиданок аст. Барои ин модели компютерии мавҷҳои баҳр ва ҷараёнҳои он мисол гашта метавонад, ки дар доираи омӯзиши онҳо ҳарорати об, чуқурӣ ва шӯрии он ба назар гирифта намешавад.

Моделсозӣ ҳамчунин дар ҳолатҳое, ки протсесс хеле тез (масалан, модели ҳаракати шамол) ва ё хеле суст (ҳамчун мисол модели пайдоиши кӯҳҳоро овардан мумкин аст) бениҳоят қулай аст.

Модели иттилоотӣ тасвири бениҳоят ба асл монанди ягон объект ва ё зуҳурот ва намоиш додани он бо мақсади таҳқиқ буда, бо кӯмаки технологияҳои иттилоотӣ иҷро мегардад.

Дар рафти иттилоотигардонии таълими география диққатро ба ҷорӣ кардани моделҳои иттилоотӣ барои ҳамаи курсҳои географӣ равона кардан лозим аст. Истифодаи компютерҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва моделҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф чизи ҷудонашаванда гаштааст. Табиист, ки мафҳуми моделсозии иттилоотӣ махсусияти истифодабарии моделҳои иттилоотиро инъикос мекунад.

Мо чунин меҳисобем, ки модели иттилоотӣ хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории объектро, ки предмети омӯзиш аст, ҳамчунин муносибатҳои мантиқӣ, функсионалӣ, фазоӣ ва замонии байни онҳоро инъикос мекунад.

Дақиқии модели иттилоотии ҳолати кунунии соҳа ва ё объект метавонад, ки аз ҳисоби тавсифи сохтори динамикии (ҳолати ҷунбиш) модел ва дар баробари ин хусусиятҳои статикии асл (ҳолати оромӣ) таъмин карда шавад. Ғайр аз ин барои амалан сохтани тавсифи дақиқи объекти таҳқиқот дар асоси модели интихобшуда нақши асосиро мухолифатнок набудани он иҷро мекунад. Барои иҷро кардани чунин хусусият бояд имконияти аз ҳад зиёд тавсиф намудани он ҷой надоштанаш лозим аст.

Технологияҳои моделсозии иттилоотӣ гуногун буда метавонанд. Масалан, барои омӯзиши географияи табиӣ мумкин аст барномаҳое истифода гарданд, ки моделҳои иттилоотии эрозияи хокро иҷро мекунанд. Дар ин ҳолат, ба хонандагон қисми модел, ки то ва баъди эрозияро инъикос кардааст, нишон додан мумкин аст, аммо равандҳои воқеӣ, ки ба таври ҳақиқӣ дар табиат ба амал меоянд, нишон додан зарурият надорад. Дигар навъи моделҳои иттилоотӣ бо истифодаи имкониятҳои воситаҳои муосири иттилоот ва аз ҷумла технологияи бисёррасонаӣ, воқеияти виртуалӣ (маҷозӣ) сохта мешаванд ва имкон доранд, ки ба таври аёнӣ ҳамаи махсусиятҳои хақиқии равандҳои табииро нишон диҳанд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар ҳарду намуди моделҳои иттилоотӣ ба таври баробар

иштироки педагогҳо ва интихоби навъҳо ва махсусиятҳои равандҳои таҳқиқшаванда таъмин карда мешаванд.

Ба шарофати моделҳои иттилоотӣ, ки бо кӯмаки компютерҳо сохта шудаанд дар дарсҳои география имконияти ба таври аёнӣ омӯхтани ҳарорати ҳаво, тағйирёбии иқлим, минтақаҳои табиӣ ва иқлимӣ мутобиқи параметрҳояшон, ки фаврӣ аз тарафи педагог ва ё хонандагон чен карда мешавад, даст медиҳад. Айнан ҳамин технологияҳоро дар дарсҳои географияи иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо имконият медиҳанд, ки нишондодҳои иқтисодии давлатҳои муайяни олам таҳқиқ гардад.

Ба андешаи мо, технологияи моделсозии иттилоотӣ имкон медиҳад, ки ҳудуди таҳқиқоти таҷрибавӣ ва назариявӣ васеъ гарданд, таҷрибаи табииро таҷрибаи ҳисоббарорӣ пурра гардонад. Дар баъзе ҳолатҳо объекти таҳқиқот моделсозӣ ва дар ҳолатҳои дигар – муқаррароти ченкунӣ ба роҳ монда мешавад. Чунин технология ва воситаҳои мутобиқи иттилоотигардонӣ имкон медиҳанд, ки хароҷот барои харидории дастгоҳҳои гаронарзиши лабораторӣ кам карда шавад, хатарнокии кор дар лабораторияхои таълимӣ кам мегардад, имконияти таҳқиқи объектҳо, равандҳо ва зуҳурот, ки дар ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ин ё он сабаб номумкин аст, имконпазир мешавад. Ҳамзамон технологияи иттилоотии моделсозӣ ба хонандагон имконияти бештар медиҳанд, хусусияти худи объетро беҳтар омӯзанд, фаъолона ба раванди маърифати он ворид шаванд, мустақилона параметрҳо ва шарти амалишавияшро тағйир диҳанд. Дар робита ба ин технологияи мазкур на танҳо барои аз тарафи хонандагон фаҳмидани сохтор ва моҳияти будани объект таъсири мусбат мерасонад, аммо муҳимтар аз ҳама барои инкишофи ақлонии онҳо таъсири хуб мерасонад.

Моделҳои иттилоотӣ муқарраран универсалӣ нестанд. Ҳар яки онҳо барои моделсозии доираи маҳдуди объектҳо, зуҳурот ва ё равандҳо ба назар гирифта шудаанд. Моделҳои иттилоотӣ, ки дар асоси технологияи моделсозии математикӣ таҳия гаштаанд, метавонанд, ки на танҳо барои

нишон додани қисматҳои душвори зуҳурот дар дарс, балки барои ба таври интерактивӣ фаҳмонидани сатҳи таъсири ин ё он параметрҳоро ба ҳолати моделшаванда хидмат мекунанд. Чунин хусусият имкон медиҳад, ки модели итттилоотӣ ҳамчун имитатори дастгоҳҳои лабораторӣ, ҳамчунин барои пайдо кардани малакаи идораи раванди молелишуда, ба монанди омӯзонидани рафтори одамон дар ҳолатҳои фавқулодда мавриди истифода қарор гирад.

Ҳаминро ҳам бояд дарк кард, ки истифодабарии оқилонаи низоми моделсозӣ ва автоматигардонӣ сатҳи касбии баландро талаб мекунад, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ба чунин сатҳ нарасидаанд.  Дар дарсҳо истифода бурдани воситаҳои бисёррасонаӣ доир ба география (слайдҳо, харитаҳо, расмҳои китоб, аниматсияҳо, сабтҳои видеоӣ) барои дар кӯдакон пайдо гаштани тасаввуроти образнок ва дар асоси онҳо шаклгирии мафҳум мусоидат мекунад.

Ба масъалаи истифодабарии тахтаи электронӣ дар дарсҳои география истода мегузарем. Ин як дастоварди нави илму техника буда, ба рӯзгори мо дар фурсати кӯтоҳ ворид гашт ва алҳол ба он муаллимон ва хонандагон эҳтиромро қоиланд. Тахтаи интерактивӣ дорои мафҳуми интуитивӣ ва интерфейси графикии хуб аст. Ин воситаи муосири бисёррасонаӣ мебошад, ки ҳамаи сифатҳои тахтаи синфи анъанавиро соҳиб аст, имконияти фарохи шарҳи графикии тасвирҳои экранро дорост; имкон медиҳад, ки дар як вақт назорат ва мониторинги ҳамаи хонандагони синф амалӣ гардад; ба таври табиӣ (аз ҳисоби зиёд гаштани маълумоти пешниҳодшаванда) сатҳи машғулшавии хонандагон ба дарс таъмин гардад; самаранокии таълим таъмин шавад; заминаҳои нави ҳавасмандгардонӣ дар таълим гузошта шавад; дарсҳои дар асоси диалог шаклгирифта гузаронида шаванд; омӯзонидан бо методҳои интенсивӣ бо истифодаи кейс-методҳо амалӣ гардад.

Тахтаи интерактивӣ имкон медиҳад, ки тасвир аз экрани монитор ба тахта интиқол гашта нишон дода шавад, доимо дар назди тахта истода бо

истифодаи фломастерҳои махсус мисли он ки бо мушвора ва клавиатура компютерро идора мекунад, корбарӣ намояд.

Таҳсил бо истифодаи тахтаи интерактивӣ бо методҳои муқаррарии дарсгузарӣ монанд аст. Асоси бо муваффақият гузаштани дарс новобаста аз технология ва таҷҳизоти истифодашаванда ҳамон аст, ки муаллим истифода мебарад. Хусусияти хоси тахтаи интерактивӣ дар «беандоза» будани он аст, яъне иттилои қайдшуда метавонад, ки дар майдони номаҳдуд ҷойгир шавад ва дар баробари ин ҳар чизе, ки дар ин тахта навишта мешавад, дар муддати дурударoз дар хотирааш нигоҳ дошта мешавад. Ҳар иттилое, ки дар тахта навишта мешавад, дар давоми дарс истифода бурда мешавад. Муаллим ва ё хонанда дар лаҳзаи даркорӣ метавонад, ки ба иттилои пешина баргардад. Ғайр аз ин ҳамаи маълумоти дар дарси ҷорӣ истифодашуда дар дарсҳои оянда истифода гарданд ва барои ин ягон хел омодагӣ дидан лозим нест.

Дар муқоиса бо тахтаи анъанавӣ тахтаи интерактивӣ барои шарҳ додани тасвирҳои экран асбобҳои зиёди графикӣ дорад, ки ин имкон медиҳад сифати маълумоти пешниҳодшавандаи тасвиршударо зиёд гардонад, то ки равона кардани диққати хонандагон ба он зиёд гардад, яъне рангҳои зиёд барои хатнависӣ, шаклҳо ва ғафсиҳои гуногуни хат, инчунин имконияти бо рангҳои гуногун ранг гардани замимаи тахта мавҷуд аст. Тахтаи интерактивӣ дар дарс имкони сарфаи вақтро барои сохтани ҳар гуна нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва графикҳо муҳайё мекунад, зеро асбобҳои зиёд барои сохтани фигураҳои геометрӣ дорад. Боз як имконияти хоси тахтаи электронӣ нигоҳ доштани маълумоти дар он қайдшуда дар шакли видеофилм мебошад. Масалан, ҳалли масъаларо тавре навиштан мумкин аст, ки дар натиҷа на фақат ҷавоби ҳал дар экран намудор гардад, балки худ рафти иҷрои онро аз сар то охир бо суръати дилхоҳ нишон додан имкон дорад.

Тахтаи интерактивиро ҳамчун воситаи самарабахши таҳияи маводи таълимӣ-дидактикӣ: намунаҳои ҳалли масъалаҳо, схемаҳо, нақшаҳо, гарфикҳо ва ғ. чӣ дар намуди статикӣ ва чӣ дар намуди динамикӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамаи ин мавод метавонанд, ки бевосита дар арфти дарс сохта шаванд ва дар оянда барои фаҳмонидани маводи нав,

ҳангоми дарсҳои такрорӣ ва ҳамчунин чун тренажер дар корҳои инфиродӣ мавриди истифода қарор ёбанд. Шартан чор хусусияти тахтаи интерактивиро ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳамаи имкониятҳои истифодабарии онро ифода мекунанд:

- майдони бемаҳдуд;
- мавҷудияти асбобҳои зиёд барои қайдкунии иттилоот ва шарҳи графики тасвири рӯи экранбуда;
- имконияти ҳифз кардани иттилои қайдшуда дар намуди электронӣ ва дар оянда зиёдкунии бемаҳдуди он;
- имконияти ҳифзи иттилоъ дар намуди динамикӣ (файли видеоӣ).

Ин воситаҳоро дар мисоли дарс дар намуди мусоҳиба ва ё лексия дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ дида мебароем. Муаллим ҳангоми гузаштани дарс дар тахта лаҳзаҳои асосӣ ва калидии нақлашро сабт мекунад, ба мисли он ки дар тахтаи муқаррарӣ ҳамин корро мекард. Ин метавонад, ки намунаи ҳалли масъала, таърифи мухтасари ин ё он мафҳум, харитаи географӣ, гарфик ва ғ. бошад. Дар баробари ин ӯ ба тахтаи нав (онро слайд меномем) дар ҳолати нарасидани ҷой мегузарад. Ҳар слайд метавонад, ки ҳамчун модули мантиқан ба охиррасида ороиш дода шавад. Дар рафти дарс дар як лаҳза ба слайдҳои пешина баргашта, ба онҳо қайдҳо ва тағйироти иловагӣ ворид кардан мумкин мебошад. Миқдори слайдҳо маҳдуд нестанд.

Ҳангоми навиштан дар тахтаи электронӣ муаллим амалан метавонад, ки кадом рангеро, ки хоҳад, ғафсии хатро интихоб кунад, яъне ҳар слайд бо салоҳдиди муаллим барои аёнӣ гардиданаш бо рангҳои гуногун ва услубҳои мухталиф оро дода мешавад. Дар нақли худ муаллим метавонад, ки тасвирҳои статикии графикиро, ки пештар омода кардааст ва ё аз дарсҳои пешина гирифтааст, истифода барад ва дар баробари ин ба расми истифодашаванда қайдҳои нав гузорад, ки он ҳам дар хотираи тахта ҳифз мешавад. Ин қайдҳоро бо истифодаи қалам ва ё маркери дорои сифатҳои махсус (ранг, ғафсии хат, шакл, шаффофӣ) кашидан мумкин аст. Агар муаллим дар рафти лексияаш порчаи видеоиро истифода барад, пас ӯ бо истифодаи асбобҳои номбурда имконияти шарҳ доданро дорад ва онро дар ду

речa видеои мунтазам ва ё дар реҷаи таваққуф нишон дода метавонад. Имконияти ҳифзи маълумоти қайдшуда дар намуди электронӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки онро дар дарси оянда, ҳангоми такрор ва ё ҷамъбасти донишҳои гирифта истифода барад. Ҳамин тариқ дар рафти дарс муаллим бевосита барои гузаронидани дарсҳои навбатӣ маводи таълимӣ-методӣ тайёр мекунад.

Маълумоти ҳифзшударо мумкин аст, ки дар намуди электронӣ ва ё чопӣ барои иҷрои корҳои мустақилона дар дарс ва ё хона ба хонандагон додан мумкин аст. Иттилооте, ки дар намуди видеоролик ҳифз гаштааст, дар дарсҳои марҳилаи мустаҳкамкунии дониш чун тренажер истифода гаштанаш мумкин мебошад. Чунин воситаи нигаҳдории маводи таълимиро барои таҳияи намунаи намоишии ҳалли масъалаҳо ва ё иҷрои масъалаҳо (ба поён расонидани нақша, пурра сохтани тасвир (фигура) ё график ва ғ.) истифода бурдан мумкин мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки ҳар дарс пеш аз ҳама нақша ва сохти дақиқ дошта, барои расидан ба мақсадҳо ва ҳадафҳои муайян равона гаштанаш лозим аст. Истифодабарии пурсамар бо тахта ба худи муаллим, маҳорат, эҷодиёт ва таҷрибааш вобаста аст.  Дар дарсҳое, ки тахтаро ҳамаи хонандагон дар қисми зиёди дарс истифода мекунанд, ба хонандагон зарур аст, ки аз рӯи мавзӯи омӯхташаванда флипчарт созанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Ноҳиябандии иқлимии Тоҷикистон» ба хонандагон зарур аст, ки аломатҳои иқлимии ноҳияҳоро ҷудо кунанд ва дар тахтаи интерактивӣ флипчарт таҳия кунанд.

Харита доир ба мавзуъ барои санҷиши донишҳо доир ба номигӯйро санҷад, тахтаи интерактивӣ имконияти санҷиши номгӯйро медиҳад. Аммо дар марҳилаи аввал бо харитаи тарҳӣ, ки дар тахта ҷойгир шудааст бо истифодаи атлас ва харита кор кардан лозим аст. Дар ин ҳолат муқоисаи харитаҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, нишон додани вобастагии байни релеф ва сохти тектоникии Тоҷикистон ва дар харитаи тарҳии дар тахтаи электронӣ ҷойгиршуда бо рангҳои гуногун қайд кардани он. Бо истифодаи имкониятҳои

функсияи ҳаракати тахтаи интерактивӣ нишон додани ҳаракати қабатҳои сангӣ.

Ҳамчунин барномаҳои намоишдиҳанда, ки дар онҳо ғайр аз расмҳо порчаҳои видео, суратҳо, атласҳои интерактивӣ, лексияҳои компютерӣ ва дарсҳо-муаррифиҳо, ки бо мадади Power Point сохта шудаанд, самараи хуб медиҳанд. Онҳоро дар дарсҳои мустаҳкамкунии дониш, малака ва маҳорати амалӣ, дарсҳои такрорӣ, банизомдарории дониш, баҳогузорӣ ва санҷиши дониш истифода бурдан мумкин аст.

Лексияи компютерии бо истифодаи Power Point сохташуда – пайдарпайии мавзӯӣ ва мантики объектҳои иттилоотӣ ҳастанд, ки дар экран ва ё монитор намоиш дода мешаванд. Дар рафти лексия объектҳои иттилоотии гунонун: тасвирҳо (слайдҳо), порчаҳои садо ва видео истифода мешавад. Тасвирҳо (слайдҳо) – расмҳо, суратҳо, графикҳо, схема ва диаграммаҳо мебошанд. Порчаҳои видеоӣ – филмҳоянд, ки қисман ва ё пурра барои нишон додан истифода мегарданд. Аз ҳама осонтар истифодаи порчаҳои видео аз китобҳои дарсии электронии тайёр мебошад. Аз ҳамон ҷо порчаҳои садо – матни хондаи ровӣ, сабтҳои мусиқӣ ва монанди инҳо, ки барои нишон додани слайд истифода гаштаанд, гирифтан мумкин аст. Самаранокии кор бо слайдҳо, расмҳо ва дигар маводи намоишдодашаванда бештар мешавад, агар ба онҳо нишон додани таблитса ва схема илова гардад.

Дарси мустаҳкамкунӣ ва хулосабарорию банизомдарории дониш – он дарсест, ки доимо аз муаллим талаб мекунад, ки диққаташро ба ҷавобҳои хонандагон равона кунад, то ин ки барои фаҳмиши чуқури мавзӯъ ва ё фасли омӯхташаванда раҳнамоӣ карда тавонад [210, с.12]. Истифодабарии муаррифӣ барои ин кор ба таври гуногун: дар экран нишон додани саволҳо ва батадриҷ бо тамоми аҳли синф гузаштан ба ҳалли онҳо, бо истифодаи маводи тасвирӣ ҳолати бозиро сохтан мумкин аст ва ё ин ки ташкили мубоҳиса амалӣ гаштанаш мумкин аст. Баъди чунин дарсҳо маводи омӯхташуда дар хотири хонандагон ҳамчун образи равшан боқӣ монда, ба муаллим барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии маърифатии хонандагон мадад мерасонад. Шарти дигари дар дарсҳо истифода кардани воситаҳои Power Point ба таври

парллел кор фармудани харитахои атласи географӣ мебошад. Ин ба бачагон имкон медиҳад, ки донишашонро ба шароити нави таълимӣ гузаронанд ва зуд объекти инъикосшавандаро пайдо кунанд. Дар слайди охирон ҳатман вазифаи хонагӣ ба хонандагон нишон дода шуданаш лозим аст. Барномаи барои сохтани муаррифӣ нигаронидашудаи Power Point, ки ба таркиби Microsoft Office дохил мешавад, имкон медиҳад, ки мавод барои дарс омода гардад, воистаҳои гуногуни аёнӣ маҷмӯӣ гардонида шавад, ба таври максималӣ афзалияти ҳар яки он истифода гардад ва нуқсонҳо бартараф карда шаванд.

Инак, хулосабарорӣ карда, ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки воситаҳои бисёррасонаӣ метавонанд, ки диққати хонандагонро ба объектҳо ва зуҳуроти муҳим равона кунанд, имконияти аз як объект ба объекти дигар гузаштан дар пайдарҳамии дилхоҳ ҷой дорад. Имконияти истифодабарии онро ҳангоми гузаштани дарсҳои нав ва мустаҳкамкунии мавзуъҳои гузашта мавҷуд аст. Технологияҳои бисёррасонаӣ яке аз самтҳои дорои дурнамои хуби самти иттилоотигардонии раванди таълим аст.

Дар таҷрибаи худ мо слайдҳо – муаррифиҳоро истифода бурдем, ки онҳо натиҷаи фаъолияти лоиҳавии хонандагон аст. Аз ҷониби мо барномаҳои Microsoft: Word, Paint, Power Point, Office Publisher омӯхта шуданд.

Сохтани муаррифиҳо бо истифодаи барномаи компютерии Microsoft Power Point хароҷоти бисёр ва омодагии махсусро талаб намекунад. Дар дарс хонандагон ба таври инфиродӣ бо он кор мекунанд ва худи муаллим бо компютери ба экрани намоишдиҳанда васлшуда кор мекунад. Муаррифиҳое, ки бо истифодаи ин барнома сохта мешаванд, ҳангоми зарурат метавонанд, ки пурра ва ё навсозӣ гарданд. Ғайр аз маълумот дар муаррифӣ барои намоиш додан суратҳои динамикӣ, ки барои фаҳмидани моҳияти зуҳурот ва ё равандҳо (масалан, трансгрессия ва регрессия) мадад мерасонанд, ҳамчунин филмҳое, ки зуҳуроти даркориро нишон медиҳанд, ворид кардан мумкин аст.

Чунин барномаҳоро сохта дар назди худ мақсадҳои зеринро мегузорем:

- васеъ гардонидани доираи ҷаҳонбинии хонандагон бо истифодаи сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ. Хонандагон метавонанд, ки дар гуруҳҳо, бо тамоми синф ва ё ба таври инфиродӣ кор кунанд;
- дифференсиянокгардонии дарс, ба бачаҳо, ки шавқ ва маҳорати гуногун доранд додани имконияти интихоби маводи даркорӣ;
- фаъолгардонии амалҳои маърифатии хонандагон – дар фурсати кам иттилооти зиёд гирифтан.

Дар дарсҳои географияи синфҳои 6, 7, 8 бо ҳамроҳи хонандагон муаррифиҳо дар мавзӯи сохти дохилии Замин, доир ба материкҳои курраи Замин, ноҳияҳои иқлимӣ ва захираҳои обии Тоҷикистон сохта шуданд.

Ба маводи сохташуда тағйирот даровандан, пурра кардан, ҳифз кардан мумкин буда, онро ҳангоми фаҳмонидани маводи нав ва ё дарсҳои такрорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар утоқи муҷаҳҳази фанни география мо метавонем тестҳоро тайёр карда санҷишҳои тестиро бо миқдори дилхоҳи саволҳо ва интихоби ҷавобҳо гузаронем. Мо ҳамроҳи хонандагон барномаҳои тестиро доир ба комплекси нақлиёти ҷаҳонӣ, минтақаҳои табиӣ-географии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тестҳои санҷишии ниҳоӣ барои синфҳои 7 ва 8 омода кардем. Дар гимназия медиатека ташкил гаштааст. Маъмурият доимо мекӯшад, ки маводи медиатека пурра гардад. Айни замон CD барои синфҳои 6,7,8,9, 10 ва 11, маълумотномаи электронии «Мамлакатҳои ҷаҳон», атласи бисёррасонаии олам, «Атласи географии Тоҷикистон» барои синфи 8 мавҷуд аст. Мо чунин мешуморем, ки барои нигаҳдории маълумоти аз интернет бо мақсадҳои таълим гирифташуда ва барои истифода қулай компакт-дискҳои лазерии оптикӣ (CD) мебошанд. Ба шарофати методи сабти технологияи олии лазерӣ ва зуд хонда шудани маълумот аз ин баранда гарчанд ки андозаи ҷисмонияш хурд аст, мумкин аст, ки ба миқдори зиёд маълумоти бисёррасонаӣ сифатнок нигаҳдорӣ шавад.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки истифодабарии CD ба сифати воситаи омӯзишӣ дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ афзалиятҳои зеринро доро мебошад:

- ба хонандагон дастрас кардани иттилооти бисёррасонаӣ, ки одатан дар воситаҳои коммуникатсионӣ ҷой дода шудаанд бо назардошти сохтор ва махсусияти визуалии онҳо;

- ба хонандагон дастрас гардонидани имкониятҳои нав барои чуқур фаҳмидани муҳтавои курсҳои таълимӣ ва алоқамандии онҳо, машқи маҳорату малака, бахотиргирӣ ва худсанҷишии дониш;

- ҷуброни норасогии вақти педагог барои гузаронидани корҳои инфиродӣ бо хонандагон ва дар баъзе ҳолатҳо норасогии сатҳи касбияти муаллим;

- амалигардонии таъсири комплексии бисёррасонаӣ бо робитаи баръакс;

- таъмини худсанҷӣ дар реҷаи маҳдуди вақт;

- гардиши баландсуръат, осон бурдан ва нусхабардорӣ кардани маводи иттилоотии бисёррасонаӣ, ки дар раванди таълим истифода мешавад.

Харитаҳои интерактивӣ – навъи ҷадиди воситаҳои интерактивии таълими география мебошанд. Бисёр объектҳои географии омӯзиш ба монанди ҳамвориҳо ва кӯҳсорҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо, корхонаҳои азими истеҳсолӣ ва майдонҳои васеи хоҷагии қишлоқро бевосита ба хонандагон нишон додан имкон надорад. Аз ин рӯ, дар дарсҳо истифода бурдани воситаҳои намоишдиҳӣ барои шаклгирии тасаввуроти образноки бачагон мусоидат мекунад ва дар асоси онҳо фаҳмиш пайдо мекунанд. Ғайр аз ин дар тахтаи интерактивӣ сохтани расмҳо, навиштан, якҷоя кардани харитаҳои гуногун мумкин аст, ки барои ошкор кардани алоқаи сабабиву натиҷавӣ ва қонуниятҳо мадад мерасонад.

Имкониятҳои зиёди функсионалии харитаҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки онҳо дар ҳамаи курсҳои таълимӣ бурда шаванд, фаъолияти маърифатии хонандагон дар дарс бештар гардад ва ҳам шаклҳо ва методҳои гуногуни кор бо харитаи географӣ амалан истифода гардад.

Гимназияи № 24 - и шаҳри Хуҷанд, МТМУ – и №24 – ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24 - и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, мактаби Президентии болаёқати шаҳри Бӯстон ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 ба номи Нурулло Ҳувайдуллоеви шаҳри

Гулистони вилояти Суғд дар баробари муассисаҳои зиёди таълимии ҷумҳурӣ ба шабакаи интернет пайвастанд.

Мо ба хонандагони синфҳои болоӣ намудҳои гуногуни кор бо маводҳои аз сайтҳои интернетӣ гирифташударо ба монанди ёфтани реферат доир ба мавзӯи дахлдор, навиштани тақриз ба реферат ва ё муқоисаи ду кори мухталифро доир ба мавзуъ, таҳлили онҳо аз мавқеи дилхоҳашон ва амсоли инҳоро пешниҳод мекунем. Маводи аз сомонаҳо гирифташуда на танҳо барои худомӯзии муаллимон, балки ба хонандагони синфҳои болоӣ барои тайёрӣ дидан ба имтиҳонҳо ҳамчун пойгоҳ хизмат мекунанд.

Инкишофи фаъолнокии маърифатӣ дар дарсҳо аз бисёр ҷиҳат ба муаллим вобастагӣ дорад. Маҳз ӯ бачагонро ба «маҷро»-и даркорӣ ҳидоят карда, кӯшишҳои онҳоро барои маърифати чизҳои нав ҷонибдорӣ мекунад. Масъалаи фаъолгардонии хонандагонро ҳар муаллим ба таври инфиродӣ ҳал карда метавонад. Дар ин раванд муаллим метавонад, ки барои бедор кардани шавқмандии хонандагон воситаҳои аёнӣ, баёнҳои шавқовар, ҷорӣ кардани лаҳзаи бозӣ, технологияҳои иттилоотиро истифода барад. Гузаронидани чунин таҳқиқот аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз болои худ кор карда, муаллим аз як дарс то дарси дигар ба назди худ вазифа мегузорад, ки онҳо имкон медиҳанд мушкилии инкишофи шавқмандии дарсгӯиро дар омӯзонидани география ҳал кунад.

Натиҷаи таҳқиқот имкон медиҳад қайд кунем, ки гипотезаи пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфта, вазифаҳои гузоштташуда ҳал гардиданд.

Барои дурнамо, дар ин мавзуъ кор карда, ба назди худ вазифа мегузорем: адабиёти иловагиро доир ба инкишофи фаъолнокии хонандагон дар дарсҳоро зиёдтар меомӯзем.

Дар бораи инкишофи шавқ ба маърифат (аз рӯи назарияи Г.И. Шукина) сухан карда, таҳаввули онро аз намуди оддӣ, шакли ноустувор – кунҷкобӣ ба олӣ шавқ ба назария, ки самтнокиро ба самти мушаххас ва соҳаи муайян роҳандозӣ мекунад, кӯшиш барои маърифати масъалаҳои назариявӣ ва муаммоҳоро дар назар дорад [209].

Шавқ ба маърифат (аз нуқтаи назари И.В. Душина) ҳамчун фаъолнокӣ ба маърифатомӯзӣ, ҳавасмандгардии мақсаднок фаҳмида мешавад, ки дар он ҷои асосиро ҳавасмандии маърифатӣ ишғол кардааст. Онҳо барои воридшавии шахс ба робитаҳои мушаххаси падидаи омӯхташаванда, ба қонуниятҳои маърифат мусоидат мекунанд [57, с.168].

Чунон ки маълум аст, раванди азхудкунии муҳтавои таълим, инкишофи ақлонӣ инъикоси таъсиррасонии педагогӣ нест. Таъсиррасонии педагогӣ аз шароити дохилии субъекти омӯзиш, тавассути шахсияти хонанда ба амал меояд. Хусусияти хоси шахсият муносибати ӯ бо шароити муҳит, шавқмандии ӯст. Шавқмандӣ, мароқзоҳиркунӣ ба кӯдак мадад мерасонад, ки падидаҳои гуногунро фаро гирад, на танҳо ба дарки фан, балки барои инкишофии фикрронӣ ҳам такон бахшад. Ҳангоми шавқ ба табиат, олами ҳайвонот, бақайдгирии падидаҳо мустақилона дар бораашон фикр карда, хулоса мебарорад. Дар рафти чунин фаъолнокӣ ва шавқ ба маърифат кӯдак бештар инкишоф меёбад ва ба инкишофи ақлонии ӯ мусоидат менамояд.

Ба таври системанок он мустаҳкам гардида инкишоф меёбад, шавқ ба маърифат асоси муносибати мусбат ба таҳсил мегардад ва он ҳамчунин ба гузариши равандҳои психологӣ – тафаккур, дарк, ҳофиза, диққат таъсир мерасонад, дар навбати худ ин равандҳо таҳти таъсири шавқи маърифатӣ қарор гирифта, шакли махсуси фаъолнокӣ ва ҷолибиятро ба худ мегирад.

Таъсиррасонии шавқи маърифатӣ ва таъсири он ба шахсияти хонандагон бисёрсамта аст. Дар раванди таълим бино бар назарияи Шукина он дар намудҳои гуногун ифода меёбад:

1. Шавқ ба маърифат яке аз роҳҳои муҳими ҳавасмандгардонии хонандагон аст. Таҳти таъсири он корҳои омӯзишӣ ҳатто ба хонандагони сустхон ҳам самаранoктар мегардад. Мароқзоҳиркунӣ ба маърифта воситаи хуби ҳавасмандгардонии хонанда ба кори мустақилона аст, ҳангоми будани мароқзоҳиркунӣ раванди азхудкунии дониш бисёр фаъол ва эҷодӣ мегардад, ки он дар навбати худ барои мустаҳкамшавии шавқ таъсир мерасонад. Мустақилона ворид гардидан ба соҳаҳои нави дониш, паси сар кардани монеаҳо ҳисси қаноатмандӣ, ифтихор, муваффақиятро ба

вуҷуд меорад, яъне муҳити ҳиссиётиеро ба миён меорад, ки барои мароқзоҳиркунӣ хос аст.

2. Аҳамияти шавқи маърифатӣ аз доираи раванди таълим хеле дур меравад. Шавқ ба маърифат ҳангоми аз лиҳози педагогӣ ва методӣ дуруст ташкил намудани фаъолияти хонандагон ва ба таври мунтазам ва мақсаднок бурдани фаъолияти тарбиявӣ метавонад ва бояд хусусияти устувори шахсияти хонандагон гашта, барои инкишофи онҳо таъсиррасон бошад. Ҳамчун хусусияти шахсӣ шавқ ба маърифат дар ҳар гуна шароит, мавриди, бо тобоварӣ ба ҳолати гуногун мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

3. Шавқ ба маърифат воситаи тавонои таълим аст. Муаллим аксар вақт шавқ ба маърифатро ҳамчун воситаи таълимӣ истифода мебарад, дар фаъолияти худ бо рӯйкардҳои нав онро ғанӣ мегардонад, ки он ҳам мароқзоҳиркунии бевоситаи хонандагонро бедор мекунад. Муаллим ба ҷолибии хусусиятҳои фан, воқеаҳо, зуҳурот ва равандҳо такя мекунад.

Набудани шавқ дар хонандагон нишондиҳандаи ҷой доштани нуқсонҳои ҷиддӣ дар ташкили таълим аст. Фаъолгардонии равандҳои маърифатӣ дар фаъолияти таълимӣ тавассути шавқ ба маърифат, ҳамчунин самтҳои истифодабарии шавқ ба маърифатро як қатор функсияҳо, ки онро ба ҷо меоранд, муайян мекунанд. Г.И. Шукина «функсияҳои таълим»-ро ҷудо кардааст ва дар асоси онҳо мумкин аст, ки функсияҳои шавқ ба маърифатро шакл гиронем:

1. **Таълимӣ** – шавқ дар раванди таълим истифода гардида, самаранокиро баланд мебардорад, ҳамчунин аз фаъолияташ муаллим ва хонанда қаноатманд мегардад. Шавқ шиддатнокӣ, хастагӣ, мондашавиро аз байн мебардорад ва роҳро барои донишҳо, ки ба таври озод ва осон аз худ карда мешаванд, мекушояд.

2. **Тарбиякунанда** –шавқ ба маърифат ба сохтори хусусиятҳои шахсӣ дохил мешавад ва он на танҳо тарафи бедоркунанда, балки ба хусусиятҳои характер ҳам ворид мегардад. Тобоварӣ, кунҷкобӣ, таваҷҷуҳ доштан ба рафти ҳодисаҳо - ҳама ба шавқ тавъам мебошад, ки дар шароити гуногун, дар фаъолияти зиндагӣ намоён мегардад. Ҳама

эътироф мекунанд, ки муносибатҳо бо зуҳуроти эҳсосӣ, бо муқарраროти бениҳоят нозуки таҷрибавӣ (маърифатӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ) пайваст мебошанд. Барои таъсис додани муносибатҳои мусбат, мусоид дар раванди таълим шавқ ба маърифат бевосита иштирок мекунад.

3. **Инкишофдиҳанда** – шавқу рағбат ба маърифатро метавонем, ки аккумулятори ҳамаи равандҳои барои шахсият муҳим номем, ки муносибатҳои иштироккуниро доир ба соҳаи интихобкардааш, ба фаъолияти омӯзишӣ муттаҳид мегардонад. Дар баробари ин шавқ ба маърифат монеа ва садди муҳим бар бефарқӣ, бетаваҷҷӯҳи ба таҳсил ва умуман ба муассисаи таълимӣ аст. Ба ҳар раванди ниҳоди инсон шавқ ба маърифат доир ба саҳми шахсӣ, боварӣ, фаъолнокии тафаккур ва ҳиссиётӣ хабар мерасонад.

4. **Когнитивӣ (шиносоӣ) –**шавқ ба маърифат раванди таълимро ғанӣ мегардонад. Табодули муштараки донишҳо, малакаҳо, рӯйкардҳои оқилонаи фаъолият дар асоси мароқ барои тонуси эҳсосӣ гирифтани таҳсил, фаъолнокии маърифатӣ ва самаранокии он мусоидат мекунад. Дар синф агар ба миқдори зиёд хонандагон дорои шавқи устувор ба маърифат бошанд, дар дарсҳо зарурияти идора кардани тарбибот бо роҳҳои беруна, андӯҳнокӣ, вайронкунии тартибот, диққатро ба дигар тараф равона кардан кам ба назар мераванд.

Ба таври интенсивӣ бурдани фаъолият, машғулӣ барои дарёфти муаммоҳои мубрам, табодули афкор доир ба китоби хондашуда, гирифтани маълумоти васеъ аз ҳамдигар – ҳамаи инҳо барои самаранокии таълим ва робитаҳои иҷтимоии хонандагон, тарбия ва мустаҳкам кардани кӯшишҳои коллективӣ мусоидат мекунад.

Ба шарофати он, ки шавқ ба маърифат функсияҳои дар боло гуфташударо ба ҷо меорад, дар раванди таълим ягонагии фаъолияти муаллим ва хонандагон амалӣ мегардад ва ин ҳам дар ҳоле мешавад, ки таълим самаранок, пурмаҳсул ва бидуни талафот ҷорӣ гардад.

Г.И. Шукина дар шавқу рағбати маърифатӣ компонентҳои ҳиссӣ, интеллектуалӣ (маърифатӣ) ва иродавиро ҷудо кардааст: «Дар фаъолияти интеллектуалӣ, ки таҳти таъсири мароқзоҳиркунӣ ба маърифат ҷараён

мегирад, ҷустуҷӯи фаъол, тахмин, рӯйкарди таҳқиқӣ, омодагӣ ба ҳалли масъала ба вуҷуд меояд. Зуҳуроти ҳиссӣ, ки ба мароқ пайвастанд – ҳисси ҳайрат, ҳисси интизори чизи нав будан, хушнудии интеллектуалӣ, комёбӣ мебошанд. Зуҳуроти иродавӣ: ташаббуси ҷустуҷӯ, мустақилона ба даст овардани дониш, пеш бурдан ва гузоштани вазифа дар роҳи маърифат» [209, с.178].

Компонентҳои иродавӣ ва маърифатӣ пойгоҳро барои ба вуҷуд омадани ҳиссиёти мусбат тайёр мекунанд, ки дар асоси онҳо мароқ ба вуҷуд меояд. Баранда барои ба вуҷуд омадани мароқ равандҳои ҳиссӣ ва маърифатӣ мебошанд. Дар худи мароқзоҳиркунии маърифатӣ ҳангоми муносибати бевосита доштан бо объект, компоненти иродавӣ мавҷуд нест. Бино бар андешаи Н.Г.Морозова [133] ядрои шавқ таъсири байниҳамдигарии равандҳои ҳиссӣ ва маърифатӣ мебошанд, ки ба бурдани фаъолият ҳасасманд мегардонанд. Равандҳои иродавӣ бошанд, на ба манфиати шахсӣ, балки ба фаъолияти маърифатии аз он ҳавасмандгардида шомил мешавад.

Баъди аз назар гузаронидани компонентҳо мо ба муайян кардани дараҷаи шавқ ба маърифат мегузарем. Дар хонандагони як синфи шавқ ба маърифат дараҷаҳои гуногуни инкишоф ва хусусияти гуногуни ифодаёбии он, ки аз сабаби ҳархела будани таҷриба, роҳҳои хоси инкишофи инфиродӣ ба вуҷуд омадаанд, ба назар мерасанд. Фарқ қардани дараҷаи шавқи маърифатӣ ва муқарраран муайян кардани роҳҳо ва ташкили шароит барои инкишофи он дар илм (тибқи Г.И. Шукина) қабул гаштааст:

1. Дараҷаи муқаддамотӣ (элементарӣ)-и инкишофи шавқ ба маърифат дар сурати дар хонандагон мавҷуд будани мароқ ба муҳтавои ҷалбкунандаи дониш, фактҳои шавқовар, навиштани зухуроти муайян ба назар мерасад. Асоси шаклгирии онро фаъолияти репродуктивӣ-фактологӣ ба вуҷуд меорад ва фаъолнокии эҷодӣ бошад, дар кӯшиши мустақилонаи ӯ барои иҷрои вазифаҳои қайдгашта ифода мегардад. Таъсиррасонии педагогӣ

дар ин марҳилаи синнусолӣ асосан аз муҳайё кардани ҳиссиёти мусбат ба муҳтавои дониш ва раванди таълим иборат аст.

2. Дараҷаи дуюми инкишофи шавқ ба маърифат ба хонандагон хос мебошад, дар онҳо мароқ ба муайян кардани сабабҳои вобастагӣ, мустақилона муайян кардани онҳо, маърифати хусусиятҳои ашё ва зуҳурот шакл мегирад. Дараҷаи фаъолнокии эҷодӣ дар кӯшиши кашфи моҳияти равандҳои омӯхташаванда ва зуҳурот ба назар мерасад; компонентҳои шавқ ба маърифат нисбати ҳиссиёт баландтар меравад. Таъсиррасонии педагогӣ ба хонандагон бояд барои дар онҳо ташаккул додани кӯшиш барои мустақилона таҳқиқ кардани равандҳои географӣ ва падидаҳо, ҳалли масъалаҳо, кушодани муаммо, моҳияти мафҳумҳои омӯхташаванда қарор гирад. Ин раванд бо мураккаб гаштани фаъолият, ки хусусияти тавсифӣ - ҷустуҷӯӣ дорад, алоқаманд аст.

3. Дараҷаи нисбатан баланди инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат ба кӯшиши хонандагон барои маърифати масъалаҳои чуқури назариявӣ, ҷаҳонбинӣ ва вазифаҳои методологӣ алоқаманд, малакаи амалӣ кардани фаъолият на аз рӯи намуна, балки аслӣ бо роҳи худ вобаста аст. Асоси ин дараҷаро фаъолияти эҷодӣ ташкил медиҳад, баробари он компоненти иродавии шавқ ба маърифат афзалият дошта, бо кӯшиши мустақилона ба даст овардани донишҳои географӣ ба назар мерасад. Ин дараҷаи инкишофи шавқ ба маърифатро бо роҳи ташкили системаноки фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии хонандагон ташаккул додан лозим аст. Ҳангоме, ки дараҷаи олии шавқ ба маърифат шакл мегирад, дар бораи мавҷудияти талаботи маърифатӣ сухан кардан месазад.

Дар бораи хусусиятҳои дараҷаҳо сухан карда, доир ба шароит, ки муҳайё кардани онҳо барои шаклгирӣ, инкишоф ва мустаҳкамшавии ба маърифат мароқзоҳиркунии хонандагон мусоидат мекунад, хулоса кардан мумкин мебошад:

- ба таври максималӣ такя кардан ба фаъолнокии фикрронии хонандагон;

- ташаккули шавқ ба маърифат ва шахсият дар якҷоягӣ. Сирри ин дар он аст, ки раванди таълим ба таври оптималӣ бо дараҷаи инкишофи хонандагон мувофиқ бошад;

- фазои эмотсионалии таълим, ҳиссиёти мусбат дар таъмини муназзами раванди таълим;

- муоширати хуш дар раванди таълим. Ин гурӯҳи шароитҳои муносибатанд, ки бо номҳои «хонанда - муаллим», «хонанда – падару модар ва наздикон», «хонанда – коллектив» шинохта шудаанд.

Масъалаҳои марбут ба инкишоф додани мустақилияти хонандагон дар таснифоти дидактикии методҳо, ки И.Я.Лернер ва М.Н. Скаткин коркард кардаанд, инъикос ёфта, ҳамзамон дар методикаи таълими география мавриди истифода қарор гирифтаанд. И.В.Душина, Е.А.Таможняя ва В.Б.Пятунин методҳои таълимро дар робита бо омӯзиши фаъолияти маърифатии хонандагон тасниф карда, методи баёнӣ ва тасвириро махсусан қайд кардаанд, ки тибқи он ташкили азхудкунии дониш бо истифодаи воситаҳои аёнӣ ба назар дошта шудааст [57, с.98] .

Ба андешаи онҳо муаллим донишро дар шакли тайёр пешниҳод мекунад. Ин метод пеш аз ҳама барои гузаронидани дарсҳои назариявӣ зарур аст, ки дар ин гуна дарсҳо азхудкунии далелҳо суст таъмин мегарданд (масалан, маълумот дар бораи гардиши атмосфера, дар бораи ҳаракати плитаҳои сангӣ, шакл ва намудҳои шаҳришавӣ ва ғ.) ва дар баробари ин он воситаи сарфаноки додани дониш буда, дар муддати кӯтоҳ ҳаҷми калони маълумотро расонидан мумкин аст. Дар ин гуна дарс иттилоот мумкин аст, ки бо истифодаи технологияи муосир низ дода шавад.

Маълумоти дар боло овардашударо хулоса карда гуфтан мумкин аст, ки меҳнате ки барои тарбияи шавқи маърифатӣ сарф мешавад, дар бисёр самтҳо – боло бурдани сифати дониш, раҳнамоии кӯдак барои инкишофи умумӣ, мададрасонӣ ҷиҳати паси сар кардани мушкилиҳо, хурсандӣ бахшидан ба ҳаёти кӯдак, таъсиррасонӣ ба ҳамаи самтҳои таълим, такмили малакаҳо, мусоидатнамоӣ ба идомаи таҳсилу худомӯзӣ ва боло бардоштани кӯдак ба зинаи баланд афзалият дорад.

## 1.4 Мазмун, шакл ва методҳои истифодаи воситаҳои аудиовизуалӣ дар дарсҳои география

Яке аз масъалаҳои маркизии дидактика ҷустуҷӯи воситаҳои нави самараноктари интиқоли дониш аст, воситаҳое, ки ба хонандагон имкон диҳад, ки иттилооти пурра ва дақиқро доир ба омӯзиши зуҳурот дода тавониста раванди таълимро осон гардонад. Ягон низоми омӯзишӣ танҳо ба муаллим ҳамчун манбаи ягонаи иттилооти таълимӣ такя намекунад. Айни замон нақши муаллим пеш аз ҳама дар ташкили раванди маърифатӣ, инкишофи ҳаматарафаи хонандагон ифода мегардад. Тамоюлҳои муосири инкишофти технологияҳои иттилоотӣ тақозо мекунанд, ки масъалаҳои истифодабарии шаклҳо, методҳо ва воситаҳои таълим бо назардошти истифодаи васеи васоити электронии иттилоотӣ - коммуникативӣ бо рӯйкарди телевизионӣ, видеоӣ, воситаҳои бисёррасонаӣ ҳалли худро ёбанд. Истифодабарии онҳо дар раванди таълиму тарбия имкон медиҳад, ки дар таълим самараи аёниятнокиро боло бардошта, доир ба объект ва ё зуҳуроти мавриди омӯзиш иттилои дақиқ диҳанд, захираи методҳои педагогиро дар раванди таълим ва баёни дониш зиёд гардонад.

География – дар нақшаи таълимӣ фанни ҳатмӣ буда, он дар тӯли чанд сол омӯзонида мешавад ва методикаву маҳорати махсуси муаллимро талаб мекунад. Пӯшида нест, ки ҳар муаллим ҳангоми ба нақша гирифтани дарси навбатӣ кӯшиш мекунад, ки он на танҳо самаранок, инчунин сифатнок ва ба таври зиндаву равшан бошад, зеро ҳамон чиз ба хонандагон шавқовар мегардад, ки агар «равшан» дар дарс пешниҳод гашта бошад ва он дурудароз дар хотири ӯ нақш мебандад.

Барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда воситаҳои муосири таълим, ки дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуданд, кӯмакрасони хуб гашта метавонанд. Айни замон муаллим бе мадади воситаҳои муосири аудиовизуалӣ наметавонад, ки дарсро пурсамару

дуруст гузаронад ва барномаҳои таълимӣ, муҳтавои китоби дарсиро ба пуррагӣ ба амал татбиқ намояд.

Воситаҳои аудиовизуалии таълим (ба таври дигар – «шунавоӣ ва биноӣ» аз калимаи лотинии audire шунидан ва visualis биноӣ гирифта шудааст) – гурӯҳи махсуси воситаҳои техникӣ мебошанд, ки дар раванди таълим ба таври густурда мавриди истифода қарор гирифтаанд ва дорои имконияти нишон додан дар экран ва шунавонидан мебошанд, ки барои пешниҳоди иттилооти биноӣ ва шунавоӣ нигаронида шудаанд.

Воситаҳои аудиовизуалии таълим имкон медиҳанд, ки муҳтавои фанҳои таълимӣ зиёдтар кушода дода шавад, фаъолнокии хонандагон ташкил гардад, рӯйкардҳои таълимиро гуногун созад, хонандагонро аз як намуди фаъолият ба намуди дигари фаъолият гузаронад ва дар айни замон барои рушди диққати хонандагон ва мароқзоҳиркунии онҳо нисбати масъалаи омӯхташаванда мусоидат кунад, омодагии истифода бурдани қувваи иродаро барои паси сар кардани душвориҳои пайдошуда ба вуҷуд орад.

Воситаҳои аудиовизуалӣ барои идрок, азхудкунӣ ва системанокгардонии маводи таълимӣ мусоидат мекунанд, аммо қайд кардан лозим аст, ки самаранокии педагогии воситаҳои аудиовизуалӣ аз бисёр ҷиҳат ба методика ва ворид кардани он дар раванди таълим вобаста аст. Воситаҳои аудиовизуалии таълим дар байни дигар воситаҳои таълим ҷойгоҳи худро дорад ва таъсири пурқуввати омӯзишӣ дорад, зеро ки он барои образнок идрок кардани маводи омӯхташаванда ва ба таври аёнӣ мушаххаскунии он ба таври дастрас барои идрок ва хотираро таъмин мекунад; синтези саҳеҳи баёни далелҳои илмӣ медиҳад, зуҳуроти ҳаётӣ тавассути воситаҳои бадеӣ (кино, сурат, хониши бадеӣ, расмҳо, мусиқӣ ва ғайра) инъикос мегардад. Ба таври комплексӣ истифода бурдани воситаҳои интерактивӣ ва аудиовизуалии таълим ба раванди таълим таъсири мусбат мерасонанд.

Маҷмӯи ҳамаи намуди иттилоъ (графикӣ, овозӣ, видео)-ро бисёррасонаӣ (мултимедиа) дорад. Аз ин рӯ, мафҳуми воситаҳои

аудиовизуалӣ бо мафҳуми мултимедиа (бисёррасонаӣ) маънои якхела дорад.

Бисёррасонаӣ (мултимедиа) аз дигар воситаҳои таълим бо чӣ фарқ мекунад? Пеш аз ҳама бо ду хусусияти асосии дидактикӣ фарқи онҳо ба назар мерасад:

- рӯйкарди ҳамгироӣ дар пешниҳоди иттилоъ дар намудҳои гуногун (матн, садо, видео ва ғ.)
- робитаи интерактивии мутақобил бо омӯзандагон.

Ин ду рӯйкард имкон медиҳанд, ки бисёр масъалаҳои дидактикии муосир ҳалли худро ёбанд, ки инҳоянд:

- ташаккули малака ва маҳорати тафаккури интиқодӣ дар шароити кор бо ҳаҷми калони иттилоот;
- ташаккул додани малакаи кори мустақилона бо маводи таълимӣ бо истифодаи технологияҳои муосир;
- ташаккули малакаи худинкишофдиҳӣ, рушди маҳорат ба зудҳаракатии академии хонандагон;
- ташаккули малакаи кор бо даста ва ё гурӯҳ;
- рушди маҳорати шакл гиронидани вазифа ва бо дастаҷамъӣ ҳал кардани он;
- ташаккул додани малакаи худназораткунӣ ва ғ.

Воситаҳои муосири аудиовизуалӣ, ки аз маҷмӯи дастгоҳҳо ва технологияҳои дар асоси компютер ва дастгоҳҳои аудиовизуалӣ амалкунанда иборат буда, метавонанд, ки ба таври амалӣ ҳамаи равандҳо ва зуҳуротро моделронӣ карда, имкониятҳои фарохро барои амалигардонии онҳо ба вуҷуд оранд.

Воситаҳои аудиовизуалии таълимии замони муосир фарогири инҳо мебошад:

1. Фонограммаҳо: ҳамаи намудҳои машқҳои овозӣ, тестҳои садоӣ, сабти овозии матнҳо, ҳикояҳо, аудиодарсҳо ва аудиолексияҳо.
2. Маҳсулоти видео: видеонавор, дарси видеоӣ, видеофилм, лексияи видеоӣ, слайдҳои мавзӯӣ ва транспорантҳо.

3. Воситаҳои компютерии таълимӣ: китобҳои электронӣ, худомӯзҳо, дастурҳо, маълумотномаҳо, луғатҳо, омӯзишҳои амалӣ, барномаҳои санҷишӣ, тестҳо ва бозиҳои таълимӣ.
4. Интернет: пойгоҳҳои шабакавии маълумот, видеоконференсияҳо, интиқоли видео, семинарҳои маҷозӣ, телеконференсияҳо дар форумҳои мавзӯии иҷтимоӣ, лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ.

Воситаҳои аудиовизуалии таълим идроки иттилооти таълимиро тақвият мебахшанд, ки он дар ҳадди муайян сифати фаҳмиш ва азхудкунии маводи таълимиро муайян мекунад. Истифодаи воситаҳои техники аудиовизуалӣ аз лиҳози психологӣ як қатор афзалият дорад:

- истифодаи бештари шабакаи шунавоӣ ва махсусан биноии қабули иттилооти таълимӣ. Гуногунӣ ва образҳои пурмуҳтаво ба муҳокимаронӣ ва кори ақлонӣ ворид гашта, ҷолибӣ ва мароқзоҳиркуниро ба маводи омӯхташаванда зиёд мегардонад;

- истифодаи сифатноки аёният ба ташаккул ва азхудкунии мафҳумҳо, исботшавандагӣ ва асоснокии муҳокима ва кори ақлонӣ, аз байн бурдани алоқаи сабабӣ-натиҷавӣ ва ғ. таъсир мерасонад;

- интенсификатсияи раванди бахотиргирӣ ҳамчун хотимаи мантиқии раванди азхудкунӣ: воситаҳои аудиовизуалӣ барои мустаҳкамкунии донишҳои гирифташуда мусоидат карда, лаҳзаҳои равшани такягоҳиро ба вуҷуд меорад, ба риштаи мантиқии хотирмонии мавод мадад мерасонанд, маводи азхудшавандаро ба низом медарорад;

- мултимедиа имкон медиҳад, ки маълумотро дар пайдарпайӣ, андоза ва темпи лозима диҳад;

- чунин технологияҳо мадад мерасонанд, ки дар хонандагон маҳорати муқоиса, таҳлил ва хулосабарорӣ рушд ёбад, чунончи мумкин аст, ки дар намудҳои гуногуни аёнӣ ракусҳои гуногуни объекти омӯхташаванда нишон дода шуда, то хотимаи мантиқӣ оварда расонад, муҳокимаҳои нодурусти хонанда ислоҳ гардад, ки бениҳоят боварибахш буда, на ҳама вақт тавассути сухани муаллим ба он ноил гаштан мумкин аст;

- воситаҳои аудиовизуалӣ дорои имкониятҳои фарох ҳастанд, ки барои рушди маҳорати эҷодии хонандагон, манфиати эстетики онҳо ва аз тарафи онҳо азхудкунии донишҳо дар сатҳи баланди тафсир ва азхудкунӣ оварда мерасонад;

- онҳо имкон медиҳанд, ки тағйирёбии баёни мавзӯи таълимӣ барои гурӯҳҳои гуногун ба вуҷуд оварда шавад, ҳалли масъалаҳои сершумори ташкили инфиродигардонии раванди таълим дар шароити таълими коллективӣ ҳалли худро ёбад;

- намоишдиҳии маводи таълимӣ бо мадади бисёррасонаӣ диққати хоси хонанандагонро ҳангоми дар назди онҳо пешакӣ мақсадҳои дақиқ дар намуди саволҳо гузошта шудаанд ва ба онҳо баъди тамошо ва ё шунидан ҷавоб додан лозим аст, талаб мекунад.

Ҳамаи имкониятҳои номбаркардашуда метавонад, ки танҳо дар сурати риояи шароити психологӣ ва методии истифодаи онҳо амалӣ гарданд. Мақоми воситаҳои аудиовизуалӣ дар машғулиятҳо, ки давомнокии истифодабарии онро дар бисёр вақт аз хусусиятҳои инфиродии хонандагон, услуби фаъолияти таълимӣ муқаррар мекунад. Онро ҳам ба назар гирифтан зарур аст, ки технологияҳои аудиовизуалиро танҳо ҳамон лаҳза кор фармудан лозим аст, ки агар аз лиҳози методӣ он мушаххас гашта бошад; истифодаи онҳо аз муаллим вақти изофагӣ, кӯшиш ва аксар вақт дониши махсусро металабад. Истифодаи зиёди он ҳам дар рафти дарс бар зарари коркарди идеяҳои асосии мавзӯи омӯхташаванда ва азхудкунии онҳо, машқҳо, корҳои мустақилона ва ғ. буда, ба натиҷаи номатлуб оварда мерасонад. Барои истифодаи дурусти воситаҳои бисёррасонаӣ зарур аст, ки робитаи байниҳамдигарии он бо дигар воситаҳои таълимӣ барқарор гардад, ёфтани имконпазирии мантиқии гузариш аз як воситаи таълимӣ ба дигар, ба дарс ворид кардани ҳамон воситаҳое, ки ба таври максималӣ ба мақсаду вазифаҳои таълимӣ мутобиқат мекунанд.

Истифодабарии воситаҳои аудиовизуалии таълимӣ дар дарс ва фаъолияти беруназдарсӣ на ҳама вақт самараи дилхоҳро ба вуҷуд меорад. Аксар вақт истифодабарии воситаҳои аудиовизуалии интиқоли

иттилооти таълимӣ аз лиҳози методӣ зарур дониста мешавад, яъне нодуруст муайян кардани нақши дидактикӣ ва мақоми воситаҳои аудиовизуалӣ дар дарсҳо, номутобиқатии имкониятҳои ифоданокии воситаҳои аудиовизуалӣ ва аҳамияти дидактики онҳо, сербории дарси намоишдиҳӣ, табдил кардани он ба биноӣ-овозӣ, адабӣ-мусиқӣ ва ё ноҷӯрӣ, тасодуфан истифодаи он ба раванди таълим чизи наверо ворид намекунад.

Истифодаи бисёррасонаӣ ба системаи марказии асаб зӯроварӣ мекунад, махсусан ба анализаторҳои биноӣ ва шунавоӣ. Ҳангоми истифодабарии воситаҳои мултимедиа сохтори якранги дарс ба шакли шавқовари интиқоли иттилоот нигоҳ накарда ба вуҷуд меорад, зуд ба хасташавӣ оварда мерасонад, зеро дар давоми тамоми як дарс ба як кор: танҳо тамошо кардану шунидан хеле мушкил аст. Ногузир аст, ба назар гирем, ки нисбатан (дар муқоиса бо дарсҳое, ки бе истифодаи воситаҳои аудиовизуалӣ амалӣ мешаванд) ҳаҷми иттилоот калон аст ва обуранги ҳиссии он шиддатро зиёд мекунад, темпи корро метезонад (хонанда амалан ба корҳои беҳуда машғул намешавад), ки дар натиҷаи он серборӣ дар анализаторҳои шунавоӣ ва биноӣ ба амал меояд. Аз ҳамин сабаб сӯиистифода кардани чунин навгониҳои методологӣ даркор набуда, методҳо ва тарзҳои корбариро иваз карда истодан лозим аст.

Аммо новобаста аз ин воситаҳои аудиовизуалии таълим сарчашмаи самараноки болобардории сифати таълим ба шарофати равшанӣ, ифоданокӣ ва иттилоотнокии арзиши образноки биноӣ-шунавоӣ мебошад, ки ҳолати ташкилдиҳӣ ва муошират бо воқеияти атрофро ба вуҷуд меорад. Зарур аст қайд кунем, ки истифодабарии воситаҳои аудиовизуалӣ ба раванди ташкили раванди таълим таъсири мусбат мерасонад, ба он дақиқӣ ва мақсаднокӣ мебахшад. Аз ин сабаб, истифодаи воситаҳои аудиовизуалии таълимӣ барои амалигардонии принсипҳои дидактикии зерин мусоидат мекунанд: принсипи мақсаднокӣ; принсипи алоқа бо ҳаёт; принсипи аёниятнокӣ; заминаи мусбати раванди педагогӣ.

Дараҷаи баланди рушди илмӣ-техникӣ маҷбур мекунад, ки ба рӯйкардҳои дар 20-30 соли охир дар раванди истифодаи воситаҳои аудиовизуалии таълимӣ бавуҷудомада нигоҳи нав кунем. Истифодаи комплексии ҳамаи намудҳои технологияҳои аудиовизуалӣ шароитро барои ҳалли масъалаҳои асосии таълим – беҳтаргардонии сифати омодагардонии мутахассисони ба талаботи прогрессии илмӣ-техникии муосир мутобиқ оварда мерасонад. Яке аз масъалаҳои мубрами таълим дар муассисаи таълимӣ – компютерикунонии он мебошад. Дар омӯзиши компютер дар мутобиқат бо воситаҳои дигари аудиовизуалӣ фаъолияти маърифатӣ хубтар мегардад, тафаккур ва маҳорати эҷодии кӯдак инкишоф меёбад, мавқеи фаъоли ҳаётии ӯро дар ҷамъияти иттилоотии муосир ба вуҷуд меорад.

## Хулосаи боби якум

Шавқ ба маърифат омили муҳити таълим ва дар як вақт омили ҳаётан зарури ташаккули шахсият аст. Мароқзоҳиркунӣ ба маърифат барои самтгирии фаъолияти умумии хонанда мусоидат мекунад ва барои сохтори шахсияти ӯ нақши муҳим мебозад. Таъсиррасонии мароқзоҳиркунӣ ба маърифат ба шаклгирии шахсият ба якчанд шартҳо вобастагӣ дорад:

1. Сатҳи инкишофи шавқ (қувва, жарфият ва устувории он).
2. Хусусият (бисёрсамтӣ, манфиатҳои васеъ, локалӣ – маҳакӣ ва ё мароқзоҳиркунии бисёрсамта бо муқаррар кардани маҳаки асосӣ).
3. Мақоми шавқи маърифатӣ дар байни дигар ҳавасмандиҳо ва таъсири байниҳамдигарии онҳо.
4. Вежагии шавқ дар раванди маърифатӣ (самти назариявӣ ва ё кӯшиши истифодаи дониш дар самти амалӣ).
5. Алоқаи он бо нақшаҳои ҳаётӣ ва дурнамо.

Шартҳои номбаргашта қувва ва жарфияти таъсири шавқи маърифатиро ба шахсияти хонандагон таъмин менамоянд. Аммо ин раванд ба таври автоматӣ ба вуҷуд намеояд, он ба фаъолгардии

фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълим, инкишофи мустақилияти хонандагон вобаста аст.

Мубрамии проблемаҳои таҳқиқот заруриятро ба бознигарии таъсири технологияи иттилоотӣ барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон ба вуҷуд овардааст. Таҳлили истифодабарии технологияи коммуникатсионӣ дар раванди таълим нишон медиҳад, ки телекоммуникатсия аз як тараф мароқзоҳиркунӣ ба маърифатнокии хонандагонро бо роҳи ба таври фаврӣ дастрас кардани маводи таълимӣ-методӣ ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба хонанда боло мебардорад. Аз тарафи дигар, имкон медиҳад, ки шаклҳо ва методҳои гуногуни таълим ташкил гардад. Аммо, дар педагогика ба таври зарурӣ рӯйкард ба ташаккули мароқзоҳиркунӣ ба маърифат бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ асоснок карда нашудаанд, ҳамчунин ташкили имконияти ба таври оперативӣ ба даст овардани иттилооти зарурӣ ба хонандагон ва муаллимон хуб омӯхта нашудааст.

Телекоммуникатсияҳои компютерӣ (содда карда гӯем «телекоммуникатсия» бо маънои маҳдудаш) – воситаҳои ба таври фосилавӣ ирсол кардани маълумот аз як компютер ва компютери дигар бо мадади модем ва шабакаҳои телефонӣ мебошад.

Истифодабарии телекоммуникатсия гуфта кор фармудани почтаи электронӣ, телеконференсияҳо, маълумоти дар пойгоҳҳои дур қарордоштаро мефаҳманд. Дар раванди таълимии кишварҳои хориҷӣ асосан лоиҳаҳои гуногуни телекоммуникатсионӣ истифода мегарданд.

Проблемаи ташаккул додани шавқ ба маърифат дар рафти таълим барои дарсдиҳии география аҳамияти махсус дорад.

Инкишофи шавқ ба маърифат бо истифодаи телекоммуникатсия пешниҳод мекунад, ки таълим бо муоширати интерактивӣ дар доираи барномаи аз лиҳози педагогӣ асоснокгардида табдил дода шавад. Иммконияти дидактикии телекоммуникатсия ва мақому нақши онҳоро дар рафти таҳқиқот дида баромада, аз тарафи мо соҳаҳои зерини истифодабарии низомҳои телекоммуникатсия муайян гардид:

– ба таври оптималӣ идора кардани низоми фаъолияти эҷодии хонандагон ва омӯзгорон;

– таъмини ҳавасмандии устувори фаъолияти маърифатӣ;

– ташкили дастрасии озод ба иттилоот, ки ба муҳтавои фанни омӯхташавандаро ҳам барои муаллим ва ҳам барои хонанда фаро гирад.

Дар ин боби рисола шароити дидактикии истифодабарии воситаҳои телекоммуникатсионӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, шаклҳо, методҳо ва воситаҳои таълим дар муҳити телекоммуникатсионии компютерӣ дида баромада шуд.

Барои шаклгирӣ ва инкишофи мароқи хонандагон шакли ташкили фаъолияти таълимӣ аҳамияти калон дорад.

Мо ҳамчунин таҷрибаи амалии истифодабарии технологияи телекоммуникатсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадем.

Дар асоси базаи назариявӣ методӣ доир ба муаммои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқоти таҷрибавӣ гузаронидем.

Дар асоси маълумоти бадастомада низоми воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва рӯйкардҳои методӣ коркард карда шуданд, ки барои инкишофи шавқ ба маърифат ва иқтидори эҷодии хонандагон дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ таъсир мерасонанд ва ба онҳо бозиҳои корӣ, ки барои инкишофи фаъолияти эҷодии хонандагон дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ нигаронида шудаанд; методи лоиҳаҳо, ки ба инкишофи мустақилии хонандагон дар гирифтани маълумоти нав мусоидат мекунад; тестгузаронии компютерӣ, ки саволҳои санҷиширо фаро мегирад, вазифаҳои эҷодӣ ва низоми ҳолатҳои проблемавӣ шомил гаштаанд.

Низоми таълими пешниҳодгашта имкон дод, ки сатҳи баланди ҳавасмандгардонии таълим ба ҷой оварда шавад. Ҳамин тавр, гипотеза (фарзия)-и пешниҳодкардаи мо тасдиқи худро ёфт.

Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зерин бароварда шавад.

1. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷорикунии воситаҳои телекоммуникатсионӣ ниҳоят мубрам мебошанд. Андешаҳои С.С. Мирзоев [120] ва С.А.Саидов [162] дар бораи он ки муҳтавои фаъолияти маърифатии хонандагон бо истифодаи системаҳои телекоммуникатсионӣ маънои эҷодӣ касб мекунад, тасдиқ гардид.

2. Лоиҳаҳои таълимии телекоммуникатсионӣ нишон доданд, ки инкишофи шавқ ба маърифат дар самтҳои зерин равон мегарданд:

–дар рафти амалигардонии лоиҳа дар хонандагон мароқ ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда боло меравад;

–омилҳои беруна таъсис мегарданд, ки шавқро ба худмаърифатӣ ва худсанҷишӣ шакл мегиронанд;

–низоми муносибатҳои байнишахсӣ мукаммал мешаванд;

–лоиҳаҳои таълимӣ барои ба таври мусбӣ тағйир ёфтани муносибати хонандагон ба фанни омӯхташаванда мусоидат мекунанд;

–шароити иловагӣ барои ташаккули муносибати башардӯстона ба ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти касбии омӯзгор шароити иловагӣ ба амал меояд.

3. Низоми телекоммуникатсионии коркардшуда ва методикаи истифодаи он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаҳои зеринро ҳал мекунад:

– тағйири муҳтавои таълими фанҳои ба таври анъанавӣ ҷараёндошта ва ҳамгироии онҳо (самаранокии лоиҳаи шабакавӣ ба ворид кардани он ба контексти умумии раванди таълиму тарбия вобаста аст);

–дар раванди таълим ҷорӣ кардани методҳои умумисинфӣ, гурӯҳӣ ва кори инфиродӣ бо хонандагон барои боло рафтани шавқ ба маърифат мусоидат мекунад;

–истифодабарии низомҳои телекоммуникатсионӣ ҳамчун абзори кори ҳаррӯзаи таълимии хонандагон ва омӯзгорон;

–омодагардонии омӯзгорон ба кор бо методҳо ва шаклҳои нави таълим бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим

(инро ҳам бояд дар назар дошт, ки лоиҳаи телекоммуникатсионӣ танҳо компоненти низоми таълим буда, худи низом нест).

4. Дар рафти таҳқиқот ошкор гашт, ки яке аз омилҳои суст ҷорӣ гаштани телекоммуникатсия дар раванди таълим тайёр набудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои истифодабарии технологияҳои нави педагогӣ бо мақсадҳои таълимӣ мебошад.

# БОБИ 2. ИМКОНИЯТҲОИ САМАРАНОКИ ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТИВӢ ДАР РУШДИ ШАВҚИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН

## 2.1. Методҳои коркарди барномаи дорои маълумоти географӣ дар барномаи Microsoft Power Point

Ба вуҷуд омадани низомҳои бисёррасонаӣ дар бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон дигаргуниҳои куллиро ба амал овард. Яке аз самтҳое, ки дар он технологияи бисёррасонаӣ зиёд мавриди истифода қарор мегирад – соҳаи маориф мебошад. Чунки воситаҳои иттилоърасоние, ки ба бисёррасонаӣ асос ёфтаанд, самаранокии таълимро боло мебардоранд.

Таҷрибаҳо собит кардаанд, ки ҳангоми ба таври шифоҳӣ баён кардани мавод дар як дақиқа хонанда имкон дорад, ки то як ҳазор воҳиди шартӣ маълумотро қабул ва дарк намояд, аммо ҳангоми ба ин раванд «пайваст гаштан»-и узви биноӣ он то ба 100 ҳазор воҳиди шартӣ мерасад.

Дар низоми маориф ҷорӣ намудани воситаҳои бисёррасонаӣ, ки қобилияти ҳифз кардан, коркард ва истеҳсоли филмҳои видеоиро доранд, ба сохтани  барномаҳои нави компютерӣ оварда расонид, ки онҳо ҳангоми таълим  барои нишон додани пораҳои видеонаворҳо ва маводи дигар ба хонандагон истифода бурда мешавад. Ин дар навбати худ усулҳои нави гузаронидани машғулиятҳои дарсиро, ки дар онҳо хонандагон бо компютер кор карда, қисми вақти таълимиро ба тамошои

порчаҳои видеоӣ, ки аз нуқтаи назари мақсади таълим мувофиқанд, ба вуҷуд овард. Муқарраран, сифати маводи видеоӣ, ки дар соҳаи маориф истифода мегарданд, бо шарофати истифодабарии воситаҳои мутобиқи бисёррасонаӣ тағйир ёфтанд.

Имкониятҳои дидактикии бисёррасонаӣ предмети омӯзиши як қатор олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ: С.Г.Григорев [50], С.С. Мирзоев [129], Д.В.Новенко [139], Н.Н.Петрова [152], Н.В. Роберт [167], С.А.Саидов [172], Н.Г.Семенова [176], В.А.Трайнев [191], Л.Б.Хегай [196] ва дигарон гаштааст. Таҳлили сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ нишон дод, ки хусусияти фарққунанда ва асосии технологияи бисёррасонаӣ дар муқоиса бо намудҳои анъанавӣ он аст, ки дар раванди таълим маълумот на танҳо дар намуди матн, балки бо образҳо пешниҳод мегардад (С.Г.Григорев, С.С. Мирзоев, Д.В.Новенко, Н.Н.Петрова, Н.В.Роберт, С.А.Саидов ва диг.), ки он дар навбати худ ба комилан ҷалб гаштани диққати хонандагон, хуб фаҳмидан, дарк кардан ва ба хотир нигаҳ доштани мавод мусоидат мекунад.

Microsoft Power Point, ки дар таркиби бастаи Microsoft Office ҷой дода шудааст, воситаи унверсалиест, ки барои сохтан, шакл гиронидан ва нишон додани муаррифиҳо, ки муаллим онро ҳамчун аёният ба гурӯҳи хонандагон ва ё дигар омӯзандагон нигаронида шудааст. Муаррифии бисёррасонаӣ, ки дар Microsoft Power Point сохта шудааст метавонад, ки матнҳо, суратҳо, расмҳо, слайдҳо, ҳамоҳангии савтӣ ва ё хониши ровӣ, пораҳои видео ва аниматсия, графикаи сеченакиро фаро гирад. Фарқи асосии муаррифӣ аз дигар воситаҳои расонидани информатсия дар он зоҳир мегардад, ки муҳтавои ғанӣ ва интерактивӣ дошта, дар онҳо имконияти ба таври мушаххас таъсир расонидан ба амали истифодабарандагон ҷой дорад.

Муаррифии бисёррасонаӣ яке аз усулҳои самараноки таълимӣ дар дарс, воситаи тавонои педагогӣ аст, ки аз доираи низоми синфӣ-дарсӣ берун баромадааст. Одатан, таъиноти муаррифиҳо барои ҳалли масъалаҳои локалии педагогӣ равона гаштааст. Масалан, истифодабарии Microsoft Power Point ба он мусоидат мекунад, ки дарс аз

ҷиҳати эҳсосӣ оро меёбад, сатҳи аёниятнокии мавзуъ боло рафта шавқи омӯхтани он меафзояд. Аз сабаби дар як вақт каналҳои биноӣ ва шунавоӣ ба маводи таълимӣ ҷалб мегарданд, хонанда ба осонӣ мавзуъро аз худ мекунад.

Технологияи бисёррасонаӣ имкон медиҳад, ки бисёр намудҳои маълумот оқилона ва ба таври мавзун интегратсия шаванд. Ин имкон медиҳад, ки бо кӯмаки компютер маълумот дар шаклу намудҳои гуногун пешниҳод гардад:

- тасвирҳо, аз ҷумла суратҳо, нақшаҳо, харита ва слайдҳо;

- сабти овоз, эффектҳои овозӣ ва мусиқӣ;

-видео, эффектҳои мураккаби видеоӣ;

-аниматсия ва намоишҳои аниматсиямонанд.

Таҳлили таҳқиқоти фаровоне, ки доир ба масъалаи истифодабарии технологияҳои коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки амалан ҳамаи муаллифон бисёрфунксионалии онро дар муқоиса бо воситаҳои дигари маълумотдиҳӣ ва воситаҳои компютерии телекоммуникатсионӣ қайд кардаанд.

Телекоммуникатсияи компютерӣ на танҳо воситаи тавоноест, ки метавонад функсияҳои таълимии кор бо иттилоот, омӯзиши забони хориҷӣ ва ғайраро бо омӯзандагон ва монанди инҳоро ба сомон расонад, аммо аз тарафи дигар телекоммуникатсияи компютерӣ муҳити махсуси муоширати одамон бо ҳамдигар аст, ки новобаста аз синну сол, касбҳо ва дигар гуруҳи одамон новобаста аз ҷои қарордоштаашон ба ҳамдигар таъсири интерактивӣ мерасонанд.

Гузашта аз ин интерактивияти телекоммуникатсияҳои компютерӣ на танҳо бо доштани имконияти фаврии табодули иттилоот дар намуди мактубҳои электронӣ муайян мегардад, балки дар шароити кунунӣ имкониятҳои мустақими алоқаи аудиовизуалӣ низ доранд. Айни замон масъалаҳои равонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба ҳамдигар таъсиррасонии истифодабарандагони телекоммуникатсия (ҳангоми гузаронидани телеконференсияҳо, мукотибот бо почтаи

электронӣ) аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ хуб омӯхта нашудааст, гарчанд ки ба ин масъала дар хориҷа бештар аҳамият медиҳанд.

Сатҳи баланди интерактивӣ доштани телекоммуникатсияҳои компютерӣ муҳити дилхоҳи таълимӣ-маърифатӣ, он муҳитеро ба вуҷуд меоранд, ки барои ҳалли масъалаҳои дидактикӣ (масалан, маърифатӣ, иттилоотонӣ, фарҳангӣ ва ғ.) истифода мегарданд, ки фарқи асосии он аз дигар васоит ба шумор меравад.

Хусусияти фарққунандаи ин муҳит дар он аст, ки он ҳам барои таълими оммавӣ ва ҳам барои таълими хоси инфиродӣ ва худомӯзӣ созгор аст. Ба ғайр аз ин муҳити мазкур, ки функсияҳои таълими компютерӣ бо истифодаи бисёррасонаӣ ва мушаххасан коммуникатсия чунин тавсиф мегардад:

–имкониятҳои омӯзонидани хонандагон ба малакаи босаводона сухан кардан, бехато навиштан ва ҳамчунин зеб додани натиҷаи корашон бо нашрҳои гузаштаро дорад;

–доштани шароит барои рушди тафаккури эҷодӣ (ҳангоми истифодаи алоқаҳои асинхронӣ);

– шароит барои табдил додани таълим тавассути шабакаҳо дар намуди иҷтимоӣ, коллективӣ ва раванди коллаборативӣ;

–равона кандани диққати ҳамаи иштирокдорон бо таъсиррасонӣ тавассути шабака ба худи иттилоъ (масалан, матни фиристодашуда тавассути почтаи электронӣ), на ба нишонаҳои шахсии муаллиф (синну сол, либос, миллат ва ғ;

–доштани шароит барои таъсиси «синфхонаи маҷозӣ» аст, ки барои амаликунии имкониятҳои таълими гуруҳӣ ва лоиҳавӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили асарҳои Н.Я.Анатова [12], В.А.Герасимова [44], В.С. Гершунский [45], Н.В. Роберт [167], Н.Г. Семенова [176], Н.В. Смирнова [181] ва дигарон нишон дод, ки технологияҳои информатсионӣ ва телекоммуникатсионӣ асоси раванди иттилоотонии соҳаи маориф буда, барои амалӣ кардани онҳо чунин корҳо пешниҳод мегардад:

–боло бардоштани сифати таълим тавассути мукаммал истифода бурдани иттилои дастрас;

–боло бардоштани самаранокии раванди таълим ва дар асоси он инфиродигардонӣ ва интенсификатсия;

–коркарди воситаҳои дурнамоӣ, методҳо ва технологияи таълими барои инкишоф равонагардида ва таълими ба шахс нигаронидашуда;

–аз лиҳози техникӣ ноил гаштан ба сатҳи даркории касбӣ дар истифодабарии воситаҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор;

–интегратсияи намудҳои гуногуни фаолият (таълимӣ, таълимӣ-таҳқиқотӣ, методӣ, илмӣ, ташкилӣ) дар чаҳорчӯбаи методологияи ягона, ки ба истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ асос ёфтааст;

–тайёр кардани иштирокчиёни раванди таълим ба зиндагӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ;

–боло бардоштани салоҳиятнокии касбӣ ва рақобатпазирии мутахассисони соҳаҳои гуногун;

–барҳам додани падидаҳои бухронӣ дар низоми маориф [26, 41].

Таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии таъсис додани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ нишон дод, ки шабакаҳои компютерии таълимӣ ҳамчун низоми рӯ ба рушд бояд баҳо дода шаванд. Вақтҳои охир рушди босуръати шабакаҳои компютерии телекоммуникатсионӣ масъалаи истифодаи мазмуннок ва таъминоти методологии онҳоро ба вуҷуд овард. Дар қиёс бо хориҷа таҷрибаи ватании истифодаи интенсивии лоиҳаҳои таълимии телекоммуникатсионӣ, истифодабарии телекоммуникатсия, почтаи электронии компютерӣ ва конференсияҳои хонандагон бо мақсадҳои таълимӣ нисбатан заиф мебошад.

Таркиби технологияҳои телекоммуникатсионии таълимиро дида мебароем.

Оддитарин намуди телекоммуникатсия – почтаи электронӣ аст, ки айни замон бо хароҷоти минималӣ ва бомуваффақият дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода мегардад. Вазифаҳои таълимии почтаи электронӣ дар рафти таълим аз инҳо иборат аст:

–ҳавасмандӣ бахшида, раванди табодули таҷрибаи омӯзгорони фанҳои гуногунро таъмин мекунад;

–шавқи хонандагонро ба курси омӯхташаванда, ки он истифода мегардад, боло мебардорад;

–таҷрибаи коммуникативии хонандагонро боло бардошта, барои такмили нутқи хаттияшон мадад мерасонад;

–имкон медиҳад, ки рӯйкардҳои нави методӣ, ки ба муқоисаи маълумоти худи хонандагон бо он ки аз почтаи электронӣ гирифтаанд, имконпазир шавад [12, с.96].

Почтаи электронӣ бо се хусусияташ аз почтаи муқаррарӣ фарқ мекунад:

1) тайёркунии мактуб бо мадади компютер, ки аз кори сермашаққат халос карда, раванди омодакунии онро ба таври эҷодӣ ва тез мегардонад;

2) фиристодан ва гирифтани мактубҳо аз ҷои корӣ бо кӯмаки компютер;

3) зуд дастраскунии мактубҳо ба нуқтаи самти муқобили курраи замин дар муддати 4-5 соат расонида мешавад [12, с.97].

Истифодаи почтаи электронӣ дар раванди таълим одатан дар шакли лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад. Лоиҳаи таълимии телекоммуникатсионӣ ба мавзӯи муайян бахшида мешавад ва фаъолияти гуногунранги хонандагонро дар тайёркунӣ ва фиристодан, инчунин гирифтан ва таҳлили инттилооти таълимӣ бо кӯмаки телекоммуникатсияи компютериро дар бар мегирад, аз лиҳози вақт бошад, аз якчанд рӯз то якчанд моҳ идома мекунад.

Лоиҳаҳои оддии телекоммуникатсиониро хонандагони ду синф таҳти роҳбарии муаллимон метавонанд, ки амалӣ гардонанд ва он дар шакли мукотиботи бесохтори коллективӣ сурат гирад. Лоиҳаҳои мураккаби дурудароз, ки дар онҳо даҳҳо ва садҳо синф иштирок мекунанд, талаб мекунад, ки дар амалигардии он ҳамоҳангсозон ва методистон, ки рафти телекоммуникатсияро роҳбарӣ мекунанд ва мувофиқати муҳтаво ва муҳлати фиристодани мактубҳоро амалӣ мегардонанд, ҷалб карда шаванд. Лоиҳаҳои бузург дар шабакаҳои махсусгардонидашудаи компютерӣ баргузор мешаванд (ИМА, Канада, Британияи Кабир, Россия ва ғ.).

Мусобиқа (озмун) бо истифодаи телекоммуникатсияи компютерӣ гуфта, бозии саволу ҷавоби мусобиқавии гурӯҳҳоро бо истифодаи E-mail ва ҳамчунин WWW барои таъмини алоқа бо гурӯҳи хонандагони шаҳрҳои гуногун (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва монанди инҳо) мефаҳманд [1, с.126]. Мақсади гузаронидани мусобиқа (озмун) бо истифодаи телекоммуникатсияи компютерӣ доир ба ин ё он фанни таҳсилоти умумӣ ва ё олӣ беҳтар гардонидани тарзи таълими ин фан мебошад. Ин беҳтаргардонӣ тавассути чизҳои дар зер номбаршуда ба даст меояд:

–ҳасавмандгардонӣ ва шавқ ба фанни омӯхташаванда бо мадади технологияҳои коммуникатсионӣ ва истифодаи методи муқоисавии омӯзиши мавод;

–ҳавасмандгардонии фаъолшавӣ ва мустақилии хонандагон ҳангоми тайёр кардани саволҳо ва кор бо адабиёт, кори беруназсинфӣ;

–инкишоф додани малакаи кори коллективӣ ҳангоми мусҳокимаи саволҳои харифон;

– такмилёбии нутқи хаттии хонандагон;

–санҷиши объективии жарфият ва васегии дониш, сифати азхудкунии мавод аз тарафи хонандагон, баҳодиҳии объективонаи тактика ва стратегияи кории муаллим бо синф, методикаи таълим, интихоби муҳтавои фан [1, с.126].

Бояд қайд кард, ки тарафи озмунии викторинаҳои телекоммуникатсионӣ аҳамияти дуюминдараҷаи ёрирасон дорад, яъне ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии хонандагон аст. Таъиноти асосии викторинаҳои телекоммуникатсионӣ хидмат намудан барои пегагогҳо-роҳбарон барои таъсиси дастаҳо дар маҳалҳо бо истифодабарии технологияҳои инноватсионии педагогӣ мебошад. Яке аз имкониятҳои техникаи педагогӣ ҳангоми ташкили синф барои иштирок дар викторинаи телекоммуникатсионӣ қадамҳои зерини педагог-роҳбарро фаро мегирад:

1) ба ҳамоҳангсозони викторина дар мувофиқа бо маъмурияти муассисаи таҳсилоти умумӣ фиристодани дархост барои иштирок дар викторина;

2) ҳамоҳангсозии нақшаҳои корӣ бо мавзуъҳои викторина ва мутобиқи фанни география бо назардошти речаи кории викторина;

3) дар синф таъсис додани гуруҳҳои эҷодии иборат аз 3 – 6 нафар, омода гардонидани онҳо барои иштирок дар викторина (фикр кардани саломнома ва саволҳо);

4) гузаронидани конференсия дар синф барои муҳокима ва интихоби саломнома ва саволҳои викторина;

5) ташкили омодасозии мактуби электронӣ бо намояндагони гуруҳҳо дар утоқи география;

6) тафтиш ва ба ҳамоҳангсозон фиристодани маводҳои саломнома ва саволҳо (ҷавобҳо)-и дастаҳо;

7) гирифтани мактуб ва саволҳои дастаҳои боқимонда, паҳн кардани саволҳо барои ҷустуҷӯи ҷавобҳо дар гуруҳҳо;

8) гузаронидани конференсияи синфӣ доир ба муҳокимаи саволҳо ва ҷавобҳои онҳо;

9) ташкили омодасозии мактуби электронии намояндагони гурӯҳ дар утоқи география бо ҷавобҳо;

10) тафтиш ва фиристодани мавод ба ҳамоҳангсозон;

11) гирифтани ҷавоби мактубҳо ва ҷавобҳои дастаҳои дигар;

12) гузаронидани конференсияи синфӣ барои муҳокима ва баҳогузории саволҳои дастаҳои дигар, фиристодани тақризи ҷавобҳо ба ҳамоҳангсозон;

13) гирифтани мактуби ҷамъбастии викторина, гузаронидани ҷамъбасти викторина дар синф ва шинос намудани онҳо ба педагогҳо – ҳамкорон ва маъмурияти муассисаи таълимии ҳамагонӣ [26, с.29].

Ташкилкунандагони локалӣ (минтақавӣ) – барандагони викторина, педагогҳо, ки дар ҷойҳо викторинаро мегузаронанд, бояд ба муҳокимаи коллективона ва баҳогузории объективонаи гуруҳҳои хонандагони худ ва ҷавобҳои ҳарифонро ба саволҳо ва саволҳои ва ҷавобҳои ҳарифонро таъмин намоянд.

Шарти муҳими гузаронидани викторинаи телекоммуникатсионӣ (озмун) аз тарафи ташкилкунандагони маҳаллӣ риоя кардани принсипҳои муайян, кодекси ба худ хоси ахлоқӣ буда, чунин чизҳоро талаб мекунад:

–фаврияти нишон додани вокуниш ба почтаи электронӣ, ба таври ҷиддӣ риоя кардани реҷаи бозӣ ва иҷрои нишондодҳои ҳамоҳангсозон;

–беғаразии максималӣ, объективӣ будани ташкилотчии викторина дар ҳамаи марҳилаҳои баргузории он (кӯшишҳои «мадад расонидан» ба дастаи худ, «ислоҳ кардан»-и саволҳо ва ҷавобҳо мазмуни викторинаро аз байн мебарад);

–демократӣ будани ташкилотчии маҳаллӣ ва кори он бо иштироккунандагони викторина (ҳаминро бояд ҳатман дар хотир дошт, ки кори ӯ бояд барои ба таври максималӣ рушд додани фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ва мустақилии иштироккунандагони викторина мебошад) [13, с.46].

Барои ҳайати дастаҳо ягон хел талабот пешниҳод карда намешавад, аммо як қатор тавсияҳо доир ба миқдори иштирокчиён ва дастаҳо дар муассисаи таълимӣ ҷой дорад: дар як вақт ташкили кор дар якчанд дастаҳои як муассисаи таълимӣ хеле душвор аст, аз ин сабаб ба ташкилкунандагони маҳаллӣ беҳтар аст, ки дар доираи синфҳо (то 30 нафар хонана) ва ё махфил (5-20 иштирокчии ҳамсол ва ё синну солашон гуногун) барои иштирок ба як мусобиқа даста ташкил намоянд. Барои иштирок дар мусобиқаҳои дигар бошад, беҳтар аст, ки дастаҳои нав таъсис диҳанд.

Барои вазифаҳо ва саволҳои викторина талаботи зерин пешниҳод мешаванд:

–сатҳи дониши барои ҳалли масъала зарурӣ (ҷавоб ба саволҳо) набояд аз доираи сатҳи муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ берун бошанд;

–масъалаҳо ва саволҳо бояд асил, босалоҳият, ҷавоби мушаххасдошта, ба санҷиши объективона мувофиқ, хусусияти олимпидошта ва сахт душвор ва ё ниҳоят осон набошанд [3, с. 70].

Дар ҷамъбаст мураккабии савол аз рӯи принсипи зерин ба назар гирифта мешавад: баҳои максималиро саволе соҳиб мегардад, ки ба он нисфи

ҷавобҳои дуруст рост оянд, мутаносибан ба ин ҳамон савол соҳиби 0 хол мегардад, ки ба онҳо саволҳои дуруст аз ҳар дастаҳо ёфт шудаанд ва ё ягон саволи дуруст ворид нагаштааст.

Риояи реҷа ҳатмӣ аст, зеро ки берун аз он кор кардан ба кашол ёфтани викторина ва паст шудани мароқи иштироккунандагон ва парокандагии дастаҳо оварда мерасонад. Ғайр аз ин, яке аз ҳадафҳои баргузор кардани чунин викторинаҳо тарбияи фарҳанги истифодабарии телекоммуникатсия мебошад, ки он фаврият, салоҳиятнокӣ, ташкилии хуби кор, истифодаи афзалиятҳои алоқаи суръатноки электрониро талаб мекунад. Барои интизор шудан ва фиристодани мактубҳо вақти иловагӣ додан мумкин нест, зеро маънои истифодабарии почтаи электронӣ ва шабакаҳои компютерӣ аз байн меравад. Агар чунин таъхирҳо паси сар карда нашуданд, беҳтар аст, ки ҳамин марҳилаи озмун партофта шавад, ба корҳои ташкилии фаъолияти дастаҳо ислоҳ ворид карда шавад, то ин ки дигар ба сар задани таъхирҳо роҳ дода нашавад ва иштироки дастаҳо дар марҳилаҳои навбатӣ таъмин гардад.

Намуди бениҳоят ояндадори таълимӣ, ҳамон аст, ки дар онҳо унсурҳои телекоммуникатсионӣ ҳамчун ҳамгироии курсҳои насли нав ба шумор мераванд.

Истифодаи телекоммуникатсия дар раванди таълим имкон фароҳам овард, ки таълими фосилавӣ ҷорӣ карда шавад. Айни замон Web-технология барои амалӣ гардонидани мақсадҳои таълими фосилавӣ зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин ба он алоқаманд аст, ки сервиси номбурда имкон медиҳад, ки муҳити телекоммуникатсионии воситаҳои барномавӣ-педагонӣ ташкил гардад, ба истифодабарандагон интерфейси қулай ва дастраси кориро фароҳам меорад, воситаҳои алоқаи фаврӣ бо омӯзгорро доро аст.

Барои ташкили таҳсилоти фосилавӣ бошад, сервисҳои гуногуни Internet истифода мегарданд. Барои амалигардонии мақсадҳои таҳсилоти фосилавӣ шабакаи Internet имкониятҳои махсусро пешниҳод мекунад. Он метавонад, ки норасогии асосии таҳсилоти фосилавӣ – набудани алоқаи фаврӣ ва

инфиродии байни ёддиҳанда ва омӯзандаро бартараф намояд. Татбиқи таҳсилоти фосилавӣ тавассути Internet хонандаро ба фаъолнокии коммуникативӣ ворид карда, имкони дастрасӣ ба иттилооти фавриро аз ҳисоби он ки мумкин аст бо истифодаи воситаҳои Internet ба муаллим барои маслиҳат ва машварат мурочиат кунад, таъмин менамояд. Муаллим ҳам дар навбати худ маслихати методӣ дода, раванди таълимро таҳти назорати доимии худ мегирад. Айни замон дар Тоҷикистон таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ татбиқ мегардад.

Таҳсилоти фосилавии компютерӣ барои ҳалли ҷабҳаҳои васеи таълимӣ ба монанди:

– дар донишгоҳҳои шакли таҳсилашон ғоибона (ба мисоли British Open University ҳангоми омӯзиши курси «Муқаддимаи технологияҳои иттилоотӣ»);

–дар донишгоҳҳое, ки дар онҳо ҳам шакли рӯзона ва ҳам шакли ғоибонаи таҳсил мавҷуд аст (New Jersey Institute of Technology и NewYork Institute of Technology (ИМА));

–дар барномаҳо барои нафароне, ки мехоҳанд маълумоти иловагӣ гиранд (Connected Education ва Nova University (США), Deakin University (Австралия), Tele-Universitedu Quebec (Канада));

–дар муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо донишҷӯён шакли таҳсили рӯзона ва ғоибонаро аз рӯи курсҳои алоҳида интихоб мекунанд (Ontario Institute for Studiesin Education);

–дар муассисаҳои таълимии анъанавӣ, ки мутобиқи хоҳиши донишҷӯ шакли таҳсили компютерии фосилавӣ яке аз восита ва намудҳои муошираи донишҷӯ бо омӯзгор ва методист мебошад; (University of Guelph (Канада), Lancaster University (Британияи Кабир);

–дар лоиҳаҳои байналхалқӣ, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ё донишҷӯёни муассисаҳои олиро муттаҳид менамоянд (масалан, Kidnet);

–ҳангоми гузаронидани барномаҳои иҷтимоии алоқаманд бо таҳсил (масалан, National Telecom puting Network, BigSky Telegraph (США)) истифода мегарданд [33, с.15].

Таҷрибаи истифодаи компютер дар таълим гувоҳи он аст, ки технологияҳои иттилоотӣ танҳо дар сурате самараноканд, ки муҳити дидактикии компютерӣ ба шахсият нигаронида шуда бошад – ягонагии методологӣ, методӣ, рӯйкардҳои технологӣ, сохтори муайянкунанда ва воситаҳои методӣ, муҳтаво ва технологияи таҳсили компютерӣ, воситаҳои техникӣ ва методӣ, ки шароитро барои инкишофи мароқзоҳиркунии маърифатӣ муҳайё мекунанд, худинкишофдиҳӣ ва мустақлона ташаккул додани шахсият таъмин бошанд [29, с.144]. Танҳо дар ҳолати ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон ба кори таълимии фаъолона кардан дар муҳити дидактикии компютерӣ омода буданашон ва худи муҳит бошад, бо риояи принсипҳои инкишофи шахсият дар таълим сохта шуда бошад, умедвор будан мумкин аст, ки компютер аз бозии гаронарзиш ба асбоби самараноки маърифатнокшавӣ ва муносибати байнишахсӣ табдил меёбад.

Мутаассифона, айни замон компютерҳо танҳо барои гузаронидани санҷишҳои тестӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун автоматҳои омӯзонанда, ки барномаҳо ва маҳсулоти тайёрро истифода мебаранд, ки дар онҳо пешакӣ мақсад гузошта шудааст, муҳтаво ва метод сарчин гаштааст, шаклҳои таълим интихоб гардидааст, истифода мешаванд. Ин ба ҳолати қолабӣ гаштани раванди таълим, кам шудани муошироти хонандагон, харобшавии фаъолияти фаннӣ оварда мерасонад. Татбиқи компютерҳо дар низоми анъанавии таълим танҳо малакаҳои хусусияти иҷрокунидоштаро инкишоф медиҳад, аммо барои рушди тафаккури эҷодӣ мусоидат намекунад, гузаронидани донишро ба ҳолати нав ёд намедиҳад. Таълимоти ба инкишофи шахсият нигаронидашуда аз иттилоъдиҳӣ бо он фарқ мекунад, ки дар раванди ҳалли ҳолатҳои таълимӣ на танҳо аз худ кардани дониш, балки аз бар кардани малакаҳои нав, тағйироти сифатӣ, такмили шахсият ба вуҷуд меояд [53, с.21]. Барои консепсияи муосири ба шахсият нигаронидашудаи таълимоти

компютерӣ хусусияти рӯйкарди принсипиалӣ ба таълими инфиродӣ – на нигаронидани хонанда барои муошират бо машина, балки истифодаи машина ҳамчун воситаи муошират байни хонанда, муаллим ва коркардкунандаи барнома дида баромада шудааст. Воситаҳои барномавӣ-педагогӣ дар асоси таҷрибаи шахсиии муаллим ва хонандагон барои сохтани ҳолати таълимӣ мадад мерасонанд, ки дар онҳо на танҳо таҷрибаи наслҳои пешин ба даст оварда мешавад, балки функсияҳои шахсият амалӣ гардида, инкишоф меёбанд.

Коркарди ба шахсият нигаронидашудаи муҳити дидактикии компютерӣ танҳо оғоз меёбад, аммо хусусиятҳои хоси онҳо аллакай шакл гирифтааст:

– дастрасӣ ба иттилоот ва дастгоҳҳои компютерӣ бениҳоят осон аст;

– маълумоти бесамари хадамоти иттилоотӣ дар муносибатҳои маърифатнокшавӣ ба ҳадди минималӣ оварда шудааст;

– низомҳои компютерӣ бояд шароитро барои моделсозӣ, таҷрибагузаронӣ тавассути дастгоҳҳо ва воситаҳои ҳисобкунӣ, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот муҳайё кунанд [53, с.7].

Муҳитҳои компютерии муосир, ки шабакаҳои ҷахонии компютерӣ истифода мешаванд, ба ин талабот ҷавобгӯ ҳастанд, аммо барои мақсадҳои таълимӣ кам самарабахш мебошанд, зеро онҳо арзиши гарон дошта ҳангоми насб кардану ба истифода додан мураккаб мебошанд. Таъсис додани шабакаҳои махсуси таълимӣ – кор барои оянда аст, ки бояд бо назардошти вазъи иқтисодииояндаи дур ба вуҷуд оварда шаванд. Ба таври воқеӣ ҳал кардани масъалаҳои таълимӣ, ташаккули мароқзоҳиркунӣ ба омӯзиши фанҳои табииро мумкин аст, ки бо истифодаи самтҳои зерин амалӣ кард:

–таъсис додани курсҳои таълимӣ, ки ба воситаҳои компютерии мададрасон такя мекунанд – энсиклопедияҳои электронӣ, маҷмӯи намоишҳои компютерӣ, китобхонаҳо бо системаи тараққикардаи ҷустуҷӯӣ;

–ташкили мини лабораторияҳои хурди компютерӣ барои фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ;

– сохтани низомҳои моделсозанда бо интерфейси содагардонидашуда [23, с.86].

Ҳамин тавр, вазифаҳои асосии телекоммуникатсия аз инҳо иборатанд:

–муқаррараран имконияти тасаввурот на танҳо ба таври самаранок (ратсионалӣ), балки бо маълумоти образнок (ранг, садо, гарафика, ҳамаи воситаҳои видеотехника) васеъ мегардад;

–имкон медиҳанд, ки ҳавасмандгардонии хонандагон ба таҳсил аз ҳисоби шаклгирии муносибати мусбат ба таълим устувортар гардад;

–сифатан шакли назорат ба фаъолияти хонандагон тағйир меёбад, рефлекснокӣ ба фаъолияти таълимӣ шакл мегирад, ба таври аёнӣ натиҷаи фаъолияташон нишон дода мешавад.

Дар баробари ин на телекоммуникатсия метод, шакл ва муҳтавои таълимро дикта мекунад, балки ин низомҳо ба таври қатъӣ ва амалкунанда ба барномаи таълимӣ ворид гардида, барои самаранок ташкил кардани фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунанд. Дар чунин шароит муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ ва ҳадафи он, ки барои баланд бардоштани мароқзоҳиркунӣ ба маърифат ва оғоз бахшидани корҳои эҷодии хонандагон нигаронида шудааст, воқеан амалӣ мегардад. Бо баробари татбиқи телекоммуникатсия барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар раванди таълим риоя кардани ду мавқеъгирии методологӣ зарур аст:

1) телекоммуникатсия наметавонад ва набояд, ки ба таври мутлақ ба гуманизм ва башардӯстӣ муқобил гузошта шавад;

2) телекоммуникатсия муҳити таълимисет, ки барои инкишоф додани мухтавои умумифарҳангии гуманитарӣ (башардӯстона) - ро фаро мегирад.

Истифодабарии телекоммуникатсия дар низоми маориф танҳо дар сурати рӯйкарди комплексӣ, ҳангоме ки низомҳои телекоммуникатсионӣ танҳо восита барои ҳалли як қатор масъалаҳои ба ҳамдигар вобастаи таълимӣ-тарбиявӣ, ташкилӣ-методӣ мусоидат мекунанд, мумкин аст. Шавқи маърифатӣ ба мисоли дигар самтҳои инкишофи шахсият ва ҳавасмандӣ ба фаъолияти хонанда дар рафти фаъолият инкишоф меёбад ва шакл мегирад ва ин ҳолат пеш аз ҳама дар рафти таҳсил ба вуҷуд меояд.

Шаклгирии шавқ ба маърифати хонандагон дар рафти таълим тавассути ду шабакаи асосӣ, аз як тараф худи муҳтавори барномаи фаннӣ дар худ ин имкониятро доранд ва аз тарафи дигар бо роҳи ба таври муайян ташкил кардани шавқи маърифатии хонандагон [31, с.43].

Аввалин чизе, ки барои шавқ ба маърифати хонандагон зарур аст – донишҳои нав дар бораи олам мебошад. Ана, барои ҳамин ҳам муҳтавои чуқур фикр карда интихобгардидаи муҳтавои маводи таълимӣ, нишон додани боигарие, ки дар донишҳои илмӣ нухуфтаанд, зинаи муҳимтарини шаклгирии шавқ ба маърифат мебошад.

Аммо шавқ ба маводи таълимӣ на ҳама вақт бо фактҳои мунир ҳамроҳ бошад ва ҷолибии онро ба тасаввури ҳайратовар бурдан мумкин нест. Ҳанӯз К.Д. Ушинский навишта буд, ки барои он ки фан шавқовар гардад, он бояд як қисм нав ва як қисм маълумоти шиносро фаро гирад. Нав ва ғайричашмдошт ҳама вақт дар маводи таълимӣ дар заминаи маълум ва шинос ба вуҷуд меояд. Ана барои ҳамин ҳам барои нигаҳ доштани шавқ ба маърифат муҳим аст, ки ба хонандагон маҳорати дар чизи шинос дидани навгорӣ ёд дода шавад.

Инкишофи шавқ ба маърифат бо мадади телекоммуникатсия пешниҳод мекунад, ки таълим ба муоширати интерактивӣ дар чаҳорчӯбаи барномаи асосноккардашудаи педагогӣ табдил дода шавад. Инкониятҳои дидактики телекоммуникатсия, нақш ва мақоми онҳо дар таҳқиқи шавқ ба маърифатро баҳогузорӣ карда, соҳаҳои истифодабарии низомҳои телекоммуникатсионӣ муқаррар карда шуданд:

–идраи оптималии низоми фаъолияти эҷодии хонандагон ва муаллимон;

– ҳавасмандгардонии устувори фаъолияти маърифатнокшавӣ;

–ташкили дастрасии озод ба иттилооти марбут ба фанни омӯзишӣ ба хонанда ва ё муаллим.

Фаъолияти маърифатнокшавӣ дар раванди омӯзиши география якум аз тарафи хонандагон аз худ кардани донишҳои географӣ, малака ва маҳорат ва дуюм инкишофи малакаҳои ақлонӣ ва шавқ ба маърифатро фаро мегирад. Барои он ки азхудкунии донишҳои географӣ, шаклгирӣ ва инкишофи

маҳорату малакаҳо пурсамар ҷараён гирад, истифода бурдани воситаҳои гуногуни педагогӣ, ки ба инкишоф додани онҳо ҳавасманд мегардонад, зарур аст. Муаррифӣ ҳамчун воситаи омӯзиш, ба таври назаррас ба инкишофи ақлонии хонандагон таъсир мерасонад, аммо на ба таври мустақим, балки дар раванди иҷрои фаъолияти маърифатӣ.

Сохтори дарс бо истифодаи муаррифӣ, ки барои инкишофи шавқ нигаронида шудааст, талаб мекунад, ки принсипҳои муайяни дидактикӣ ва муқаррароти илмӣ-методӣ, ки дар дидактикаи анъанавӣ шакл гирифтаанд, риоя гарданд. Боз як хусусияти уникалии муаррифии бисёррасонаӣ дар он аст, ки онҳоро мумкин аст, ки дар ҳамаи намуди дарс истифода гардад. Як қатор вариантҳои истифодабарии Microsoft Power Point ҳангоми кор бо хонандагон мавҷуд аст:

1. Дар рафти дарс ҳангоми баёни мавзӯи нав нишон додани муаррифӣ: муаррифии пештар сохташуда ҷои тахтаи синфро ҳангоми баёни мавзӯи нав, барои ҷалби диққати хонандагон ба ин ё он тасвир, маълумот, харитаҳо ва монанди инҳо мегирад. Масалан, ҳангоми омӯзиши дарёҳо ва кӯлҳои Тоҷикистон мумкин аст, ки флеш-аниматсия (рас. 2.1) истифода гардад, ки онро ҳам барои шиносоӣ бо мавод ва ҳам барои санҷиш истифода кардан мумкин аст. Ҳангоми намоиш додани ин слайд хонандагон дарёҳо ва кӯлҳои калонтарини Тоҷикистонро ҷудо мекунанд, аҳамияти онҳоро дар хоҷагидорӣ мушаххас мекунанд. Муаллим бо схемаи зерин амал мекунад:

- аниматсияро бо функсияи «пинҳон кардани ҳама» намоиш медиҳад;
- аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки номи дарёҳо ва ишораҳои аниматсионии дарёҳои калонтарини Тоҷикистонро истифода карда, мавқеи географии ҷойгиршавии онҳоро нишон диҳанд. Ҳангоми зарурат муаллим хонандагонро ислоҳ мекунад;
- муаллим вазифа медиҳад, ки тавсирро аз муаррифӣ ба харитаи тарҳӣ гузаронад ва дар зери он навиштаҷот гузорад.




Рас.2.1. Обҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон




Рас.2.2. Захираҳои обии ҷаҳон

2. Ба таври аёнӣ намоиш додани раванд (сохтани диаграмма, таблитса, моделсозии таҷрибаҳо, сохтани харитаҳои географӣ ва монанди инҳо), ки онҳоро бо истифодаи тахтаи синф ва ё расмҳо нишон додан мумкин нест ва ё хеле душвор аст. Масалан, диаграммаи «Чӣ тавр?». Муаллим ба тарви

графикӣ тори анкабути «Чӣ тавр?»-ро доир ба маълумоти меҳварии мавзӯи нав мегузорад.

География – синфи 6

Мавзуъ. Сохтани харита.

Барои он ки хонандагон фаҳманд, ки чӣ тавр харита сохта мешавад, ин саволро ба чандин қисм тақсим мекунанд:

- Параллелҳо ва мердианҳо чӣ тавр чен карда мешаванд?
- Дараҷаи параллел ва мердианҳо чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?

Самти вазифа муайян гаштааст, акнун ба хонандагон имконият додан лозим аст, ки барои ба вуҷуд овардани саволҳо машғул шаванд, зеро ки ҷавоб ёфтан ба саволҳои худ ҳама вақт шавқовартар мебошад.

Мумкин аст, ки дар ҷуфтҳо ва ё бо гуруҳҳои хурд экспресс-озмун барои саволи шавқовартарин, душвортарин ва асилтарин гузаронида шавад.

Муаллим ба саволҳои хонандагон саволҳои худро ҳам метавонад илова кунад:

- Масштаб чӣ тавр чен мегардад ва тартиб дода мешавад?
- Дар харитаҳо чӣ тавр ҳамвориҳо, биёбонҳо, пастхамиҳо, теппаҳо, кӯҳхо нишон дода мешаванд ва аломатҳои шартии онҳо кадомҳо аст…
- Фарқи харита барои геологҳо, баҳрнавардон ва харитаи табии таълимии олам дар чист?
- Геолог ва баҳрнаворд барои баровардa гардонидани эҳтиёҷи худ чӣ тавр харитаи табии оламро истифода мебарад?

Мувофиқа кунед ва саволҳои муҳимтаринро ба диаграмма ворид кунед. Ва дар охир…

Масири омӯзиш муайян гашт, саволҳо тартиб дода шуданд, пас идомааш? Онҳоро ба «тӯдаҳо» тақсим кардан лозим:

- ана ин саволҳое, ки ба онҳо метавонем, ки худи ҳозир дар рафти дарс ҷавоб гардонем;
- ана ин саволҳое, ки ҷавобашро аз китобҳо ёфтан лозим аст;
- ана инҳо саволҳоеанд, ки ба онҳо ман ҷавоб дода наметавонам ва шояд ба он касе то ҳол ҷавоб нагардонидааст.

Диаграммаи «Чӣ тавр?»




Ҳангоми омӯзиши минтақаҳои табиӣ дар курси географияи материкҳо ва укёнусҳои ҷаҳон (синфи 7) ҳамчунин модели динамикиро истифода бурдан мумкин аст, ки онро муаллим бо курсор идора мекунад ва пай дар пай расмро мекушояд (рас. 2.3.). Ҳангоми баёни он, ки чӣ тавр дар натиҷаи тақсимшавии нобаробари намӣ ва гармӣ дар сайёра минтақаҳои табиӣ пайдо мешаванд. Хусусияти хоси минтақаҳои табиӣ олами наботот ва ҳайвонотанд, ки дар ҳудуди мазкур паҳн гаштаанд. Муаллим ба донишҳое, ки хонандагон пештар ҳангоми омӯзиши курси географияи табиӣ дар синфи 6, ботаника, зоология гирифтаанд, руҷуъ карда, саволҳои раҳнамоикунанда ва ишораҳои флеш-аниматсионӣ мекунад.



Рас. 2.3. Минтақаҳои табии олам.

3. Муаррифиҳо аз рӯи натиҷаи иҷрои лоиҳаҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ:

- хонандагон муаррифиро (мустақилона ва ё гурӯҳӣ) барои ҳамроҳии ҳисоботи худ омода мекунанд;

- таҳияи фотоалбом ва ҳамчунин ҳисобот доир ба таҳқиқоти гурӯҳии гузаронидани хонандагон дар доираи фаъолияти лоиҳавӣ.

Масалан, ҳангоми гузаронидани чорабинии беруназсинфӣ доир ба география «Суди ҳакамон» дар синфҳои 8 – 9, ки ҳар тараф бонавбат бо муқаррароти «тарафдор» ва «зид» доир ба масъалаҳои бухрони демографӣ ва ё таркиши демографӣ суханронӣ мекунанд. Ҳар як муқаррарот бо далелҳо, мисолҳо ва намоишҳо ҳамроҳ аст. Яъне хонандагон мустақилона адабиётро аз худ мекунанд, дар асоси он суханронӣ тайёр мекунанд, ки он бо муаррифӣ ҳамроҳ аст.

Ҳамчунин бо методикаи пешниҳодкардаи мо дар синфҳои таҷрибавӣ дарсҳои ғайрианъанавии амалии муҳтавои геоэкологидошта дар мавзӯи «Иқтисодиёти миллӣ ва самаранокии он» гузаронида шуд.

**Мақсади машғулият:** дар шакли ғайрианъанавӣ ҷамъбаст ва васеъ кардани дониши хонандагон. Чунин донишҳо имкон медиҳанд, ки падидаҳо аз чанд тараф, аксар вақт мавқеъҳои ба ҳамдигар муқобил дида баромада шаванд, яъне ба хонандагон нишон додани муҳити олам ҳамон тавре, ки дар воқеъ ҳаст, бо ҳамаи тазодҳояш. Омодашавӣ ба машғулият хонандагонро барои пайдо гаштани малакаи сохтани муаррифӣ якҷо ҷамъ мекунад, маҳорати эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад

**Таҷҳизот:** тахтаи электронӣ бо инъикоси таблитса доир ба нишондиҳандаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, ифлосшавии муҳити табиӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ, ифлосшавии табиат ба ҳар сари аҳолӣ ва филмҳои таълимӣ доир ба ҳифзи табиат.

**Рафти машғулият:**

**Муаллим** (сухани муқаддимавӣ дар иҳотаи намоиш). Хатари асосӣ ба муҳити зист – ба таври интенсивӣ инкишоф ёфтани истеҳсолот аст. Таъсири моддаҳои гуногуни зарарноки химиявӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон ба вуҷуд омадаанд, аксар вақт барои имкониятҳои барқароркунии табиат монеаи бузург, аммо номаҳдудро ба вуҷуд меоранд.

**Вазифаи асосӣ** дар он аст, ки фаъолияти хоҷагидории инсон, ки ба бозсозии муҳити табиӣ нигаронида шудааст, дуруст пешгӯӣ гардад.

Барои табиат кӣ ҷавобгар аст?

Гоҳҳо ноадолатона сабабгори асосӣ саноати химиявӣ дониста мешавад. На ба хотири исбот кардан ва ё инкор кардани офатҳои аз саноати химиявӣ бавуҷудоянда, балки барои таҷассуми ҳақиқии «гунаҳкорони ҷиноят», чунин андешаро инкор карданӣ ҳастем. Ин зарур аст ва дар робита ба ин, ки аввалин ва муҳимтарин қадам барои ҳифзи табиат дуруст муайян кардани манбаъҳо ва механизмҳои пайдоиши ифлосиҳои химиявии табиат аст. Ҳар намуди истеҳсолот ба муҳити атроф таъсири техникӣ мерасонад. Аммо ҳаминро ҳам аз хотир баровардан лозим нест, ки аз рӯи хусусияти таъсирашон ба муҳити атроф, аз рӯи қувваи фишори онҳо, натиҷаҳои эҳтимолӣ, шароити робитаҳои интенсивии онҳо бо объектҳои гуногуни муҳити атроф соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот ба табиат ва равандҳои дар он гузаранда таъсири нархела мерасонанд. Муассисаҳои металлургияи сиёҳ ва ранга, энергетикаи гармӣ, коркарди коғаз, саноати кӯҳӣ, химиявӣ, нафтухимия, коркарди маҳсулоти нафтӣ ва нақлиёти автомобилӣ ба табиат таъсири зиёд мерасонанд. Барои нигаҳ доштани муҳити атроф нақши асосиро химия ва технологияҳои химиявӣ иҷро мекунанд.

**Эпиграф:** Ба кӣ хатар таҳдид мекунад? Ба шумо. Оё шумо намебинед, ки дар назди шумо тарозу аст, дар як паллаи он тавоноии шумо ва дар паллаи дигар ҷавобгарии шумо ҷой дорад?

**Шахсони амалкунанда:** Судяи асосӣ, котиб, ҳакамон, айбдоркунандагон, ҳимоятгарон, шоҳидон.

**Котиб:** Хезед! Суд меояд!

**Ҳакамони асосӣ:** Дар мурофиаи кушоди судӣ мо парвандаро дар бораи ифлосшавии муҳити атроф ва масъалаҳои экологии ҷумҳурӣ дида мебароем. Парванда аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум, **табиат** инсонро ба он гунаҳкор мекунад, ки гӯиё мақсади вай барҳам додани наслаш аст ва барои ин кор муҳити атрофро барои зиндагӣ ношоям гардонидааст. Дар қисмати дуюм, **инсон** ҳамчун қуввае, ки қодир аст «табиати мурдаистода»-ро зиндаву дилкаш гардонад, дида баромада мешавад. Инсон бо меҳнати худ дар табиат чизеро пайдо мекунад, ки он дар ниҳодаш пинҳон буд, яъне хазинаҳои пинҳонро меёбад. Ман аз суди олӣ даъват ба амал меорам, ки парвандаро ба таври объективӣ дида баромада, ҳама тарафҳо ва шоҳидонро шунида ҳукми одилона бароранд. Суд огоҳ мекунад: шумо бояд ҳақиқат ва танҳо ҳақиқатро гӯед. Барои додани шоҳидӣ ва маълумоти дурӯғ шоҳидон ва ҷабрдидагон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Қисми якум.

**Котиб:** Табиат даъват карда мешавад.

**Табиат:** Ба пайдо шудани инсон дар рӯи Замин қариб миллион сол мешавад. Ба шарофати дастовардҳои илмӣ-техникӣ вай худро хӯҷаини ман меҳисобад. Ихтиёрӣ ва ё ғайриихтиёрӣ нисбати манн мисли ғуломдор «Тақсим куну ҳукмронӣ намо» муносибат мекунад.

**Котиб:** Инсон даъват карда мешавад.

**Ҷамъият:** Шакли олитарини ташкили ҳаёт ҷамъияти инсонӣ аст. Дар замонҳои қадим, ҳангоме ки инсон неъматҷамъкунанда ва шикорчӣ буд, он бо мавзунӣ ва ягонагӣ бо табиат қарор дошт ва пурра ба он вобаста буд. Бо тараққии техника одамҳо пурқувват гаштанд. Онҳо акнун қувваҳои табиатро тасхир карда, ба манфиати худ истифода мебурдагӣ шуданд.

**Ҳакамон:** Акнун шоҳидон ва ҷабрдидагонро мепурсем. Ҳоло ҷабрдида Замин – хӯронандаамонро даъват мекунам.

**Замин:** Барои он ки ғизо истеъмол кунад, сарулибос пӯшад, инсон захираҳои замин ва обро истифода мебарад. Таркиби хок вайрон мешавад, ки он ба эрозия, шӯрзании дуюмбора оварда мерасонад, обу ҳаво ифлос мегардад.

**Шоҳид:** Инсон ҳар сол аз қаъри замин зиёда аз 100 миллиард тонна маъдан, сӯзишворӣ ва маводи сохтумонӣ мегирад. Истихроҷи канданиҳои фоиданок ба тағйир ёфтани релефи Замин, ба вуҷуд омадани чуқуриҳо, холигоҳҳо ба қабатҳои болоии он оварда мерасонад.

**Ҳакамон** (ба ҳимоятгари Табиат муроҷиат мекунад): Оё фактҳои таъсири манфии нуриҳо ба саломатии инсон ҳаст?

**Ҳимоятгари табиат:** Зиёд гаштани нитрит ва нитратҳо дар таркиби хӯрок инсонро ба касалиҳои гуногун гирифтор мекунад. Дар хоҷагии қишлоқи мо ба миқдори зиёд пестесидҳо ба кор мераванд, ки онҳоро инсон барои мубориза бо зараррасонҳои рустаниҳои зироатӣ ва аз байн бурдани паразитҳои ҷонварони хонагӣ истифода мебарад.

**Ҳакамон** (ба ҳимоятгари инсон муроҷиат мекунад): Ҳоло инсон барои кам кардани касалиҳои вобаста ба истифодабарии нуриҳои монералӣ ва пестисидҳо чӣ кор карда истодааст?

**Ҳимоятгари инсон:** Дар якчанд кишварҳои олам тадриҷае истифодаи пестисидҳоро кам ва ё аз истифодаи онҳо даст кашидаанд. Чунин мисолро дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳам овардан мумкин аст, аммо дар хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ пестисидҳо васеъ истифода мегарданд.

**Котиб:** Шоҳид Ҳаво даъват карда мешавад.

**Ҳаво:** Манбаъҳои ифлоскунии ҳаво корхонаҳои металлургияи сиёҳ ва ранга, истгоҳҳои барқии аловӣ, нақлиёти автомобилӣ ва ғайраҳо мебошанд. Ба ҳавои атмосфера чангу газҳои гуногун партофта мешавад. Аз кайҳон анбӯҳи дудро дар болои ноҳияҳои калони саноатӣ дидан мумкин аст.

Аз соли 1900 истифодабарии сӯзишворӣ 10 маротиба зиёд гашт. Ҳар сол ба ҳавои атмосфера зиёда аз 200 миллион тонна оксиди карбон, сулфур ва азот партофта мешавад. Миқдори аз ҳад зиёди оксиди карбон гардиши

карбонро дар табиат вайрон мекунад. Аз ҳисоби фотосинтез ҳар сол 80 миллиард тонна чизҳои органикӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ҳавои атмосфера оксидҳои карбон аз ҳисоби раванди биологии табодули моддаҳо ва ҳамчунин пӯсидани боқимондаҳои чизҳои зинда бармегарданд. Зиёд гаштани таркибҳои дорои оксиди карбон самараи гармхонаро ба вуҷуд меорад. Қабати оксидҳои карбон ба монанди шишаи гармхонаҳо аст. Дар 100 соли охир ҳарорати миёна дар сатҳи Замин 0,5 – 0,6 дараҷа боло рафт. Агар минбаъд низ дар атмосфера ҷамъшавии оксиди карбон зиёд гардад, он ба тағйирёбии иқлими Замин оварда мерасонад. Бисёр олимон тахмин мекунанд, ки ин ҳолат ба обшавии пиряхҳо ва ба ҳадди ниҳои боло гаштани сатҳи Укёнуси ҷаҳониро ба бор меоварад. Миқдори зиёди оксиди сулфурро нерӯгоҳҳҳои аловӣ ва корхонаҳои металлургияи ранга, ки дар онҳо бо роҳи туршкунӣ сӯзонидани маъданҳои сулфур амалӣ мегардад, ба ҳаво хориҷ мекунанд. Ҳаноми ҳал шудан ба қатраҳои нами туман, борон, абрҳо оксидҳои ғайриметалҳо боронҳои кислотавиро ба вуҷуд меоранд. Аз таъсири харобиовари оксиди сулфур ва азот ёдгориҳои меъморӣ ва маводи сохтумонӣ вайрон мегарданд. Ҳоло дар рӯи олам зиёда аз 600 миллион автомобилҳо мавҷуданд. 60% ҳамаи намудҳои партовҳои зараррасон ба ҳаво ба зиммаи онҳост, дар газҳои хориҷкунандаи онҳо на камтар аз 200 унсурҳои барои саломатӣ зарарнок мавҷуд аст. Газҳои хориҷшаванда сабаби пайдо шудани дуди зиёд дар болои шаҳрҳо мегарданд. Дар маҳсулоти сӯзишворӣ миқдори муайяни симоб – яке аз хавфноктарин ифлоскунандаи маҳсулоти озуқаворӣ ҳаст. Он ба организм ҷамъ мегардад ва ба системаи асаб таъсири манфӣ мерасонад.

**Котиб:** Шоҳид Об даъват карда мешавад.

**Об:** об неъмати бебаҳо аст ва бе он дар сайёра ҳаёт нест. Талаботи ҷисмонии як инсон барои об дар 70 сол ба 50 тонна об баробар аст. Бо барбари инкишофи саноат, васеъшавии шаҳрҳо об ҳам зиёд сарф мегардад. Дар як вақт бо партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ ифлоскунии об зиёдтар шудааст. Ин ба халалдор гаштани раванди табиии худтозакунии обанборҳо овардааст, ба мавҷудоти об зарар мерасонад. Миқдори дар як шабонарӯз

сарфкунандаи оби нӯшокӣ аз тарафи одамон вақтҳои охир баробари истихроҷи солонаи канданиҳои фоиданок аст.

**Шоҳид:** Зарари зиёдро ба обҳои табиӣ дар обҳои ҷорӣ ҳал шудани нуриҳои минералӣ, аз аз рӯи замин шуста мешаванд, мерасонад. Нуриҳои минералӣ ба афзоиши алафҳои ифлоскунанда ва обсабзҳо оварда мерасонад. Ин дар навбати худ ба ифлосшавӣ ва аз байн рафтани обанборҳо оварда мерасонанд.

Қисми дуввум:

**Ҳакамон** (ба ҳимоятгари Инсон муроҷиат мекунад): Оё инсон ин иштибоҳоти худашро дарк мекунад?

**Ҳимоятгар**: Бале, Инсон хатогиҳои худашро дарк мекунад. Дар бисёр кишварҳои олам ва аз ҷумла дар Тоҷикистон низ корҳои муайян барои ҳифзи табиат ба анҷом расонида мешавад. Барои нигаҳдории гуногунрангии биологӣ се мамнуъгоҳ бо масоҳати умумии 85, 750 гектар ва 14 ҳудуди махсусан ҳифзшавандаи табиат, ким мақоми парваришгоҳро доранд, дар майдони 490,0 гектар ташкил карда шудааст. Ҳамчунин ду парк – Парки миллии тоҷик ва табиӣ-таърихии Ширкентро таъсис додааст.

Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2018 – 2028-ро Даҳсолаи байналхалқии «Об барои рушди устувор» эълон кард. Дар ин хусус намояндагони Тоҷикистон дар СММ Қатънома пешниҳод карданд, ки он аз тарафи намояндагони 193 кишвари аъзои СММ ҷонибдорӣ ва ҳаммуаллифӣ гардид.

Дар ҳудуди ҷумҳурии мо обҳои ҷории маишӣ аввал бо хлор безарар гардонида шуда, пас ба тозакунии биологӣ равон мегардад. Ҳангоми туршкунии биохимиявии моддаҳои органик массаи биологӣ ҳосил мешавад, ки онро барои ҳосил кардани консентрати сафеда – витаминҳо барои парвариши чорво истифода мебаранд. Аммо мутаассифона, партовҳо дар истеҳсолот мавҷуданд.

**Ҳакамони асосӣ:** Барои эълони ҳукм хоҳиш мекунам, ки ҳама аз ҷои худ бихезанд!

Ҳакамон ҳукми худро мехонад.

Мурофиаи судӣ пӯшида эълон мегардад.

Муаллим натиҷаҳои дарсро ҷамъбаст мекунад: суханронии беҳтаринро қайд карда, дар сурати зарурат онҳоро нақд мекунад. Хонандагон низ андешаҳои худро доир ба ин шакли машғулият баён мекунанд.

Барои ноил гардидан ба мақсад муаллим бояд, ки ҳамаи тарафҳои ҳолати геоэкологӣ, ҳамон масъалаҳои глобалиеро, ки инсоният бо он алҳол рӯ ба рӯ гаштааст, нишон диҳад. Барои ин кор ба мо машғулиятҳои шаклашон ғайристандартӣ мадад мерасонанд. Дар чунин машғулиятҳо ба чизе ноил гаштан мумкин аст, ки дар машғулиятҳои анъанавӣ ба даст оварда намешаванд: иштироки фаъолонаи хонандагон дар рафти тайёрӣ ба машғулият, ҳавасмандӣ барои хуб баргузор гаштани дарс. Одатан, дарсҳои ғайристандартӣ ва маводе ки дар онҳо омӯхтааст, то дер дар хотири хонандагон нақш мебандад.

4. Якҷоя омӯхтани манбаъҳои иттилоот ва маводи дарс (масалан, муҳокимаи консепсияи гузариши демографӣ баъди тамошои пораи видео аз муаррифии дарс).

5. Ислоҳ ва санҷиши тестии дониш:

- гузаронидани дарсҳои иловагӣ дар синфхонаи компютерӣ ва ё медиатекаи муассисаи таълимӣ, ки дар он ҷо хонандагони ақибмонда ва ё дар дарс иштироқнадошта мустақилона дар асоси муаррифӣ маводро аз худ мекунанд;

- кор бо низомҳои тестгузаронӣ ва тренажерҳо;

- сохтани маводи санҷишӣ-ченкунӣ бо воситаҳои Power Point дар шакли шавқовар.

Чунончи, ҳангоми гузаронидани дарси мустаҳкамкунӣ дар мавзӯи «Пӯшиши географӣ» ба саволҳои тестӣ ҷавоб гардонида ва ҷавоби дурустро интихоб карда, хонандагон калидвожа – геосфераро ҳосил мекунанд.

Дар боло вариантҳои истифодабарии Microsoft Power Point ҳангоми кор бо хонандагон дида баромада шуд, аммо таҳияи муаррифии бисёррасонаӣ бояд бо риояи қоидаҳои зерин ба роҳ монда шавад:

•Саҳифаи аввал – унвонсаҳифа аст, ки дар он ҳатман мавзӯи дарс инъикос гаштанаш лозим аст ва дар слайдҳои баъдина бошад, ба мақсад ва вазифаҳои дарс бахшида мешавад.

Слайди навбатӣ бояд мундаричаи дарсро ифода кунад ва дар он марҳилахои асосӣ (лаҳзаҳои муҳими) дарс-муаррифӣ нишон дода мешавад. Беҳтар мешавад, агар аз мундарича ба гиперссилка (ниг. замимаи 6) ба слайди даркорӣ ва боз баргаштан ба мундарича ҷой дошта бошад.

Миқдори слайдҳои муаррифии таълимӣ набояд, ки аз 15-20 адад зиёд бошанд. Беҳтар аст, ки слайдҳо бо матн пур нашаванд. Хуб аст, ки тезисҳои мухтасар, санаҳо, номҳо, истилоҳҳо, ки онҳоро хонандагон ҳангоми навишта гирифтани мавод бисёр мепурсанд, ҷой дода шаванд. Муаррифӣ набояд, ки суханони баромадкунандаро такрор кунад, балки онро пурра созанд ва манзараи яклухту равшани баромадро ташкил диҳанд.

• Аксар вақт қисмати болоӣ ва поёнии слайд дар экран хуб инъикос намегардад, аз ин рӯ, дар он ҷо набояд, ки қисмати муҳими иттилоот ҷой дода шавад.

Иттилооти муҳим (масалан, хулосаҳо, мафҳумҳо, қоидаҳо ва ғайраҳо) бояд дар маркази экран ҷой гирифта бо ҳуруфи калон ва ҷудошуда (масалан, ҳуруфи сиёҳ андозаи 24) намоиш дода шаванд. Барои навиштаҷот ва сарлавҳаҳо истифодаи ҳуруфоти калон ва кам кардани матни одӣ лозим аст. Фаҳмо будан – яке аз талаботи аввалия дар коркарди барномаҳои таълимӣ аст. Тавсия дода мешавад, ки иттилоот дар саҳифаи иттилоърасонӣ ба таври уфуқӣ ҷойгир шавад.

• Муҳтаво ва ороиши муаррифӣ бояд ба принсипҳои илмият, дастрасӣ ва аёниятнокӣ ҷавобгӯ бошад. Маводи муаррифӣ бояд ба сатҳи психологӣ, ҷисмонӣ, ҳиссиётии хонандагон мувофиқ бошад.

• Услуби ягонаи ороишро риоя кардан зарур аст ва аз услубҳое, ки хонандагонро аз муҳтавои худи муаррифӣ дур мекунанд даст кашидан беҳтар аст. Иттилооти ёрирасон (тагмачаҳои идоракунӣ) набояд, ки аз иттилооти асосӣ (матн, расмҳо) бештар инъикос гарданд. Замимаҳо, ҳарфҳо ва хатҳо бояд дорои ранги ором бошанд ва ба хасташавӣ ва ноороми чашмҳо роҳ

надиҳанд.

• Андозаи ҳарфҳо, рақамҳо, аломатҳо ва контрастнокии онҳо аз дидгоҳи партаҳои қатори охирин муайян карда мешавад. Барои сарлавҳаҳо андозаи ҳуруф на камтар аз 24. Дар иттилоот на камтар аз 18. Ҳуруфи бидуни иштибоҳ навишташударо аз дурр бе мушкилӣ хондан мумкин аст. Барои ҷудо кардани иттилоот истифодаи ҳуруфи сиёҳи баланд, курсив ва ё хаткашидаро истифода мебаранд. Ҳарфҳои калонро сӯиистифода кардан мумкин нест (онҳо аз хурфҳои муқаррарӣ бадтар хонда мешаванд). Расмҳо, суратҳо ва дигар маводи тасвирӣ бо назардошти имконият андозаи максималӣ бояд дошат бошанд ва ҳамаи заминаи экранро пур кунанд. Агар дар слайд расм гузошта шуда бошад, навиштаҷот бояд дар поёни он ҷойгир шавад.

• Слайдҳоро бо иттилооти бинoӣ пур кардан мумкин нест. Барои таъмини гуногунрангӣ намудҳои гуногуни слайдро (ниг. замимаи 6) истифода мебаранд:

- бо матн;
- бо таблитсаҳо;
- бо диаграммаҳо.

• Барои тамошои як слайд вақти кофӣ (на камтар аз 2 – 3 дақиқа) ҷудо карда мешавад, то ки хонандагон диққаташонро ба тасвири экран равона карда тавонанд, пайдарпайии амалро назорат кунанд, ҳамаи унсурҳои слайдро тамошо кунанд, натиҷаи охиринро сабт кунанд ва онро дар дафтарашон ба қайд гиранд.

• Бо аниматсияҳои зиёд муаррифиро сохтан мумкин нест. Он набояд, ки бениҳоят фаъол бошад. Махсусан, эффектҳои даврзанӣ, парвоз кардан, мавҷ, як-то, як-то пайдо шудани ҳарфҳо самараи дилхоҳ намедиҳанд.

Хусусияти хоси фанҳои табиӣ он аст, ки муаллим дар он бештар ба «тафаккури визуали» - и хонандагон дар рафти таълим рӯй меоварад, ки тавассути он фаъолияти инсон, ки маҳсули он тавлиди образҳои нав мебошад, тасаввур мегардад, шаклҳои нави визуалӣ, ки бори маънавӣ дошта, донишҳоро намоён мекунанд, сохта мешаванд. Аз чизҳои дар боло

гуфташуда доир ба он хулоса кардан мумкин аст, ки истифодабарии муаррифии бисёррасонаӣ, ки аз лиҳози методӣ асоснок карда шудааст, барои инкишофи шавқ ба маърифатнокшавии хонандагон равона гаштааст. Барои баҳогузорӣ ба самаранокӣ муҳассилин ба фаъолияти лоиҳавӣ ҷалб карда шуданд, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ буриши назоратӣ ва санҷиши тестӣ гузаронида шуд, ки он сатҳи дониш, малака ва маҳоратро дар мавзӯи «Технологияхои иттилоотӣ дар география» муайян кард. Саволҳои бурриши назоратӣ ва тестҳо бо назардошти талаботи лоиҳаи амалкунандаи стандарти таълими география тартиб дода шуданд.

Дар ҷадвали 2 сатҳи донишазхудкунии хонандагони гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ мутобиқи фоизҳо оварда шудааст.

Ҷадвали 2. **Донишазхудкунии хонандагони гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ (мутобиқи фоиз)**

| № МТ | То ҷалбшавӣ ба фаъолияти лоиҳавӣ | | Баъди ба итмом расидани фаъолияти лоиҳавӣ | | Натиҷа | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гуруҳи таҷрибавӣ | Гуруҳи назоратӣ | Гуруҳи таҷрибавӣ | Гуруҳи назоратӣ | Гуруҳи таҷрибавӣ | Гуруҳи назоратӣ |
| Гимназияи № 24 шаҳри Хуҷанд | 75 % | 76 % | 93 % | 77 % | 18 % | 1 % |
| МТМУ №24 ноҳияи Б. Ғафуров | 82 % | 82 % | 92 % | 83 % | 10 % | 1 % |
| Мактаби Президентии болаёқати шаҳри Бӯстон | 78% | 79% | 91% | 80% | 13% | 1% |
| МТМУ №14 шаҳри Гулистон ба номи Нурулло Ҳувайдуллоев | 81% | 82% | 92% | 84% | 11% | 2% |

Нишондодҳои ҷадвал ба таври назаррас боло рафтани сатҳи донишазхудкунии гурӯҳи таҷрибавиро нишон медиҳад.

Ба муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавӣ пешниҳод гашт, ки дар дарсҳои география кори ҳар хонандаи таҳқиқшавандаро бо параметрҳои сифатӣ (мустақилӣ, ҷудо кардани мафҳумҳо, хотира) бо кӯмаки пурсишномаи диагностикӣ таҳлил кунанд.

Нишондодҳои натиҷавии хусусиятҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ баландтар гашт. Дар охири соли таҳсил буриши назоратӣ, ки дониш, маҳорату малакаи гирифтаи хонандагонро дар гуруҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ доир ба баъзе

мавзуъҳои курси география муайян мекунад, гузаронида шуд. Он нишон дод, ки донишазхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 12% боло рафтааст.

Ҳамин тавр, истифодабарии лоиҳаи минтақавии телекоммуникатсионии «Кишвари маҳбуби мо» дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имконият дод, ки сифати таълими география боло бардошта шавад.

Марҳилаи муосири рушди маворифи бо ҷустуҷӯи интенсивии навгонӣ дар назария ва амалия тавсиф мегардад. Ин раванд дорои бисёр мухолифатҳо аст, ки асоситарини онҳо номутобиқ будани метод ва шаклҳои анъанавии таълим ва тарбияи равандҳои нави тамоюлоти низоми маориф, шароити кунунии иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофи ҷомеа мебошанд, ки як қатор равандҳои инноватсионии объективонаро ба бор овардаанд. Шавқ ба маърифат ҳамчун натиҷаи фаъолнокии хонандагон омили муҳими беҳтаргардонӣ ва дар як вақт нишондиҳандаи самаранокӣ ва натиҷанокии раванди таълим аст, зеро он ба рушди мустақилӣ, рӯйкарди ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ барои ба даст овардани муҳтавои таълим, ангезиш ба худомӯзӣ мусоид аст. Масъалаи инкишоф додани фаъолнокии маърифатии хонандагон ҷустуҷӯи навгониро дар назария ва амалия, рӯйкардҳои на барои минбаъд мукаммал кардани муҳтаво, шакл, методҳо ва воситаҳои таълим, ки барои амалигардонии принсипи фаъолнокӣ дар вақти таълим нигаронида шудааст, талаб мекунад.

Дар робита ба ин таъсис додани низоми методии таълим бо кӯмаки воситаҳои телекоммуникатсия, ки барои мақсаднок ва системанок фаъол гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон нигаронида шудааст ва аз унсурҳои муҳими инкишофи тафаккури мантиқӣ, барангезиши шавқ ба маърифат ва пурра аз худ кардани вазифаҳои хусусияти фаннидошта аст, зарур мебошад.

Барои ташаккул ва рушди шавқи хонандагон шаклҳои ташкилии фаъолияти таълимӣ таъсири бузург мерасонад. Айни замон зарурияти ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим ягон

хел шубҳаро ба бор намеоварад. Ҷомеаи муосир раванди фаъолонаи истифодабарии захираҳои иттилоотиро ба сифати маҳсулоти ҷамъиятӣ дар шароити амалкунии шабакаи умумиҷаҳонӣ, ки имкони таъмини дастрасӣ ба иттилоот бидуни мавҷуд будани ягон хел маҳдудият ба ҳаҷм ва суръати интиқолёбии иттилоот дарк кардааст. Дар робита ба ин бисёр муассисаҳои таълимӣ дар лоиҳаҳои гуногуни телекоммуникатсионӣ иштирок мекунанд, ки ин ба муаллимон ва ҳам ба хонандагон имкон медиҳад то корбариро бо технологияҳои нави иттилоотӣ аз худ кунанд. Интегратсияи маҳдуди лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ дар консепсияи умумии педагогӣ мувозатан истифода бурдани методҳо ва воситаҳои гуногуни таълим ва аз ҷумла анъанавиро инкор намекунад.

Шабакаи компютерии умумиҷаҳонӣ имкониятҳои воқеии ҳамкории ҳамарӯзаи педагогҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро на танҳо дар дохили кишвар, балки бо мамолики дигари ҷаҳон таъмин менамояд. Он хонандагонро барои дар амал ҷорӣ кардани корҳои лоиҳавӣ ҳавасманд мекунад, барои аз тарафи хонандагон аз худ гаштани малакаи самараноки кори якҷоя барои ноил гардидан ба мақсади ягона мусоидат мекунад, ба сохтани бунёди интегратсионии воситаҳои иттилоот ва забон (модарӣ ва ё хориҷӣ) дар азхудкунии муҳтавои фан ва дигар фанҳои маълумоти умумӣ, замина фароҳам мекунад.

Шавқ ба маърифат ҳамчунин барои нишон додани дастовардҳои навтарини илм низ мусоидат мекунад. Айни замон, беш аз пеш, зарур аст, ки доираи барномаҳо васеъ гардад, хонандагон бо асосҳои самтҳои ҷустуҷӯи илмӣ ва кашфиётҳо шинос гарданд.

Истифодабарии телекоммуникатсия ҳамчун воситаи фаъолгардонии корҳои таҳқиқотии хонандагон дар дарсҳои география на танҳо саводнокии компютерӣ, балки самаранокӣ ва сифати таълимро боло мебардорад. Аммо зарур аст, ки ба сатҳи навтари истифодабарии воситаҳои технологияҳои нави иттилоотӣ гузарем. Истифодабарии телекоммуникатсия дар раванди таълиму тарбия воситаи баландбардории ҳавасмандии хонандагон ва инкишофи тафаккури онҳо гардида, имкон медиҳад, ки бо сарбории кам ва дар вақти

кӯтоҳ азхудкунии дараҷаи баланди иттилоот ба даст оварда шавад. Амалия нишон дод, ки шакли самараноки ташкили фаъолияти таълим дар шабакаҳои компютерӣ лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ мебошад. Таҳти мафҳуми лоиҳаи телекоммуникатсионӣ фаъолияти якҷояи хонандагон, ки дар истифодабарии технологияи компютерии телекоммуникатсионӣ асос ёфтаасту мақсади умумӣ ва самтнокӣ барои ба даст овардани натиҷаи умумӣ аз фаъолият нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад.

Муҳимияти азхудкунии воситаҳои телекоммуникатсиониро дар муассисаҳои олӣ ва марказҳои илмӣ, ки дар онҳо барои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи таълимӣ-истеҳсолӣ, барои мубодилаи иттилоот байни иштирокдорони лоиҳа, барои таҳсилоти фосилавӣ, амалигардонии низомҳои машваратӣ ва ғайра дида баромадем. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ телекоммуникатсия барои боло бардоштани фаъолнокии хонандагон, ки бо корҳои гуногуни эҷодӣ ва аз ҷумла фаъолияти таълимӣ ва ҳам табодули иттилоот байни иштирокчиёни лоиҳаҳо ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он истифода мегардад.

Лоиҳаҳои телекоммуникатсиониро ба лоиҳаҳо барои истифодабарандагон ва лоиҳаҳо барои коркардкунандагон тақсим кардан мумкин аст. Лоиҳаҳои навъи аввал пеш аз ҳама ба ҷамъовари иттилоот, ороиши он тавассути муҳаррирони матн ва ирсол ба ташкилкунандагони лоиҳаро дар назар дорад. Дар баробари ин ҳамкории наздик байни иштирокчиёни «қаторӣ»-и лоиҳа мавҷуд нест.

Лоиҳаҳои навъи дуюм коркарди қисми умуми Web-сайтро лар назар дорад. Чунин шакли омӯзиш принсипи методи лоиҳавии омӯзишро амалӣ мекунад, чунки хонандагон барои коркарди объекти воқеӣ, ки Web-сайт аст, машғул мегарданд [51, с.159]. Барои ин талаб карда мешавад, ки коллективи шабакавӣ ташкил гардад, ки байни аъзои он ҳамкории фаъол дар рафти кор дар лоиҳа ба амал меояд. Ғайр аз ин аз иштирокиии лоиҳа талаб карда мешавад, ки кори зиёдро ба таври инфиродӣ ба ҷо орад. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ имкон медиҳад, ки ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардем.

Ҳар лоиҳа одатан мақсадҳои зиёд дорад. Он пеш аз ҳама, бо муҳтавои таълимияш баҳогузорӣ мегардад. Шаклгири донишҳои нав ва малакаҳои шогирдон-иштирокдорони лоиҳа муқарраран дар якчанд самтҳо ба вуҷуд меояд. Асоситарини онҳо:

– азхудкунии технологияҳои муосири компютерӣ;

– чуқуромӯзии бобҳои муҳимтарини фанҳои муассисаи таълимӣ [51, с. 86].

Таҷрибаи истифодабарии телекоммуникатсия дар раванди таълим нишон дод, ки барои ҳамоҳангсозии чунин фаъолият таъсис додани марказҳои иттилоотӣ-методӣ, ки ҳамаи муассисаҳои таълимии минтақаи вилояти Суғдро дар як шабака фаро гирад, зарур аст.

Дар амалияти таълимӣ ҳамаи намудҳои асосии телекоммуниатсияи компютерӣ метавонанд, ки мавриди истифода қарор дода шаванд:

– почтаи электронӣ;

– рӯиҳати ҳаволаҳо (List-серверҳо);

– тахтаҳои эълони электронӣ (BBS);

– телеконференсияҳо;

–Gopher– ва WWW– серверҳо.

Ҳамчунин дар амал истифода кардани технологияҳои мухталифи иттилоотии муошират ба назар мерасанд, аз ҷумла:

– муошират бисёр кас бо касони бисёр;

– муошират дар масофаи бемаҳдуди географӣ;

– муошират бидуни маҳдудии вақту замон;

– муошират дар асоси матн, на дар асоси нутқ [53, с.74].

Муҳимтарин шаклҳо ва методҳои фаъолиятро дар муҳити телекоммуникатсионӣ бештар дида мебароем.

1. Табодули шахсии иттилоот – муошират инфиродии индивид бо индивидҳои дигар, индивидҳо бо гурух, гурух бо гуруҳҳо.

Бисёре аз лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ почтаи электронӣ (гоҳо бо истифодаи гуруҳҳои муҳокимавӣ дар List-серверҳо)-ро ҳамчун муҳити

ягонаи муошират истифода мебаранд. Дигар лоиҳаҳо ба истифодабарии телеконференсия ва «тахтаи эълонҳо»-и бо Internet алоқаманд асос ёфтаанд.

2. Муошират озод – сохтори зиёд истифодашавандаи фаъолияти телекоммуникатсионӣ аст, ки бо почтаи муқаррарӣ ҳамсон мебошад. Аз сабаби он ки мукотибот байни хонандагон таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунад, ки аксари муаллимон онро ҳазф мекунанд, мумкин аст, ки муошират озоди байнигуруҳҳоро бо истифодаи почтаи электронӣ таъмин кард. Мукотиботи озод манбаи хуб барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ, анъанаҳои фарҳангии халқҳои гуногун ва монанди инҳо мебошад. Ана дар ин мисоли муқаддамотии муошират дида мебароем, ки гуруҳи хонандагони фаронсавӣ, ки мехоҳанд донанд, ки дар кишварҳои дигар технологияи компютериро чӣ тавр меомӯзанд «Салом! Мо – гуруҳи хонандагони 13-16 солаи муассисаи таълимии технологии ба номи Ромен Роллан дар мавзеи наздишаҳрии Париж ҳастем. Дар машғулиятҳо доир ба технология хонандагон бояд лоиҳаро коркард кунанд, ки он бо технология ва компютерҳо алоқаманд бошанд. Мо бо шумо мукотибот кардан мехоҳем, ки дар бораи шумо маълумоти зиёдтар дошта бошем:

1. Синфи шумо чӣ гуна аст?

2. Муассисаи таълимии шумо дар куҷо қарор дорад?

3. Оё шумо технологияро меомӯзед?

4. Иҷрои кадом кор ба шумо пеш аз ҳама маъқул аст?

5. Мо ҳамчунин мехостем, ки доир ба бозиҳои гуногуни компютерӣ бо шумоён мукотиба кунем».

3. Синфхонаи глобалӣ. Дар ин намуди сохтори муошират ду ва ё зиёда синф (ҷойгиршавияшон фарқ надорад) метавонанд, ки дар якҷоягӣ як мавзуъро омӯзанд, онро муҳокима кунанд, чизеро ки меомӯзанд бо реҷаи пешакӣ муайянгардида баррасӣ кунанд. Масалан, «ҷадвали электронӣ»-и лоиҳаи моҳона барои шиносоӣ бо сохти атмосфера:

1-15 феврал. Бақайдгирӣ.

20-28 феврал. Атмосфера чист?

1-5 март. Атмосфера ва сохти он.

8-12 март. Аҳамияти атмосфера.

15-19 март. Мубодилаи афкор оид ба атмосфера.

Таклифҳо барои муҳокима ва коркард дар тамоми муддати амали лоиҳа ба нақша дароварда мешавад.

Хонандагон ва муаллимон барои муҳокимаи мавзуъ тавассути почтаи электронӣ иштирок мекунанд.

4. «Вохӯриҳо»-и электронӣ. Почтаи электронӣ, телеконференсияҳо, тахтаҳои электронӣ метавонанд, ки бо муоширати синхронӣ дар вақти воқеӣ илова гарданд. Дар ин ҳолат муошират байни хонандагон ва «меҳмон»-и онҳо бо роҳи бонавбат чопкунӣ дар клавиатура бо истифодабарии имконияти «муошират», ки дар бисёр системаҳои почтаи электронӣ ҷой дорад, ба ҷо оварда мешавад (ICQ).

5. Бозиҳои нақшофарӣ. Дар лоиҳаҳо, ки ба бозиҳои нақшофарӣ асос ёфтаанд, хонандагон бо ҳамдигар бо иҷрои нақши муайян дар тамос мешаванд. Масалан, профессори таърихи донишгоҳи Вирҷиния Ҷеннингс Ваггонер барои якчанд синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба Томас Ҷеферсон табдил меёбад. Дар лоиҳае, ки онро депортаменти давлатии маорифи иёлоти Небраска ва донишгоҳи Небраска дар Омах маблағгузорӣ мекунад, донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар почтаи электронӣ нақши персонажҳои асосии китобҳоеро, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Небраскаи Шарқӣ бо муаллимонашон мехонанд, бозӣ мекунанд. Чунин лоиҳаҳои ба самти таърих нигаронидашуда хеле зиёданд.

Баъзе аз лоиҳаҳои таълимии телекоммуникатсионии нисбатан муваффақ барои ҷамъоварӣ, коркард ва муқоисаи иттилооти шавқовар аз тарафи хонандагон асос ёфтааст.

6. Мубодилаи иттилоот – мубодилаи мавзӯӣ мебошад, ки ҳамчун лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ дида баромада мешавад. Хонандагон доир ба якчанд масъалаҳо маълумот ҷамъ мекунанд:

– бозиҳои миллӣ;

– калимаҳои жаргонӣ;

– зарбулмасалҳо;

– идҳои маҳаллӣ ва миллӣ;

– афоризмҳо;

– маълумоти сайёҳӣ доир ба шаҳрҳо.

Дар ин навъи лоиҳаҳо синфҳои бисёр иштирок мекунанд ва идоракунии онҳо барои муаллимон хеле душвор мегардад. Ин яке аз барчаспҳои самараноки воситаҳои телекоммуникатсионӣ мебошад, зеро бачаҳо дар як вақт ҳам истифодабаранда ва ҳам истеъмолкунандаи иттилооте мегарданд, ки байни ҳам онро табодул мекунанд. Одатан, чунин лоиҳаҳо аз фиристодани таклифнома барои иштирок оғоз мегардад, ки онро яке аз муаллимони синфҳо ирсол мекунад.

7. Нашрҳои электронӣ. Дигар намуди ҷамъоварӣ ва табодули иттилоот ба омодакунӣ ва нашри электронии самараи меҳнати умумӣ алоқаманд аст ва он дар рӯзномаҳо, алманаххо ва маҷаллаҳои адабӣ ба нашр мерасанд. Мисоли чунин лоиҳаҳо хеле зиёд аст. Чунончи, лоиҳаи дар якҷоягӣ навиштани «Достони сулҳи умумиҷаҳонӣ» хеле маъруф аст ва он чандин маротиба дар тамоми рӯи Замин аз синф ба синф гузаштааст ва ҳар синф ба он бандеро баъди хондани банди синфҳои пешина илова мекунад ва ин достони электронӣ мукаммал мегардад.

8. Таъсиси пойгоҳи маълумот. Баъзе лоиҳаҳои табодули иттилоот на танҳо барои ҷамъоварии маълумот, балки барои ташкил намудани пойгоҳи маълумот, ки онро иштирокчиёни лоиҳа ва дигар хонандагон дар рафти таълим метавонанд истифода баранд, нигаронида шудаанд. Лоиҳаи «Фаслҳои сол» намунаи чунин лоиҳаҳо аст, ки мақсади он аз ҷониби хонандагон дарк кардани сабабҳои ивази фаслҳои сол ва махсусиятҳои онҳо дар минтақаҳои гуногуни иқлимӣ мебошад. Дар рафти лоиҳа хонандагон маълумот ҷамъ меоваранд ва пойгоҳи маълумотро таъсис медиҳанд, ки дар он иттилоот дар бораи вазъи ҳаво мавҷуд аст. Шоистаи қайд аст, ки чунин лоиҳаҳо сохтори хуб, реҷаи муайян, шартҳои равшан шаклгирифтаи иштирок дошта ба муаллим ангезиш медиҳад, ки тибқи дастури муайян (аксар вақт бо роҳи пур кардани шаклҳои бақайдгирӣ) амал кунад.

9. Экскурсияҳои телекоммуникатсионӣ. Як қатор лоиҳаҳо, ки дар шабакаи Internet гузаронида мешавад, дар табодули мушоҳидаҳо ва таассуроти муаллимон ва хонандагон аз экскурсияи музей, мавзеъҳои таърихӣ, боғҳо, боғҳои ҳайвонот ва ғайра, бо хонандагон ва муҳассилини дигар ҷойҳо, шаҳрҳо ва давлатҳо асос ёфтааст. Дар Internet ҷадвали моҳонаи нашри иттилоот дар бораи экскурсияҳои аз тарафи муассисаи таълимӣ гузаронидашуда ба муаллимони хоҳишманд фиристода мешаванд. Агар экскурсия иттилооти барои ин ё он дарс муфидро дод, дар мувофиқа бо ҷадвал мумкин аст, ки ба хонандагоне, ки дар он иштирок кардаанд, саволҳо дода шавад. Саёҳат ва экспедитсияе, ки мутахаасисон ба ҷо овардаанд, инчунин дар Internet муҳокима мешавад. Чунончи, сафари байналхалқии арктикӣ тавассути Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ бо чанаҳои сагӣ ва каноэ аз тарафи муаллимон – иштирокчиёни экспедитсия ба воситаи List-сервер баён мегардад. Ҳангоми гузаронидани экспедитсия чанд муддат пештар, ки ду нафар муҳаққиқ аз Британияи Кабир гузаронида буданд, синфҳои иштирокчӣ ҳар ҳафта маълумоти мушаххасро дар бораи рафти саёҳат, мушоҳидаҳо ва таассурот гирифтанд. Баъди бозгашти сайёҳон ба Британияи Кабир онҳоро мактубҳои зиёди электронӣ ва саволҳо аз кӯдакони тамоми олам интизор буд.

10. Таҳлили якҷояи маълумот (аз ҷумла тавсиф). Табодули иттилоот ҳангоме, ки маълумот аз ҷойҳои гуногун ҷамъоварӣ мегарданд ва сипас ба муқоиса ва ё таҳлили рақамӣ фаро мегиранд, бениҳоят самарабахш мебошанд. Намунаҳои одии чунин лоиҳаҳо хонандагонро барои омодакунии тавсифҳо, ҷамъовари маълумот, таҳлили натиҷаҳо, ҳисобот дар бораи чизи пайдокарда ҷалб мекунад. Ба лоиҳаҳои якҷоя доир ба ҷамъоварии маълумот ворид кардан мумкин аст:

–лоиҳаҳо барои муайян кардани туршии об. Оби борон ва ё зеризаминӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни олам ҷамъ мегардад, микдори туршияш санҷида мешавад ва сипас таҳлил гузаронида мешавад, ки дар куҷо ва чӣ тавр об зиёдтар ифлос гаштааст.

–лоиҳаҳое, ки ташкилотҳои гуногун дар моҳе мегузаронанд, ки ба таври интихобот сурат мегирад. Дар чунин лоиҳаҳо хонандагон тавассути воситаҳои электронӣ овоз медиҳанд ва сипас натиҷаҳо бо натиҷаҳои воқеӣ муқоиса мегардад.

–лоиҳаҳо барои муайян кардани сабади истеъмолии умумиҷаҳонӣ, ки дар онҳо хонандагон нархҳои стандартии маҳсулот (ба монанди биринҷ, шакар, тухм, бензин)-ро дар нуқтаҳои гунонуни сайёра муқоиса мекунанд ва сипас кӯшиш мекунанд, ки сабаби гуногун будани нархро асоснок кунанд.

– олимпиадаи телекоммуникатсионӣ, ки дар онҳо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии гуногун мусобиқаро ба мисли бозиҳои олимпӣ мегузаронанд ва баъдан натиҷаҳоро бо ҳам муқоиса мекунанд, то ин ки ғолиби ҳар мусобиқаи виртуалиро муайян кунанд.

– таҷрибаи Эратосфен, ки дар он хонандагон аз тамоми олам амали геометрии Эратосфенро барои баҳогузорӣ ба гирдогирди Замин бо чен кардани сояи кунҷи вертикалии чӯби дар замин росткардашударо дар фасли тирамоҳ ва ё баҳор, дар вақти баробаршавии шабу рӯз мегузаронанд.

–лоиҳа барои муайян кардани муҳоҷирати шапаракҳои як навъ, ки рафти муҳоҷирати шапаракҳо мушоҳида ва пайгирӣ мешавад (бо кӯмаки маркировкаи шапаракҳо ва интихоби намояндаҳо аз гуруҳи шапаракҳои муҳоҷир).

Табиист, ки ин навъи лоиҳаҳо аз нуқтаи назари ҷалби хонандагон ба таҳқиқоти сервусъат ва барои ҷавоб ёфтан ба саволҳои мураккаб ва шавқовар дилпуркунанда аст.

Муайян гаштааст, ки муоширот бо истифодабарии компютер ба хислатҳои умумии муошироти одамон бо мадади шабакаҳои компютерӣ таъсир мерасонад.

Ба таври комплексӣ истифода кардани абзорҳои информатсионӣ ва коммуникативии Internet дорои имкониятҳои калони потенсиалӣ дар соҳаи маориф мебошад. Имкониятҳои ин система барои нигаҳдории мубодилаи озоди иттилоот бениҳоят шигифтовар ва амалан номаҳдуд аст. Ғояҳои асосии

истифодаи воситаҳои телекоммуникатсиониро дар зерманзари таълим дида мебароем.

Лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ аз рӯи таркиби худ ва таъиноташон гуногун мебошанд. Ҳалли якҷояи масъалаҳо аз лиҳози нав буданаш дар муҳити телекоммуникатсионии таълим дурнамои беҳтаринро дорад. Лоиҳаҳо метавонанд, ки ҳамчун мусобиқа ва ё ҳамчун ҳамкорӣ гузаронида шаванд, аммо лоиҳаҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки муаллимон ва хонандагон ҳамкориро афзал медонанд.

Лоиҳаҳои дар Канада амалкунанда хеле овозадоранд. Дар онҳо хонандагони синфҳо мунтазам навиштаҷоташонро ба гурӯҳи хабарӣ мефиристонанд ва хонандагони дигар низ робитаи мутақобиларо дар чунин сексияи адабӣ дар намуди электронӣ мушоҳида мекунанд. Ба лоиҳа адибони касбӣ ҷалб мешаванд, ки дар он ҷо ба чизҳои чопшуда тақризҳои созандаи худро баён мекунанд, асрори эҷодиро мекушоянд, порчаҳо аз асарҳояшон, ки дар болои он кор карда истодаанд, нашр мекунанд.

Дар ин навъи лоиҳаҳо ба хонандагон аз минтақаҳои гуногун вазифаҳои якхела ва иҷрои он супориш дода мешавад. Баъди мубодилаи электронии қарорҳо сурат мегирад. Вақтҳои охир лоиҳаҳои меъмории навъи «Чӣ гуна конструксияи баландро аз тори гӯгирд сохта метавонед», ки ба корҳои зерин қодир бошад:

1) тухмро бардошта тавонад;

2) агар онро сахт пуф кунанд, тавони истодан дошта бошад?

Дар ин ҳолат мумкин аст, ки навъи муайяни ширеш истифода гардад. Тухм бояд ҷӯшонида шуда, пӯсташ тоза карда шуда набошад. Барои баҳогузорӣ расм ва тавсифи он фиристода мешавад.

Дар on-line лоиҳаҳои ин навъ хонандагон бояд манбаъҳои гуногуни иттилоот (электронӣ ва коғазиро) барои ҳалли масъала истифода баранд. Ҳамчунин барои ҳалли онҳо калид дода мешавад. Бозии географӣ маълум аст, ки дар он ба 20 нафар хонанда ҳамон бастаи иттилоот доир ба ҷойгиршавии муассисаи таълимиашон (яъне арзу тӯл, вақт, аҳолӣ ва самти он ба пойтахт ва ғ.) дода мешавад; ҳамоҳангсозони бозӣ ин маълумотро

ҷойгир мекунанд, ҳамаи хонандагон маълумотро аз маълумотномаҳои географӣ, ба монанди харита, атласҳо гирифта, шаҳрҳоро меёбанд ва дар мутобиқат ба онҳо маълумотро муайян мекунанд. Ҳамон синф ғолиб доништа мешавад, ки дақиқтар ҷои воқеъ буданро муайян намояд.

On-line моделсозӣ – чунин лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ ҳастанд, ки ҳамоҳангсозии зиёд ва дастгириро талаб мекунанд ва аз ин рӯ, нисбатан заҳматталаб мебошанд ва ҳамзамон самаранокии таълимии он баландтар аст. Дар байни лоиҳаҳои муваффақи On-line моделсозӣ инҳо ҷой доранд. Барномаи кайҳонии Шаттл моделсозӣ мегардад.  Муассисаҳои таълимии тамоми олам нақшҳои гуногунро дар парвози Шаттли кайҳонӣ бозӣ мекунанд. Ин маневри пайвастшавӣ бо Шатлли дигар, идораи парвоз аз пулти идоракунандаи заминӣ, нишастан ба сатҳи Замин, мушоҳидаи абселвотории барангезиши Офтоб ва ғ. мебошад. Ҳамоҳангсозӣ ва коммуникатсия байни пулти идоракунии Шаттл ва дигар муассисаҳои таълимӣ тавассути конференсияи дар асоси инфиродӣ бароҳмондашудаи низомҳои шабакавӣ амалӣ мегардад. Почтаи электронӣ хеле зуд ирсол мегардад, ҳар соат ҳисобот ба нашр мерасад, ҳатто мумкин аст, ки суҳбатҳои электронӣ дар масштаби воқеии вақт байни пулти идоракунӣ ва кайҳоннавардону ҷузъҳои ёрирасон сурат гирад. Инчунин силсилаи лоиҳаҳои хуби моделсозии воқеаҳои байналхалқӣ ва ҳалли масъалаҳою низоъҳои глобалӣ мавҷуд аст. Лоиҳаи IDEALS-ро ба хотир меоварем, ки дар асоси фаъолият ва рафтори дипломатҳои сатҳи олиро, ки давлатҳои мухталифи оламро дар конференсияи байналхалқӣ намояндагӣ мекунанд моделсозӣ кардаанд, ки онҳо бояд барои мисол матни шартномаро доир ба истифодабарии захираи уқёнусҳо ва ё дар бораи ояндаи Антарктида таҳия намоянд.

Истифодабарии телекоммуникатся барои ба таври назаррас боло рафтани сатҳи фаъолнокии хонандагон саҳм мегузорад. Рӯйкарди мусобиқавӣ ба ҳамкорӣ иваз мешавад ва таълим дар гуруҳҳо нисбат ба таълими инфиродӣ ва ё мусобиқавӣ самарабахштар мегардад. Дар раванди амалисозии лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ ба ғайр аз

маълумоти матнӣ инчунин иттилооти графикӣ истифода мегардад, ки тавре маъмул аст, аз тарафи хонандагон маълумоти образнок нисбати матн зудтар аз худ карда мешавад. Муҳим аст қайд кунем, ки барои роҳбарии илмии лоиҳаҳо, одатан мутахассисони пешбари муассисаҳои олӣ ва ё марказҳои илмӣ ҷалб мегарданд. Аксарияти лоиҳаҳо иштироки гуруҳии хонандагонро дар назар дорад ва чунон ки маълум аст, фаъолияти якҷояи хонандагон онҳоро барои шинос шудан бо нуктаи назарҳои гуногун, барои баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои бадастовардаашон ҳавасманд мегардонад.

Лоиҳаҳои телекоммуникатсионии банақшагирифташуда ва дар раванди таълим амалигардида ба сифати таҳсилоти информатика ва технологияҳои иттилоотӣ таъсир мерасонад.

Лоиҳаҳои таълимии телекоммуникатсионӣ дар муқовимат бо системаи таълимӣ-методии анъанавии дар муассисаи таълимӣ шаклгирифта қарор доранд. Муаллимон эътироф мекунанд, ки дар айни замон ҳамгироии лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ бо сабабҳои гуногун душвор аст. Яке аз асоситарини онҳо низоми регламетишудаи синфӣ-дарсии маводи таълимии муаллиму хонандагон, инчунин мушкилоти техникӣ ва ташкилӣ, ки ба миқдори зиёди муассисаҳои таълимӣ хос аст мебошанд, ки раванди татбиқи лоиҳаҳои шабакавиро дар раванди таълим душвор мегардонад.

Ташкил кардани лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ омодагии махсус ва ба таври даркорӣ дақиқи муаллимон ва хонандагонро талаб мекунад. Чунин лоиҳа бояд, ки дақиқ ва махсус сохта шаванд; онро бо назардошти натиҷаҳои миёндаврӣ ва ниҳоӣ иҷро кардан лозим мебошад.

Ҳамин тавр муваффақияти лоиҳаи телекоммуникатсионӣ аз бисёр ҷиҳат ба кори омодашавии муаллимон ва хонандагон, ба дуруст интихоб гаштани методикаи ташкили фаъолияти хонандагон ва руҳияи психологии онҳо вобаста аст. Лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ, ба мисоли дигар намуди лоиҳаҳо танҳо ба сифати консепсияи умумии таълиму тарбия метавонад, ки самарабахш бошад. Он пешниҳод мекунад, ки аз як тараф аз методҳои авторетарӣ даст кашида аз ҷониби

дигар ҳамсозии хубу оқилона ва аз лиҳози консептуалӣ асоснок бо методҳои гуногунранг, шаклҳо ва воситаҳои таълим сурат гирад. Инҳо танҳо компоненти низоми таълиманд, на худи таълим.

Ташкили лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ омодагии махсуси ҳам муаллимон ва ҳам хонандагонро талаб мекунад.

Лоиҳаҳои таълимии телекоммуникатсионӣ дорои потенсиали бузурги педагогӣ барои таълим мебошанд. Аммо, на ҳама вақт барои таълими фанҳои алоҳида ба онҳо талабот ҳаст. Барои сохтани лоиҳаҳои фаннӣ-самтӣ як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ халал мерасонанд. Аз ҷумла, «пӯшида» будани муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, фанҳо, набудани методикаҳои оддӣ ва каммеҳнати истифодабарии онҳо.

Таҳлили таҷрибаи педагогии истифодабарии лоиҳаҳои телекоммуникатсионӣ дар таълим нишон дод, ки боло бардоштани сифати таълими география дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро ноил гаштан мумкин аст, дар сурате, ки:

– дар методикаи таълими география лоиҳаҳои махсуси таълимии телекоммуникатсионии банақшагирифташуда ворид шуда бошад;

– ба ҳар муассисаи мушаххаси таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити даркорӣ барои ҳамгироии таълимӣ ва фаъолияти берун аз таълимӣ доир ба география ва технологияҳои иттилоотӣ ташкил карда шавад;

– идораи фаъолияти таълимии телекоммуникатсионӣ тавассути сохтори минтақавии таҳсилоти фосилавии муассисаи таълимӣ, ки ба онҳо марказҳои лоиҳавӣ, зерсохторҳои таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои академикӣ шомиланд. Таҳсилоти фосилавӣ дар Тоҷикистон алҳол технологияи нав набуда, рӯз аз рӯз методҳо ва воситаҳои пешниҳоди ин навъи таҳсил такмил меёбанд. Рӯихати ихтисосҳои шакли таҳсилашон фосилавӣ бо фарогирии ихтисосҳои нав пурра мегарданд, ҳамчунин талаботи зиёд барои таҳсил зинаи магистратура ҳаст. Дар таҳсилоти фосилавӣ таъсири педагогӣ байни донишҷӯ ва омӯзгор кам буда, одатан он бо омӯзиши гиперматнҳои тайёркардаи устод ва ё маводи таълимии чопӣ, иҷрои вазифаҳои пешниҳодшуда ва муошират дар

интернет-форум маҳдуд мешавад. Таъсиррасонии педагогиро бо роҳи истифодаи видео-лексияҳо ва машғулиятҳои интерактивӣ бештар кардан мумкин аст. Дар сурате, ки дар таҳияи видеолексияҳо муаллимони тахассусманд иштирок кунанд, аз амалӣ кардани онҳо самараи мусбат ҳам дар шуъбаи рӯзона ва ҳам дар шӯъбаи фосилавии ғоибона ба даст омаданаш мумкин аст. Лексия дар дарс на танҳо функсияи таълимӣ, балки назоратии ҷорӣ ва машваратиро ҳам ба ҷо меоварад. Функсияи назоратии лексия бо роҳи ҷавоб додан ба саволҳо ҳангоми лексия ва дар охири он амалӣ мегардад [23, с.14].

Видеодарсҳо нисбатан абзори нав дар раванди таълим буда, дар фурсати кӯтоҳ самаранокии худашро дар таълим нишон дод. Донишҷӯён хеле фаъолона видео-дарсҳоро барои омӯзиши мустақилонаи ин ё он фан истифода мекунанд. Дар амалияи маҳои олии Тоҷикистон бисёр ҳолатҳо ҷой доранд, ки донишҷӯён пешакӣ дарсро дар мавзӯи нав тамошо карда, бо мадади видеодарсҳо вазифаро як рӯз пеш иҷро мекунанд. Дар натиҷа, дар рафти гузаштани мавзӯи нав донишҷӯён маводи таълимиро хуб аз худ мекунанд, дар машғулиятҳо фаъолона иштирок карда, баҳсҳо ташкил менамоянд, саволҳои муҳим медиҳанд.

Бисёр омӯзгорон фаъолона дастурҳои электронӣ ва аз ҷумла видеолексияҳоро омода мекунанд. Дар портали portalpedagoga.tj озмуни воситаҳои таълимии электронии беҳтарин гузаронида шуд, ки дар он видеодарсҳо ҳам намоиш дода шуданд, аммо мутаассифона хеле кам буданд. Дар робита ба ин байни омӯзгорон барои муайян кардани сабаби кам тайёр кардани видеодарсҳо пурсиш гузаронида шуд.

Аз диаграмма маълум мешавад, ки қисми зиёди омӯзгорон доир ба барномаҳое, ки харҷи молиявӣ ва ё иҷозатномаи махсусро талаб намекунанд, воқиф нестанд. Қисми омӯзгорон малака ва донишро барои сохтани видеомаводҳо надоранд.




Рас. 2.4. Натиҷаи пурсиш

Дар шабакаи интернет як қатор барномаҳо барои сохтани видео мавҷуданд, ки аз байни онҳо осонтарин ва истифодабарияшон қулайтару хароҷоти молиявӣ талаб намекардаашонро интихоб кардан лозим аст. Воситаҳои беҳтарин барои таҳияи видеолексия OpenSource дар поён оварда мешавад:

1. FFsplit

Бо кӯмаки FFsplit сабтҳои видеоии касбиро дар монитори компютери худ бо заҳмати минималӣ ҷойгир кардан мумкин аст. Ғайр аз сабти видео FFsplit имкон дорад, ки  HD-видеоро аз манбаи беруна ворид кунад. FFsplit боз бо он ягона аст, ки дар он сохтани видеороликҳои интерактивӣ, ки ҳаволаҳои интерактивӣ барои сохтани видеоконтенти динамикӣ дораду барои истифода дар синф ва ё кор мутобиқ аст.

Аз байни афзалиятҳои барнома инҳоро номбар кардан мумкин аст:

- сабти видео ва аудио дар чанд рах;

- эффекти экрани сабзро дорад, то ин ки чунин ба назар расад, ки истифодабаранда қисми амалиёт аст;

- унсурҳои аниматсионӣ ба монанди болоравӣ ва давр задании матнро ба осонӣ ворид кардан мумкин аст;

- ҳамгирой бо Google;

- барчаспҳои ройгон барои сабти видео ба дастгоҳҳои мобилӣ ва ирсол ба FFsplit барои таҳриркунӣ;

2. CamStudio

Таъминоти ройгони барномавӣ бо коди ибтидоӣ барои сохтани видео дар формати AVI барои ҳамаи намудҳои сабти видео дар экрани компютер. Он метавонад, ки формати AVI-ро ба SWF табдил диҳад. Веб-сайти CamStudio тасдиқ мекунад, ки барномааш дар истифодабарӣ осон буда, онро дар муддати чанд дақиқа ба шарофати маълумотҳои ҳаматарафаи файлияш омӯхтан мумкин аст. Веб-сайти CamStudio тасдиқ мекунад, ки ҳаҷми файлҳо, ки бо кӯмаки ин таъминоти барномавӣ сохта мешаванд, ҳаҷман хурд буда, нисбати дигар барномаҳои видеосозанда сифати олӣ дорад.

Дар асоси китобхонаи тавонои FFmpegOpenShot хондан ва сабти порчаҳои видеоии форматҳои гуногун, тасвирҳо мумкин аст. Дар оинаи мусоҳибавии содиротии OpenShot ба таври хомӯш якчанд форматҳои паҳнгашта истифода мегарданд, ки бо ҳаволаи «иловагӣ» ҳама гуна формати FFmpeg-ро истифода кардан мумкин аст.

3. Webinaria

Сабт дар формати AVI бо имконияти минбаъд онро баргардонидан ба формати .FLV. доро аст. Бо мадади таугмачаҳои фурӯзон ба осонӣ сабтро оғоз кардан ва анҷом додан мумкин аст. Дар барнома инчунин функсияи шавқовар ҷой дорад, ки видеоро аз ду манбаъ (масалан, вебкамера ва ё сабти экран) якҷоя кунад. Он танҳо дар пойгоҳи *Windows* кор мекунад.

4.iSpringFreeCam

ISpringFreeCam - яке аз алтернативаҳои касбии FFsplitStudio аст. Ин ҳамчунин барнмаи функсионалӣ буда, барои таҳияи видеороликҳои касбӣ ва муаррифиҳои eLearning бо истифодаи ҳаматарафаи муҳаррирони видео ва

аудио мебошад. iSpring ба профессионалҳои eLearning имкон медиҳад, ки чӣ гуна садоро ба видео гузоранд, масалан садои система ва ё мусиқӣ дар фон ва ҳамчунин дур кардани ҳама гуна шавқун интихоб карда шавад. Муайян кардан лозим аст, кик адом қисми экранро, аз ҷумда оинаҳои алоҳидаро сабт кардан лозим аст. Истифодабарандагон метавонанд, ки нутқро дар микрофон дар ороиши видео бо ин функсия истифода баранд.

Додашудаҳои ин барнома аз тарафи зиёда аз 200 нафар педагогҳо апрабатсия гаштааст, ки онро барои таҳсилоти фосилавӣ пешниҳод кардаанд. Аз ҳам серталаб барномаи CamStudio гардид. Тибқи тақризи педагогҳо он дар истифодабарӣ ниҳоят осон ва интерфеси мураккаб надорад.

Вебинари «осону равон»-и шавқовар ё видеолексияи ҷалбкунанда дар асоси таҷрибаи бой ва омодагии ҷиддии педагог ва ҳамчунин воситаҳои барномавӣ, ки бақайдгирии зиёд надоранду маблағ наметалабанд, сохта мешаванд. Истифодабарии онҳо имкон фароҳам меоранд, ки таҳсилоти фосилавӣ зиёдтар самарабахш, ҷолиб ва дорои талабот гардад.

## 2.2 Истифодабарии барномаи Microsoft Power Point дар курси география ҳамчун воситаи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон

Таҳқиқоти махсус, ки ба масъалаи ташаккули шавқ ба маърифат бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки мароқзоҳиркунӣ дар ҳамаи намуд ва марҳилаҳои инкишофаш ба ҳадди ақал бо се лаҳзаи ҳатмӣ (Г.И. Шукина, Н.Г. Морозов) тавсиф гаштааст:

1) ҳиссиёти мусбат нисбат ба фаъолият,

2) будани тарафи маърифатии ин ҳиссиёт,

3) будани ҳавасмандии бевосита, ки аз фаъолият бармеояд.

Дар муҳтавои дарс чӣ чиз мароқи хонандаро бедор мекунад? Пеш аз ҳама будани навгонӣ дар маводи таълимӣ. Аксар вақт мавзӯи дарс аз курсҳои солҳои пешин, аз воситаҳои ахбори омма ба хонандагон шинос аст ва аз ҳамин сабаб он хуб қабул карда мешавад. Мароқро ба дарсҳо ҷанбаҳои мухталифи муҳтавои он ҳавасманд гардонад, аммо барои дарки онҳо барангезиши о тарафи ҳиссии мароқзоҳиркунӣ лозим аст. Бо ҳамин мақсад

муаллимон асарҳои санъат, шеърҳо, мусиқӣ, расмҳои ранга, объектҳои зинда, эпиграфҳоро доир ба мавзӯи дарс, ба худи дарс истифода мебаранд, ки онҳо ҷӯршавии ҳиссии хонандагонро ба дараҷае таъмин мекунанд.

Барои нигаҳдорӣ ва устувор гаштани мароқзоҳиркунии хонандагон ба дарсҳо ташкили фаъолияти таълимии хонандагон тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки он аз намуди шакл ва намудҳои корҳои таълимӣ дар рафти дарс гуногун, ҷустуҷӯӣ, мустақилона, инкишофдиҳандаи тафаккур бошанд. Гуногуншаклии намудҳои корҳои таълимӣ дар дарсҳо бо роҳи комбинатсия ва тағйир додани методҳо ва рӯйкардҳои гуногуни таълим, воситаҳои аёнии гуногун ва шаклҳои кор (инфиродӣ, коллективӣ, гуруҳӣ, фронталӣ) ва ҳамчунин бо мадади тағйир додани сохтори дарс ва истифодаи шаклҳои нави шавқовар амалӣ мегардад.

Имконияти ба муаррифӣ ҷой додани ҳама гуна объектҳо дар омӯзиши мавзуъҳои мураккаб, агар зарурияти нишон додани моделҳо (вулқонҳо, сохти замин, типҳои релйеф) ба вуҷуд омада бошад, равандҳо (пайдошавиии кӯҳҳо, ба вуҷуд омадани делтаҳо, эрозияи хок ва ғ.) онро махсусан ҷолиб ва аёнӣ мегардонад. Масалан, дар марҳилаи аввали омӯзиши мафҳумҳои географӣ дар курси «Географияи табиӣ» (синфи 6) сохти маконии геосфера, ҳаракати уфуқӣ ва амудии замин ва монанди инҳо мушкилӣ пеш меоранд. Расмҳо дар китоб матҳӣ ва дученакӣ мебошанд. Ба хонанда лозим мешавад, ки фазои макониро фикр кунад, онро тасаввур намояд. Дар сурати истифодаи бисёррасонаӣ ҳар объект метавонад, ки на танҳо дар намуди ҷиддии сатҳӣ, ки дар намуди қайдшуда нишон дода шавад, балки онро аз нуқтаҳои гуногуни маконӣ ва кунҷҳои гуногун нишон диҳем. Истифодабарии муаррифӣ дар дарсҳои география имкон медиҳад, ки дарсгузарӣ пурмуҳтаво, шавқовар, эҳсосбахш, аёнӣ ва самараноктар гардад. Муаррифиҳоро истифода бурда, мумкин аст, ки рӯйкарди дифференсионалиро барои кор бо синфҳои самти таълимашон ҳархела амалӣ намуд. Чунончи, муаррифиҳое, ки барои дарс дар синфи чуқуромӯзии география сохта шудаанд, муҳтавояшон нисбати синфи муқаррарӣ мураккабтар мешаванд, як қисми маводро барои синфҳои

гуманитарӣ ҳазф кардан лозим аст.

Интихоби методҳои дарсгузарии курси «География» бо он муайян мегардад, ки солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ин курсро дар синфҳои болоӣ низ мегузаранд. Дар робита ба ин дар сикли дидактики омӯзиш лексия мавқеи асосӣ дорад. Барои мукаммал кардани раванди лексияхонӣ истифодаи технологияҳои муосири компютерӣ зарур аст. Афзалияти компютер ва муаррифиҳои бисёррасонаӣ дар аёниятнокӣ ва ба таври образнок пешниҳод кардани иттилоот аст.

Дар аз худ кардани мафҳумҳо, малака ва маҳоратҳо таҷрибаи маърифатии шахсии хонанда низ аҳамияти калон дорад ва барои пайдо гаштан ва инкишофи маҳоратҳо корҳои бисёррасонаӣ мусоидат мекунанд. Корҳои амалии бисёррасонаӣ мумкин аст, ки дар синфхонаи компютерӣ иҷро гарданд ва барои ин ҳар хонанда дар сари компютери алоҳида ва ё бо гуруҳи иборат аз ду нафар дар як компютер ба ҷо оварда шавад. Чунин корҳои амалии бисёррасонаӣ имкон медиҳанд, ки модели шароити табиӣ сохта шаванд, корҳои картографӣ гузаронида шаванд, қонуниятҳоитабиат дақиқ карда шаванд, таҷрибаҳо гузаронида шаванд, ки гаронарзиш буда, вақти зиёд дар гузаронидани онҳо дар шароити лабораторӣ сарф мегарданд.

Экскурсияи бисёррасонаӣ таваҷҷуҳ ва шавқи хонандагонро зиёд мегардонад. Муҳити географии бо роҳи бисёррасонаӣ сохташудаи визуалӣ самараи будан дар он муҳитро медиҳад. Аз ме сабаба, чунин шиносоиро бо объектҳои географӣ – экскурсияи виртуалӣ (маҷозӣ) номидан мумкин аст. Аз намоиши оддии видеофилм дар ҳамон мавзуъ экскурсияи виртуалӣ бо интерактивнокии худ, яъне имконияти мустақилона амал кардани хонанда дар сохтани ва амал кардан дар муҳити табиии сохтааш фарқ мекунад. Видеоролики интерактивӣ аз муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки онро дар сонияи дилхоҳ боздошта маълумоти таълимӣ, ки барои иҷрои вазифа даркор аст, гиред. Хонандагон бо истифодаи курсор объектҳои гуногунро метавонанд, ки наздик кунонанд, онро дар гирди меҳвараш давр занонанд, яъне дар мувофиқат ба амалҳои онҳо тасвири рӯи экран тағйир

меёбад.

Барои як муаллим сохтан ва коркард кардани экскурсияҳои бисёррасонаӣ ва корҳои амалӣ хеле мушкил аст, аз ин сабаб беҳтар аст, ки шакли тайёри онҳо мавриди истифода қарор гиранд, ки онҳоро аз барандаи иттилоот ва ё аз шабакаи интернет дастрас кардан мумкин аст.

Боз як намунаи ташкили кор бо бисёррасонаӣ конспекти электронии лексияҳо ба шумор меравад. Чунин конспект имкон медиҳад, ки матни лекисия бо слайд шоу ва графикаи компютерӣ бо аниматсияҳо якҷоя пешниҳод гардад. Дар баробари ин имкониятҳои техникии компютер бо муошираи зиндаи лектор бо аҳли синф мусоидат мекунад. Бешубҳа, муаррифие, ки бо расмҳои зебо ва аниматсияҳои дилнишин сохта шудаанд, аз лиҳози визуалӣ нисбат ба матни статикӣ ҷолибтар буда, метавонанд, ки ҳиссиёти даркориро дар синф нигаҳ доранд, дарккунӣ ва ба хотир нигоҳ доштани маводи пешниҳодшавандаро осон гардонанд.

Дар слайдҳо мавзуъи лексия, ҳолатҳои асосӣ, тавсифи мухтасар бо матнҳо, расмҳои зарурӣ, суратҳо, харитаҳои географӣ ва ғайраҳо дар мувофиқа бо пайдарҳамии омӯзиши мавод дар дарс муаррифӣ мегарданд. Бо мақсади саривақт аз байн бурдани костагиҳои дониш ва мустаҳкам кардани масъалаҳои муҳими мавзуъ дар слайди охирон саволҳои санҷишӣ ҷой дода мешавад. Баъди ба охир расидани лексия муаллим онҳоро пешниҳод мекунад. Агар хонандагон ба ин ё он савол ҷавоб дода натавонанд, пас муаллим тугмачаи махсуси идоракунандаро ба гиперссилка мебарад ва ба ҳамон слайде, ки дар он маълумот ва ҷавоби дуруст ҳаст, руҷӯъ мекунад. Ҳамин тавр такрори мавзуъ, ки барои хонандагон фаҳмидани он мушкил буд, амалӣ мегардад.

Муаррифие, ки бо лексия ҳамроҳ аст, имкон медиҳад, ки ба таври самаранок махсусиятҳои идроки ҳар хонанда истифода бурда шавад. Имкониятҳои аниматсия бошад, ҷалби диққати хонандагонро барои лаҳзаҳои муҳимтарини дарс таъмин мекунад, имкон медиҳад, ки мантиқи занҷираҳои мантиқӣ, схема ва ҷадвалҳоро фаҳмад.

Мақсади истифодабарии муаррифӣ дар дарс инҳо буда метавонанд:

— мубрамгардонии машғулият;

— ҳамроҳӣ ба муалллим барои баёни маводи нав;

— мустаҳкамкунии ибтидоии мавзуъ;

— ҷамъбаст ва ба низом давровардани донишҳо.

1. Мубрамгардонии донишҳо аксар вақт ҳангоми сӯхбат бо хонандагон ба вуҷуд меояд. Саволҳои чунин суҳбатҳоро ба таври мақсаднок дар слайдҳои маҷозӣ ҷой додан даркор аст на дар матни муқаррарӣ. Саволҳоро мумкин аст ҳамчун порчаи видео, расм бо таҷрибаи нишондодашаванда, ки қаблан дар расми китоби дарсӣ оварда шудааст ва ба шарҳ эҳтиёҷ дорад ва ғ. пешниҳод гарданд.




Расми 2.3. Мафҳуми «Геосфера»

Дар мисоли дар боло овардашуда (рас. 2.3) – баъди нишондода шудани слайди «Ба хотир меорем» дар тахта слайдҳо бо вазифаҳо, ки метавонанд донишҳоро мубрам гардонанд, ҷой дода шудааст. Ҷавобҳо метавонанд, ки бо пахши тугмачаи мушвора ва ё дар слайди навбатӣ нишон дода шаванд.

Ҳамчунин, маводи омӯхташударо ба хотир оварда, мумкин аст, ки 1 – 2 слайдро аз муаррифии пештара (агар бошад), бо иваз кардани замимаи он дар замимаи нав (рас. 2.5.), тавре, ки ҳарчи зудтар ба хотир оварда шавад, (ниг. замимаи 3) мумкин аст. Дар баъзе слайдҳо ишораҳо ба ҷавобҳоро на ба таври ҷавоби пурра додан мумкин аст, зеро ки аҳамияти ҷавобдиҳии хонандагон гум мешавад, суҳбат бошад дар ҷараёни «слайди навбатии ҷавобашро ёб» мегузарад.




Расми 2.5. Сохти дохилии Замин

2. Ҳангоми баёни мавзӯи нав имкониятҳои муарифӣ ва ороиши он хеле калон аст. Пайдарҳамии онҳо ва сохти мантиқии он ба муҳтавои маводи омӯхташаванда, махсусиятҳои идроки хонандагони синф ва хусусияти инфиродии муаллим вобаста аст.

3. Мустаҳкамкунии аввалин аксар вақт дар намуди сӯҳбат ва ё ҳангоми

## Мустаҳкамкунӣ

- Ҷадвали «Сохти дохилии Замин» - ро пур кунед.

| Тавсифи табиӣ - географӣ | Қишри Замин | Мантия | Ядро |
|---|---|---|---|
| Тавсиф | | | |
| Ҳолат | | | |
| Таркиб | | | |
| Вазифа | | | |
| Намуна | | | |

Расми 2.6. Мустаҳкамкунӣ дар мавзӯи «Сохти дохилии Замин»

иҷрои вазифа амалӣ мегардад. Дар ҳолати аввала маводи пешниҳодшаванда ба намуди саволҳо дар слайдҳои муаррифӣ ҷой дода мешаванд. Дар ин ҷо ба ғайр аз маводҳо ба саволҳо ва худи саволҳо ҳамчунин дар намуди ҷамъбасткунандаи маводи саволҳои хонандагон, ба монанди пур кардани ҷадвал (рас. 2.6.), пурра кардани схемаро нишон додан мумкин аст (ниг. замимаи 3). Мумкин аст тағйир надода ҳамчун такрори мавзуъ чанд слайдро намоиш диҳем, ки минбаъд барои баёни мавзуи нав ва шарҳи мустақилонаи

онҳо мадад расонад, аммо ин бояд маводи асосии маводи баёншуда набошад.

Дар ҳолати дуюм, варақаҳои инфиродӣ – афзалиятноктар аст ва дар слайди муаррифӣ ҷавоби дуруст нишон дода мешавад (рас. 2.7.).




Расми 2.7. Мустаҳкамкунӣ дар мавзӯи «Геосфера»

4. Барои ҷамъбаст ва ба низом даровардани донишҳо тибқи қоидаи маъмул дарси алоҳида ҷудо карда мешавад. Дар ин ҳолат ба гузаронидани он бо истифодаи муаррифии электронӣ ҳоҷат надорад, агар дар гузаронидани мавзӯи ҷамъбастӣ (тибқи қоида он на кам аз 5 соат аст) ин намуди аёният истифода нагардад, пас он маъно надорад. Дар ин ҳолат хонандагон на ба шакл ва на ба муҳтавои он таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Дар муаррифии дарси ҷамъбастӣ мумкин аст, ки схемаҳо, таблитсаҳо ва диаграммаҳо ҷой дода шавад. Пораҳои слайдҳои пештар истифодагардидаро гурӯҳбандӣ карда бо мақсади гузаронидани муқоиса ва ё таҳлил ба хонандагон пешкаш кардан мумкин аст. Порчаҳои наворҳои видеои ин ё он объекти омӯхташуда дар ҳаёт ва ё дар табиат дарсро зинда мегардонанд ва дониши хонандагонро мубрам мекунанд. Дар дарси ҷамъбастӣ ба хонандагон пешниҳод кардан мумкин аст, ки ҳисоботро дар бораи таҷрибаи дар хонаашон гузаронида ва ё ҳимояи лоиҳаҳои хурд бо истифодаи слайдҳои муаррифӣ тайёр кунанд.

Муаррифие, ки дар дарси ҷамъбастӣ истифода мешавад, аз лиҳози сохтори мантиқӣ фарқ намекунад, аммо аз якчанд слайдҳои алоҳиаи интихобшуда иборат буда, дар рафти дарс истифодамегардад. Дар ин ҳолат заминаҳои гуногун ва унсурҳои аниматсияро истифода кардан мумкин аст, зеро ки муаррифии мазкур бутуну ягона набуда, ба дарсҳо бо танаффусҳои замонӣ нишон дода мешавад. Барои бачагон беш аз ҳама сохтани муаррифии электронӣ шавқовар мебошад. Ба хонандагон мавзуъ дода мешавад ва

пешниҳод мегардад, ки на зиёда аз 10-15 слайд сохта ба онҳо шарҳ нависанд. Дар муқоиса бо қоидаҳои ҷоришуда, ки муаррифӣ танҳо баромадро ороиш дода, кори кардашударо тасвирнок мекунад, дар ин ҳолат мақсади асоси кор аст. Ороиши слайдҳо ба ихтиёри худи хонанда вогузор мегардад, аммо услуби онро бо муаллим маслиҳат карданаш лозим аст, агар муаллим онро талаб кунад, ки ҳангоми омода кардани слайд ҳудуди мавзуъ ва дарс риоя гардад. Ин талабот набояд, ки сахт ва танҳо дар намуди тавсияҳо садо диҳанд, фантазияи хонандагонро маҳдуд кардан лозим нест.

Хонандагон дар ин ҳолат кор бо компютерро аз худ мекунанд ва дар баробари ин яке аз барномаҳои паҳнгашта Power Point –ро ёд мегиранд, интихоби чизи асосӣ ва ҷамъ кардани фикрашонро ёд мегиранд. Аз сабаби кам будани вақт ҳисобот ва рефератҳое, ки хонандагон месозанд, дар рафти дарс гӯш карда намешавад. Муаррифиро бошад, ба рафти дарс (бо шарҳи муаллим), дар намуди қатори визуалӣ ҳангоми тафтиши вазифаи хонагӣ истифода бурдан мумкин аст, ки вақт сарфа мешавад ва хонандагон бо мамнуният муаррифиҳои навро тамошо мекунанд. Хонандагон дар чунин ҳолат дарк мекунанд, ки корашон талабот дорад, ба иҷрои вазифаи хонагӣ ҷиддӣ муносибат мекунанд. Ин як фоидаи равшан аз иҷрои чунин вазифаи хонагӣ мебошад.

Аз суханони дар боло гуфташуда, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки қисмати географияи табиӣ бо махсусияти хоси худ талаб мекунад, ки шакли асосии таълими он лексия бошад. Лексия дар навбати худ ба аёниятҳо ва ба таври образнок расонидани иттилоот ниёз доранд. Истифодабарии лексия-муаррифиҳо дар раванди дарсгузарӣ имкон медиҳад, ки иттилооти дидактики таълимӣ зудтар ба ҳофизаи дурударози хонанда ҷойгир шавад, барои хуб аз худ гаштанаш мусоидат кунад, мароқи хонандагонро ба омӯзиши фан боло бардорад. Намунаи дигар дарсҳои коркардшударо дар поён мисол меорем.

**Мавзӯъ: Маълумоти умумӣ оид ба атмосфера.**

**Омӯзиши атмосфера**

**Мақсади дарс. Хонанда бояд:**

- мафҳуми “атмосфера”-ро шарҳ дода, таркиб ва сохти онро донад;
- аҳамияти атмосфераро дар ҳаёти инсон фаҳмонида тавонад;

- муҳим будани омӯхтани атмосфера ва тарзи омӯхтани онро дарк намояд.

**Таҷҳизонидани дарс:**

- харитаи табиии нимкураҳо;
- расмҳо оид ба мавзӯъ;
- ребусҳо, чистонҳои географӣ, супоришҳои тестӣ ва варақаҳо;
- истифодаи воситаҳои техникӣ (муаррифӣ);
- истифода аз аёниятҳои усули фаъоли таълим(“кластер”, “хӯша”, “харитаи баромад”).

**Метод:** 1. Шифоҳӣ (сӯҳбат, нақл).
2. Аёнӣ (харита, воситаи техникӣ, аёниятҳо).
3. Омӯзиши проблемавӣ.
4. Лексияи хурд.
5. Кори гуруҳӣ.

**Равиши дарс:**

**I. Ташкили дарс:**

1. Одоби салом, ҳолати синф, китобу дафтар, сару либос.
2. Шеъру гуфторҳо дар бораи география.
3. Муждаи навбатдор.
4. Қайди хонандагони дар дарс иштирок надошта.

Хонандагони синф ба 4 гурӯҳ ҷудо карда шуда, ба гурӯҳҳо номгузорӣ карда мешавад. Сардорони гуруҳҳо аъзоёнро муаррифӣ мекунанд:

Гуруҳи 1. Уқёнуси Ором



Гуруҳи 2. Уқёнуси Атлантика



Гуруҳи 3. Уқёнуси Ҳинд

Гуруҳи 4. Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ






**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.**

Дар ин қисми дарс ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки кадом гурӯҳ зудтар ба супоришҳои додашуда ҷавоби дуруст диҳад, ҳамон гурӯҳ соҳиби нишона мегардад ва дар ҷамъасти дарс нишонаи кадом гурӯҳ бисёр бошад, ҳамон гурӯҳ ғолиб мегардад.



Ба ҳар гурух 1 - тогӣ ребус, 1 - тогӣ координата ва 1 - тогӣ тест (дар умум 4- то) дода мешавад.

**Ребусҳо:**

1) 

Ҷавоб: Арабистон

2) 

Ҷавоб: Гренландия

3) 


Ҷавоб: Виктория

4) 


Ҷавоб: Эверест

**Координатаҳо:**




Ҷавоб: кӯли Байкал




Ҷавоб: шаршараи Ниагара




Ҷавоб: кӯли Титикака




Ҷавоб: шаршараи Виктория

То он даме, ки хонандагон ба ребусҳо, координатаҳо ва супоришҳои тестӣ омода мешаванд, аз боқимонда хонандагон вазифаи хонагӣ пурсида мешавад.

Инчунин дар тахтаи синф 1 нафар хонанда “Кластер” ва 1 нафар хонанда “Хӯша”-ро иҷро мекунад ва маълумот медиҳад.

## Истифода аз усули “КЛАСТЕР”




## Истифода аз усули “ХӮША”

Доир ба мавзӯи “Пиряххо”: а) хатти барфӣ; б) пиряхи кӯҳӣ; в) пиряхи материкӣ; г) пиряхи калонтарин-Хабарт; д) айсберг; е) Федченко; ё)аҳамияти пиряхҳо.

Баъди ичрои супоришҳо, аз ҳар гуруҳ 4 нафарӣ бо навбат ба **чистонҳои географӣ** посух медиҳанд.
























**III. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзӯи нав**

Супоришҳо аз назар гузаронида, ҷамъбаст карда мешаванд.

Мақсади мавзӯи нав бо хонандагон муҳокима карда мешавад.

Ба талабагон **саволи проблемавӣ** гузошта мешавад:

1. "Ягона сайёрае, ки дар он ҷо миқдори зиёди ҳаво мавҷуд аст..." – сухан дар бораи кадом сайёра меравад?
2. Геосфера чист ва ба кадом қабатҳо ҷудо мешавад?
3. Қабатҳои дохилӣ ва берунӣ чӣ ном доранд?

**IV. Матни мухтасари лексияи омӯзгор**

Мавзӯи нав ба тариқи муаррифӣ ва нишон додани таҷриба фаҳмонида мешавад. Ба хонандагон нақшаи дарс баён мегардад ва бо боби нав, яъне боби 8-уми китоби дарсӣ - "Атмосфера" шиносонида мешавад.

**V. Арзёбӣ.**

1. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ
2. Истифода аз кроссворд

**Кроссворд**

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **А** | | | | | | | |
| | | | **Т** | | | | | | | |
| | | | **М** | | | | | | | |
| | | | **О** | | | | | | | |
| | | | **С** | | | | | | | |
| | | | **Ф** | | | | | | | |
| | | | **Е** | | | | | | | |
| | | | **Р** | | | | | | | |
| | | | **А** | | | | | | | |

**Савол ва ҷавобҳои кроссворд:**

1. Атмосфера табақаи ҳавоиест, ки чиро иҳота кардааст? **(Замин)**
2. Манбаи асосии гармшавии сатҳи Замин чӣ аст? **(нурҳои Офтоб)**
3. Радифҳои махсуси метеорологии Русия чӣ ном дорад? **(Метеор)**
4. Қабати поёнтарин ва муҳимтарини атмосфера кадом қабат аст? **(тропосфера)**
5. Барои организми инсон кадом газ аҳамияти калон дорад? **(оксиген)**
6. Ранги атмосфера чӣ гуна аст? **(шаффоф)**
7. Атмосфера Заминро аз афтидани чӣ муҳофизат мекунад? **(метеорит)**
8. Таркиби ҳаворо аз ҳама зиёд кадом элемент ташкил медиҳад? **(Нитроген)**
9. Атмосфера барои Замин монанди чист? **(Сипар)**

**3. Истифода аз усули "Харитаи баромад":**

1. Чиро омӯхтед?
2. Чӣ ба Шумо маъқул шуд?
3. Шумо ба кадом саволҳо ҷавоб наёфтед?
4. Инро дар амал чӣ тавр истифода мебаред?

**VI. Ҷамъбаст ва хулосаи дарс. Баҳогузорӣ**

Дар охир шумораи нишонаҳои гурӯҳҳо ҳисоб карда шуда, кадом гурӯҳ дорои нишонаи зиёд гардида бошад, ҳамон гурӯҳ ғолиб эълон мегардад. Ба хонандагони фаъол алоҳида баҳо гузошта мешавад.

**VII. Вазифаи хонагӣ:**

§41. §42. Хондани саҳифаҳои 150 -157.

Иҷрои супоришҳо дар дафтар (саҳ 150, саҳ 153), ки дар интиҳои мавзуи ҷории китоби дарсӣ пешкаш кардааст.

**Мавзуъ: "Геосфера (Қабатҳои Замин). Литосфера. Қабатҳои литосфера"**

Дарси навбатӣ бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019 – 2021)" гузаронида мешавад.

Хонандагони синф ба 4 гурӯҳ тақсим карда шуда, ба ҳар яки онҳо номгузорӣ карда мешавад:

**Истгоҳи "Шиносоӣ". Ҳар як гурӯҳ худро муаррифӣ менамояд.**

Гурӯҳи аввал Атмосфера

Гурӯҳи дуввум Биосфера

Гурӯҳи саввум Гидросфера

Гурӯҳи чорум Литосфера

**Рафти дарс: Истгоҳи "Доноякон"**

Зинаи аввали кори гурӯҳӣ–пурсиш: хонандагонро ба гурӯҳҳои 6 нафарӣ тақсим намуда, баҳри такрори «Донишҳои асосӣ» саволҳо дар варақаҳои алоҳида ва тестҳо пешкаш карда мешавад. То он даме, ки хонандагон ба супоришҳои тестӣ ва варақаҳо омода мешаванд, мо бо боқимонда хонандагон ба истгоҳи дигар меравем.

**Истгоҳи "Зиракон".**

Дар ин истгоҳ мо зиракии хонандагонро месанҷем. Аз ҳар як гурӯҳ дар тахтаи синф баромада ҷадвалҳои зеринро пур мекунанд.

Кластер дар мавзӯи "Манзумаи Хуршед".

Диаграммаи Венн. Дар он Замин ва Моҳ, хусусиятҳои монандии онҳоро муайян карда мешавад.

Диаграммаи Венн




Блитс – пурсиш:

Саволу ҷавоб бо дигар хонандагон. Бо истифода аз аёнияти дастисоз “Саволҳои географӣ” (дар дохили гулҳо саволҳо навишта шудааст). Баъди он **“Лаҳзаи дамгирӣ”** гузаронида мешавад.

Муаллима:Хонандагон сарҳои худро ба тарафҳои уфуқ менигаронем.

Ба тарафи боло – Шимол

Ба тарафи поён – Ҷануб

Ба тарафи рост – Шарқ

Ба тарафи чап – Ғарб

Инчунин барои ором кардани чашмҳо, монанди сайёраҳо, ки дар гирди Офтоб давр мезананд, мо ҳам чашмҳоямонро давр мезанонем. Лаҳзаи дамгирӣ ба охир расид. Рафтем ба истгоҳи дигар.

Супоришҳо аз назар гузаронида, ҷамъбаст карда мешавад.

Мақсади мавзӯи нав бо хонандагон муҳокима карда мешавад.

**Истгоҳи “Геосфера”.**

Мавзӯи нав бо тариқи масъалагузорӣ оғоз гардид. Ба талабагон **саволи проблемавӣ** гузошта мешавад:

4. “Сайёраҳо аз абри азими газу чанг ва хунуки дар атрофи Офтоб пеш аз он мавҷудбуда пайдо шудаанд...” – сухан дар бораи чӣ меравад?
5. Дар ибтидо Замин чӣ хел буд?
6. Шакли Замин чӣ гуна аст?

Мавзӯи нав ба таври систематикӣ фаҳмонида шуда, бо ҳамиштирокии хонандагон ва омӯзгор гузаронида мешавад.

- Ҳама гуна ҷисм ё ҳодисаро ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин

- Фаҳмишҳо он ки системаҳо аз қисмҳо иборатанд, имконият медиҳад:
  - ☑ бидонем, ки олам якхела нест
  - ☑ системаро омӯзем ва ҳар як қисмати онро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем
  - ☑ бифаҳмем, ки як система аз дигараш чӣ фарқ дорад




**Арзёбии хонандагон. Истгоҳи “Назариявӣ”.**

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ
4. Истифода аз кроссворд

**Кроссворд**

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Г | | | | | | | | | |
| | | | | | | Е | | | | | | | | | |
| | | | | | | О | | | | | | | | | |
| | | | | | | С | | | | | | | | | |
| | | | | | | Ф | | | | | | | | | |
| | | | | | | Е | | | | | | | | | |
| | | | | | | Р | | | | | | | | | |
| | | | | | | А | | | | | | | | | |

Савол ва ҷавобҳои кроссворд:

10.Қабати обии Заминро чӣ меноманд? (Гидросфера)

11.Қабати ҳавоии Заминро гӯед. (Атмосфера)

12. Аёнияте, ки аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад, инчунин курашаклии Заминро ифода менамояд? (Глобус)
13. Вақтеро, ки Замин дар атрофи Офтоб як маротиба давр мезанад, чист? (Сол)
14. Як қисми атмосфера, литосфера ва тамоми гидросфераро дарбар мегирад? (Биосфера)
15. Илмест, ки сатҳи Заминро меомӯзад? (География)
16. Вароқи рустании папирус? (Харита)
17. Сайёрае, ки дар он ҷо ҳаёт мавҷуд аст? (Замин)

**Истгоҳи "Ин аҷоиб аст".**

Дар охир, аз ҳар як гурӯҳ як нафарӣ хонандагон маълумоти шавқовар дар бораи география баён мекунанд:

1. Новобаста ба таърихи тӯлонӣ доштан, калимаи "география" дар забони русӣ фақат соли 1653 пайдо шудааст.

2. Материки Австралия соли 1644 аз тарафи баҳрнаварди ҳоландӣ Абел Тасман кашф шуда, аз ҷониби ҳукуматдорони ҳоландӣ зиёда аз 100 сол махфӣ нигоҳ дошта шуда буд

3. Муаллифи харитаи аввалин олими Юнони қадим Анаксимандр (асри 6 то милод) ҳисобида мешавад.

1. Мафҳуми "ҳафта" таърихи тӯлонӣ дорад. Се ҳазор сол пештар ба бобулистониҳои қадим ҳамагӣ 5 сайёра ва Офтобу Моҳ маълум буданд. Онҳо ба ҳар як ҷисми кайҳонӣ як рӯзро бахшида буданд, ки дар натиҷа ҳафта пайдо шуда, рақами ҳафт муқаддас ҳисобида мешуд.

Ҳангоми гузаштани дарсҳои география бо усули муаррифӣ дар хонандагон якчанд салоҳиятҳоро пайдо мекунонад. Аз ҷумла тафаккури интиқодӣ якҷоя дар гурӯҳҳо кор мекунанд; ҳамкорӣ муаррифии кутоҳро омода мекунанд; эҷодкорӣ ақидаҳои худро ба дигарон муаррифӣ мекунанд; коммуникативӣ сабабҳои асосии аз обшавии пиряххоро номбар мекунанд.

**Мавзуъ: "Иқлими Авруосиё" дар синфи 7**

**I. Салоҳиятҳо:**

- Сарчашмаҳои маълумоти географияро барои иҷрои амалҳои гуногуни таълимӣ истифода мебарад;
- Маълумотро оид ба табиати материкҳо ва уқёнусҳо муқоиса мекунад;
- Таъсири хоҷагии халқи мамлакатҳои алоҳидаро ба табиати материку уқёнусҳо ва табақаи географӣ шарҳ медиҳад.

**II. Мақсади дарс:**

**Таълимӣ:**

- омилҳои иқлимҳосилкунанда ва минтақаҳои иқлимии материки Авруосиёро номбар мекунад;
- хусусияти ҳар кадом минтақаи иқлимии материк ва типо иқлими онро шарҳ медиҳад;
- оид ба нуқтаҳои камбориш, сербориш, гармтарин ва хунуктарини материк маълумот медиҳад;
- таъсири омилҳои иқлимро ба фаъолияти хоҷагидории аҳолии материк мефаҳмонад;
- аз харитаи иқлимии материк истифода бурда метавонад.

**Тарбиявӣ:**

Дар хонандагон баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ бо воситаи муайян намудани иқлими ба худ хос доштаи Тоҷикистони биҳиштосо.

**III. Аёниятҳои истифодашаванда:**

- харитаи табиӣ ва иқлимии материки Авруосиё;
- кроссвордҳо;
- нақшаҳои бозиҳои географӣ;
- нақшаи баромад;
- атласи географии синфи 6.

**Методи дарс** 1 . Шифоҳӣ (сӯҳбат, нақл).
2. Аёнӣ (харита, воситаи техникӣ, аёниятҳо).
3. Омӯзиши проблемавӣ.
4. Лексияи хурд.
5. Кори гурӯҳӣ.
6. Усули фаъоли таълим.

**Равиши дарс:**

1. **Ташкили дарс:**
   1. Одоби салом, ҳолати синф, китобу дафтар ва сару либос.
   2. Гуфторҳо дар бораи география.
   3. Муждаи навбатдор.
   4. Қайди хонандагони дар дарс иштирок надошта.

Дарси имрӯза бо усули фаъоли таълим гузаронида мешавад. Хонандагон ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шуда, ба гурӯҳҳо номгузорӣ карда мешавад. Сардорон гурӯҳ ва эмблемаи омода намудаи худро муаррифӣ мекунанд:

2. **Пурсиши вазифаи хонагӣ.**

- гурӯҳи якум оид ба мавқеи географии материки Авруосиё маълумот медиҳад;
- гурӯҳи дуюм оид ба релефи материки Авруосиё маълумот медиҳад;

- гурӯҳи сеюм оид ба “Обҳои дохилии Авруосиё” маълумот медиҳад.

Инчунин хонандагон бо навбат дар гурӯҳҳо чунин супоришҳоро иҷро мекунанд:

**Методи “Геозанҷир”**

Бозии геозанҷир чунин намуди бозӣ аст, ки номҳои географии як минтақа бо ҳарфи охирин ба дигар номи объекти географии ҳамон минтақа пайваст карда мешавад. масалан: “Материки Авруосиё”

Алп + Помир + Руб-эл-хали + Иртиш + Шри – Ланка+ Анадир + Россия +Янсзи + Иссиқ кӯл + Лаптевҳо + Обь.

**Методи “Кӣ закӣ”**

Бозии мазкур бо як гурӯҳи хонандагон баргузор мегардад, шарти он дар он аст, ки хонандагон як мавзӯъро интихоб мекунанд ва хонандаи якум як номи географиро мегӯяд, хонандаи дуюм бошад номи географии хонандаи якумро ҳам мегӯяд ва баъдан худ низ дигар номи географиро қайд мекунад – ин амал бо ҳамаи хонандагон гузаронида мешавад ва дар охир он хонанда закӣ ҳисобида мешавад, ки ҳамаи номҳои географии хонандагони дигарро бехато баён намояд, масалан: “Обҳои дохилии Авруосиё”

1.Арал

2.Арал – Каспий

3. Арал – Каспий – Байкал

4. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш

5. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш – Лена

6. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш – Лена – Об

7. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш – Лена - Об – Дунай

8. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш – Лена - Об – Дунай - Волга

9. Арал –Каспий – Байкал – Балхаш – Лена - Об–Дунай–Волга-Иртиш

10. Арал –Каспий –Байкал - Балхаш – Лена-Об–Дунай–Волга-Иртиш- Янсизи.

**Методи “Номҳои географӣ” оид ба “Материки Авруосиё”**

- Урал – кӯҳ
- Байкал – кӯл
- Енисей – дарё
- Карпат – кӯҳ
- Эверест- қулла
- Форс – халиҷ
- Осиёи хурд – нимҷазира
- Арал – баҳр

- Ҳимолой – қаторкӯҳ ва монанди инҳо.

То он даме, ки мо бо гурӯҳҳо супоришҳоро иҷро мекунем, дар тахтаи синф 2 нафар аз ҳар гурӯҳ хонандагон диаграммаи Венн ва кластерро иҷро мекунанд.

Диаграммаи Венн – усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии ягон объекти географӣ истифода барад. Талабагон монандӣ, фарқ ва муқоисаро дар дафтари худ ё лавҳаи синф менависанд.

**“Кластер”**

Кластер усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзуъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзуъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд. Маънои кластер «хӯша», «шохча» аст.

**“Куб”**

Бо гурӯҳи сеюм бозии “Куб” гузаронида мешавад. Бозии куб ба шакли геометрии “Куб”-и сохташуда, дар ҳар тарафи он саволҳо гузошта шудааст. Ба ҳар як нафари хонандагон онро давр занонда саволҳо дода мешавад.

3. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзӯи нав

Супоришҳо ҷамъбаст карда мешаванд.

Мақсади мавзӯи нав бо хонандагон муҳокима карда мешавад.

Ба талабагон саволи проблемавӣ гузошта мешавад:

Вобастагии тағйирёбии иқлим ба проблемаи глобалии замони имрӯза чӣ гуна аст?

Иқлими материки Авруосиё



4. **Матни мухтасари лексияи омӯзгор.**

Мавзӯи нав ба тариқи муаррифӣ фаҳмонида мешавад. Ба хонандагон нақшаи дарс баён мегардад.

5. **Мустаҳкамкунии мазӯи нав.**

Хонандагон оид ба фаҳмиши худ дар баёни мавзӯи нав ва он чизе, ки аз мавзӯи нав гирифтанд, дар худ таҳлил намуда, хулосаи худро дар "Харитаи баромад" баён менамоянд, то барои омӯзгор маълум гардад, ки ба мақсади дар аввали дарс гузоштааш ноил гардид ё не. Инчунин агар дар хонандагон оид ба мавзӯи нав савол пайдо гардад, пас аз ин харита метавонанд ошкор созанд.

**Саволҳо барои харитаи баромад:**

- Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Барои ҳалли мушкилот чӣ/кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Кадом фаъолият ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?
- Донишҳои ба даст овардаатонро дар куҷо истифода бурда метавонед?

**"Харитаи баромад"**

| ХАРИТАИ БАРОМАД | | |
|---|---|---|
| МАН ФАҲМИДАМ | БА МАН МАЪҚУЛ ШУД | ЯК САВОЛ ДОРАМ |
| | | |
| | | |

Арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон:

Муайян намудани меъёри баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон яке аз шаклҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми баҳо додан ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон аз фанни география чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:

- мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;
- дараҷаи фаҳмиши хонанда;
- тарзи баён;
- барои тасдиқи фикри гуфташуда мисолҳо овардан;
- риояи меъёри забони адабӣ дар вақти ҷавоб додан;
- аз дарсҳои гузашта бохабар будан, барномаи таълимиро аз худ кардан;

- дар вақти ҷавоб худро озод ҳис карда тавонистан;
- фикри худро тасдиқ карда тавонистан, дар мубоҳисаи мавзуъ иштирок намудан.

**Супориши вазифаи хонагӣ:**

- Бо истифода аз харита, атлас ва дигар сарчашмаҳои маълумот муайян кунед, ки Тоҷикистон дар кадом қисми материк ҷойгир шудааст ва ба кадом минтақаҳои иқлимӣ дохил мешавад. Иҷрои супоришҳо дар дафтар.

## 2.3 Мониторинг ва ташхиси инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути истифодабарии Microsoft Power Point дар раванди таълим

Дар боби якум аҳамияти назарияии инкишофи шавқи маърифатӣ ва нақши воситаҳои аудиовизуалӣ асоснок гашта буд. Барои тасдиқи фарзия дар бораи истифодабарии воситаҳои аудиовизуалӣ дар дарсҳо корҳои таҷрибавӣ гузаронида шуданд.

Мақсади кори таҷрибавӣ: муайян кардани самаранокии истифодабарии муаррифиҳои бисёррасонаӣ барои рушди мароқзоҳиркунӣ ба маърифат дар дарсҳои «География» мебошад.

Вазифаҳои кори таҷрибавӣ:

1. Гузаронидани ташхис (диагностика) - и сатҳи аввали мароқзоҳиркунии маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ;

2. Дар низоми дарсҳо бо истифодаи Microsoft Power Point дар синфи таҷрибавӣ ва гузаронидани диагностикаи такрорӣ барои муайян кардани сатҳи инкишофи мароқзоҳиркунии маърифатӣ;

3. Гузаронидани таҳлил ва баҳогузорӣ ба натиҷаи корҳои таҷрибавӣ.

Таҳқиқот дар пойгаҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва «Гимназияи № 24» -и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд гузаронида шуд. Дар таҷриба хонандагони синфҳои 6 «а», 6 «в»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонандагони синфҳои 6 «б» ва 6 «г»-и гимназия иштирок карданд. Шарти муҳими гузаронидани таҷрибаи амалӣ – сатҳи бо ҳамдигар баробари хонандагони таҳқиқшаванда мебошад. Миқдори

хонандагон дар гурӯҳҳои таълимии 6 «а», 6 «б» - 60 нафар, 6 «в», 6 «г» 47 нафар. Миқдори умумии иштироккунандагони таҷриба 107 нафар.

Гурӯҳи 6 «а», 6 «б» ҳамчун гурӯҳи санҷишӣ муаррифӣ гаштанд, ки дар онҳо дарсҳо аз рӯи барномаи муқарраршуда баргузор мегардиданд, гурӯҳҳои 6 «в» ва 6 «г» - гурӯҳҳои таҷрибавӣ, яъне дар онҳо таълим бо истифодаи муаррифиҳои бисёррасонаӣ гузаронида шуданд.

Дар мувофиқа бо мақсадҳои гузошташуда ва ҳадафу вазифаҳо таҷриба дар се марҳала гузаронида шуд:

Марҳалаи I: Дар ин марҳала чунин вазифа гузошта шуда буд – донистани дараҷаи аввалаи инкишофи шавқ ба маърифат дар хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ. Агар сатҳи инкишофи шавқ ба маърифат дар синфҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ тахминан дар сатҳи якхела қарор дошта бошад, пас шарти асосии гузаронидани таҷриба ба ҷо оварда мешавад.

Ба хонандагон варақаи пурсишнома тақсим карда дода шуд. Мақсад аз он инҳо буданд: донистани самтнокӣ, устуворӣ, жарфияти шавқ ба маърифат, хусусияти ҳавасмандгардонии раванди маърифат, сатҳи фаъолнокӣ ва мустақилияти бачагон ҳамчун критерияҳои инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат. Дар вақти интихоби меъёр (критерия) -ҳо методикаи таҳқиқи шавқи маърифатӣ, ки Е.А. Кувалдина пешниҳод кардааст, истифода гардид.

Дар мувофиқа бо меъёр (критерия) - ҳо саволҳо тартиб дода шуданд, ки онҳо хусусиятҳои меъёр (критерия) - ҳоро дар шакли тасдиқкунӣ ифода мекарданд. Масалан, агар хусусияти меъёр (критерия) шавқи сатҳӣ ба далелҳои ҷаззоб ва зуҳурот бошад, пас вазифаи саволнома чунин тартиб дода шуда буд – ман ба далелҳо, зуҳурот ва падидаҳо мароқ дорам.

Маълумоти баъди коркарди пурсишномаҳо бавуҷудомадаро дар ҷадвалҳои 2.1. ва 2.2. гузоштан мумкин аст.

Ҷадвали 2.1.

**Сатҳи инкишофи шавқ ба маърифат дар хонандагони синфҳои 6 «а» ва 6 «б» ҳангоми дарсҳо бо истифодаи муаррифиҳои Microsoft Power Point (ташхис (диагностика) - и ибтидоӣ)**

| **Сатҳи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат** | **Синфи 6«в»** | | **Синфи 6 «г»** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Миқдори Хонандагон** | **%** | **Миқдори хонандагон** | **%** |
| 1.Паст | 5 наф. | 22 % | 5 наф. | 21% |
| 2.Миёна | 11 наф. | 48 % | 12 наф. | 50 % |
| 3.Баланд | 6 наф. | 26 % | 6 наф. | 25 % |
| 4.Хеле баланд | 1 наф. | 4 % | 1 наф. | 4 % |
| **Ҳамагӣ:** | **23 наф.** | **100 %** | **24 наф.** | **100 %** |

Ҷадвали 2.2.

**Сатҳи инкишофи шавқ ба маърифат дар хонандагони гуруҳҳои 6 «а», 6 «б» ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо истифодаи муаррифии Microsoft Power Point (ташхиси ибтидоӣ)**

| **Сатҳи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат** | **6 «а»** | | **6 «б»** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Миқдори хонандагон** | **%** | **Миқдори хонандагон** | **%** |
| 1.Паст | 8 наф. | 26 % | 8 наф. | 24 % |
| 2.Миёна | 10 наф. | 43 % | 12 наф. | 47 % |
| 3.Баланд | 8 наф. | 26 % | 8 наф. | 24 % |
| 4.Хеле баланд | 3 наф. | 5 % | 3 наф. | 5 % |
| **Ҳамагӣ:** | **29 наф.** | **100 %** | **31 наф.** | **100 %** |

Натиҷаҳои дар ҷадвал нишондодашуда шаҳодат медиҳанд, ки дар синфҳое, ки дар таҷриба иштирок мекунанд, воқеан дар сатҳи тахминан якхела инкишоф қарор дошта, мутаносибан аз рӯи фисаднокӣ сатҳи мароқзоҳиркунӣ ба маърифаташон монанд мебошанд.

Дар марҳилаи II корҳои мақсаднок барои боло бардоштани сатҳи шавқ ба маърифати хонандагон ва диагностикаи такрорӣ гузаронида шуд. Барои баҳогузорӣ кардан ба сатҳи самаранокии муаррифиҳои бисёррасонаӣ маҷмӯи машғулиятҳо гузаронида шуданд. Баъдан диагностикаи такрорӣ бо истифодаи барномаи диагностики омӯзиши сатҳи инкишофи шавқи маърифатии хонандагон гузаронида шуд. Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки сатҳи инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат, самаранокии корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо хонандагон, муайян карддани натиҷаҳои

бадастомадаи кори кардашуда, чен кардани онҳо, ошкор кардани динамикаи тағйироти баамаломада мақсаднок омӯхта шавад. Вазифаҳо бо ҳамон принсипи диагностикаи авалия гузаронида шуда, шаклгирии нишондиҳанда ба асос гирифта шудааст.

Маълумоти баъди коркарди пурсишномаҳо бадастомада дар диаграмаҳои зерини 2.1., 2.2., 2.3., 2.4. ва 2.5. нишон дода шудааст.

Сатҳи инкишофи шавқ ба маърифат дар хонандагони синфҳои 6 «а» ва 6 «б» истифодаи муаррифии Microsoft Power Point (ташхиси хотимавӣ).




**Диаграммаи 2.1. 6 «А» санҷишӣ**




**Диаграммаи 2.2. 6 «Б» таҷрибавӣ**

Сатҳи инкишофи шавқ ба маърифат дар гуруҳи хонандагони 6 «в» ва 6 «г» ҳангоми дар дарсҳо истифода бурдани муаррифиҳои Microsoft Power Point (диагностикаи хотимавӣ)

Диаграммаи 2.3 Гуруҳи 6 «в» санҷишӣ




**Диаграммаи 2.3 Гуруҳи 6 «в» санҷишӣ**




**Диаграммаи 2.4 Гуруҳи 6 «г» озмоишӣ**

Дар марҳилаи III: дар ин марҳала таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо хонандагон барои муайян кардани сатҳи инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат гузаронида шуда, хулосаҳо шакл гирифтанд.

Корҳои гузаронидашуда бар абас нарафтанд, дар хонандагон мароқзоҳиркунӣ ба донишҳо, болоравии мароқзоҳиркунӣ ба маърифат (устуворӣ, жарфияти мароқзоҳиркунии маърифатӣ, сатҳи фаъолнокӣ ва мустақилияти бачагон барои гирифтани дониш), васеъ гаштани ҷаҳонбинии хонандагон ба вуҷуд омад. Мақсади кори таҷрибавӣ – муайян кардани самаранокии истифодабарии муаррифиҳои бисёррасонаӣ барои инкишофи шавқ ба маърифат дар курсҳои дарси «географияи табиӣ» - ба даст оварда шуд. Фарзияи корҳои таҳқиқотӣ исбот гардид, ки он ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои корҳои амалӣ-таҷрибавӣ барало ба назар мерасанд. Албатта, инкишофи сатҳи мароқзоҳиркунии маърифатӣ аз ин ҳам баландтар мегардид, агар муаррифиҳои бисёррасонаӣ дар дарсҳо мунтазам, системанок ва ба таври комплексӣ ва на гоҳ-гоҳ истифода гарданд

## 2.4 Самаранокии истифодабарии воситаҳои бисёррасонаӣ барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар дарсҳои география

Гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ ба асосноккунии назариявӣ ва татбиқи низоми педагогии инкишофи шавқи маърифат дар асоси истифодабарии телекоммуникатсия ва санҷидани самаранокии он нигаронида шуда буд. Дар раванди корҳои таҷрибавӣ-амалӣ шароити дидактикӣ, ки ба ташаккул ва инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ ошкор гардиданд.

Ҳамчун фарзияи корӣ мо тахминҳои зеринро пешниҳод кардем:

–муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ ҳамчун қисми таркибии раванди таълим метавонад, ки воситаи самараноки ташаккул ва инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифати хонандагон гардад, дар ин ҳолат ҳавасмандгардонии асосӣ нав будани муҳтаво ва шакл мебошад;

–самаранокии истифодабарии воситаҳои телекоммуникатсионӣ дар раванди таълим ба сатҳи омодагии техникӣ ва методии муаллим, рушди касбияти педагог вобаста аст;

– истифодабарии технологияҳои нав дар раванди таълим раванли инфиродишавӣ ва дифференсиатсияи таълимро таъмин мекунад.

Ҳамагӣ дар таҳқиқоти таҷрибавӣ 46 нафар хонандагони мактаби Президентии болаёқати шаҳри Бӯстон ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 ба номи Нурулло Ҳувайдуллоеви шаҳри Гулистон иштирок карданд, ки аз онҳо 24 нафар ба гурӯҳи таҷрибавӣ ва 22 нафар ба гурӯҳи санҷишӣ шомил буданд. Таълим дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ амалӣ гардид; шароити психологӣ педагогии гузаронидани таҷриба: таъсиррасонии низомноки педагогӣ аз ҷониби педагог, мутобиқати муҳтавои маводи омӯхташаванда дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ муайян гардиданд.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ дар се марҳила гузаронида шуданд:

– ташхискунанда, ки ба он мушоҳида ва гузаронидани пурсишнома дохил мешаванд;

– шаклдиҳанда, бо истифодаи комплекси методҳо ва руйкардҳо барои ташаккули шавқи маърифатӣ дар омӯзиши география;

– санҷишӣ (назоратӣ), ки коркарди омории натиҷаҳоро фаро мегирад.

Дар марҳилаи якуми таҳқиқоти таҷрибавӣ (ташхисӣ) таҳлили адабиёт оид ба мавзӯи таҳқиқот ва санадҳои меъёрӣ гузаронида шуданд; моҳияти психологӣ-педагогии шавқ ба маърифат дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ муайян гардид. Дар ин марҳила муносибати пурсидашудагон ба муассисаи таълимӣ, ба география ҳамчун фанни таълимӣ, ба дарсҳо, ба вазифаи хонагӣ ошкор карда шуданд, ки онҳо имкон фароҳам оварданд, то манзараи аниқи муносибати хонандагон ба таҳсил ба таври пурра инъикос гардад. Саволҳои пурсишнома дар замимаи C оварда шудааст. Сабабҳои муносибати мусбат ва хамчунин муносибати манфии хонандагон ба география ба қадри имкон дар ҷавобҳои хонандагон ифода гаштаанд. Ҷадвали қиёсии ҷавобҳои хонандагон дар замимаи D оварда шудааст. Натиҷаҳои ташхисии таҷриба ба таври графикӣ дар расмҳои 1,2,3,4 оварда шудаанд.




Ҷавобҳо ба саволи: «Тарзи ташкили раванди таълим »

Рас. 1. Ҷавобҳо ба саволи: «Тарзи ташкили раванди таълим дар муассисаи таълимии Шумо чӣ гуна аст?

Саволи асосӣ, ки муносибати хонандагонро ба таҳсил муайян мекунад, дар бораи муносибати пурсидашудагон ба география ҳамчун ба фанни таълимӣ аст.




Ҷавобҳо ба саволи: «Тарзи ташкили раванди таълим »

Рас. 2. Ҷавобҳо ба саволи: «Технологияи гузаронидани дарси география ба Шумо писанд аст?»

Сабабҳои афзалиятноки муносибат ба фанни зикршуда мутобиқи ҷадвали 3 инҳоянд: дарсдиҳӣ ва ба осонӣ аз худ кардани фан.

**Таблитсаи 3. Сабабҳои афзалиятдиҳии муносибати мусбат ба таҳсил**

| Варианти ҷавобҳо | Гуруҳи таҷрибавӣ | Гуруҳи санҷишӣ |
|---|---|---|
| Ҳамчун фан маъқул аст | 9 нафар | 8 нафар |
| Муаллим маъқул аст | 3 нафар | 4 нафар |
| Вазифа ба осонӣ иҷро мешавад | 5 нафар | 4 нафар |
| Фаҳмиданаш осон аст | 7 нафар | 6 нафар |
| | 24 нафар | 22 нафар |

Нуқтаҳои баландтарини муносибати мусбат ба география дар гуруҳҳои таҳқиқшавандаро омилҳои зерин чун муҳтавои илмии фан ва сатҳи таълими

он, яъне ҳавасмандгардонии асосии ташаккули шавқ ба маърифат, ҳалли масъалаҳои маърифатӣ аз тарафи хонандагон ҳамчун омили муҳими инкишофи мароқ ба фан баҳогузорӣ нагаштааст. Омили «Омӯхтан осон аст» аз тарафи панҷ нафар хонандаи гурӯҳи таҷрибавӣ (37,5%) ва нисбатан кам (4) хонандаи синфи санҷишӣ (36,3%).




Рас. 3. Ҷавобҳо ба саволи: «Чаро география ба Шумо маъқул аст?»

Омилҳои ифодакунандаи муносибати манфӣ ба фанни таълимӣ дар ҳарду гурӯҳ қариб якхела аст. Ҷавобҳои асосӣ: 1 – «дарсгузарии ғайришавқовар»; 2 – «Зарурияти омӯхтани ин фанро намефаҳмам»; 3 – «Мушкил аст»; 4 – «Вазифаҳои ин фанро иҷро кардан ба ман маъқул нест».




Рас. 4. Ҷавобҳо ба саволи: «Чаро география ба Шумо маъқул нест?»

Аз ҳама муҳим он аст, ки омилҳои муносибати манфӣ ба фан дар ҳарду гуруҳ ҳамсонанд, ки инҳо мебошанд омили шавқовар нагузаштани дарс ва нофаҳмо будани зарурияти аз худ кардани ин фан, қаноатманд набудан аз раванди иҷрои вазифаи хонагӣ аз ин фан. Қариб 2/3 хонандагон муносибати манфии худро ба мушкилии азхудкунии фан ва нафаҳмидани муҳтавои таълимӣ медонанд. Қисмати ками хонандагон сабаби муносибати манфии худро ба муҳтавои он, мукаммал набудани китобҳои дарсӣ ва муносибат ба вазифаи хонагӣ медонанд. Натиҷаи таҷрибаҳои ташхисӣ шоҳиданд, ки ҳангоми истифодаи шакл ва методҳои таълими анъанавӣ на ҳама вақт шавқ ба маърифат инкишоф меёбад.

Қувваи таъсири шавқ ба маърифат барои ташаккули шахсияти наврасро ба ҳадди зарурӣ устувории шавқ, ки имконияти чуқур омӯхтан дар муддати дурударозро дорад, муайян мекунад. Муқоисаи натиҷаҳои омӯзиши шавқи хонандагони синфҳои гуногун имкон медиҳад, ки аз як тараф шароити умумӣ, муайянкунандаи зоҳиршавӣ ва инкишофи шавқ ба маърифат дида шавад, аз тарафи дигар таъсирҳои мушаххас, ки барои шаклгирии онҳо мусоидат мекунанд, ба назар расанд. Аз ин рӯ, барои мо ҳамон қисмати саволҳо, ки нисбати муносибати хонандагон ба таҳсил буд, аҳамиятнок

ба шумор мерафт. Аз рӯи хусусияти зоҳиршавии мароқзоҳиркунӣ ба маърифат дар раванди таълими фан мо се дараҷа инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифатро ҷудо кардем. 1 – дараҷаи паст, 2 – миёна ва 3 – дараҷаи баланд. Чун, дар хонандагоне, ки сатҳи инкишофи шавқашон ба дарсҳо муваққатӣ аст, ба кори дигар машғул шудан, таваҷҷуҳ ба вазифаҳои хусусияти репродуктивидошта бо амалҳои стереотипӣ аст. Хонандагон бо дараҷаи миёнаи инкишофи шавқ ба маърифат ба фаъолияти хусусияти ҷустуҷӯидошта таваҷҷуҳ мекунанд, аммо на ҳама вақт барои иҷрои вазифаҳои эҷодӣ, мустақилона иҷро кардани онҳо хусусияти лаҳзаина дошта, ба ҳавасмандии беруна вобаста аст. Хонандагони дорои сатҳи баланди инкишофи шавқ бо мустақилӣ, иштироки фаъолона дар дарс, таваҷҷуҳ доштан ба корҳои таълимии мушкилтар фарқ мекунанд.

Вазифаи мо ташаккули шавқ ба маърифат, баровардани хонандагони сатҳи паст ба сатҳи миёна ва баъдан ба сатҳи олии инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат.

Дар марҳилаи дуюми таҳқиқоти таҷрибавӣ (шаклгиранда) интихоби методҳо амалӣ мегардад, моделҳои нави машғулият дар муҳити телекоммуникатсионии таълим коркард мешавад.

Таҷрибаи омӯзанда барои баҳисобгирии як қатор шартҳои психологӣ-педагогӣ: барои ба раванди таълим ворид кардани маҷмӯи саволҳо, вазифаҳои проблемавӣ, вазифаҳои эҷодӣ ва ҳолатҳо дар доираи телевикторинаи географӣ, бозиҳои кори компютерӣ ва тестгузаронии компютерӣ. Системаи телекоммуникатсионии коркардкардашуда ҳамроҳ бо самти образдиҳӣ барои ба даст овардани матлабҳои иттилоотие, ки раванди инкишофдиҳандаи шавқи маърифатии хонандагон мебошад, равона гаштааст. Таҷрибаи асосӣ ҳамчун ташхисшаванда ба нақша гирифта шуда буд. Ноил гардидан ба мақсадҳо дар он тавассути муқоисаи сатҳи дониш ва малакаи ҳамон таҷрибашавандагон дар оғоз ва дар охири таҷриба мебошад. Дар ин марҳала сатҳи ибтидоӣ ва нишондиҳандагони ташаккули шавқ ба маърифати хонандагон шакл гирифта, динамикаи инкишофро инъикос

мекунад. Дар рафти таҳқиқот шартҳо ва воситаҳои асосӣ, ки барои инкишофи шавқ ба маърифати хонандагон мусоидат мекунанд, аз лиҳози назариявӣ маҳсулоти маҷмӯии барномавӣ барои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ – викторинаҳои телекоммуникатсионӣ, тестгузаронии компютерӣ, бозиҳои тақлидии кори компютерӣ, телеконференсияҳо, таҳсилоти фосилавӣ асоснок гардиданд. Дар низоми таълим телекоммуникатсияҳо дар 4 шакли асосӣ истифода мегарданд: алоқаи фаврӣ, мукотибот; лоиҳаҳои таълимӣ ва эҷодӣ; конференсияҳо; омӯзиши фосилавӣ, машваратҳо. Аз шаклҳои дар боло номбаршуда дутои аввалро истифода кардем: мукотибот ва лоиҳаҳои эҷодӣ. Ба он табодули хабарии инфиродӣ; мукотиботи озод, синфи глобалӣ, табодули иттилоот, иштирок дар олимпиадаи телекоммуникатсионӣ, иштирок дар викторинаи телекоммуникатсионӣ дохил мешуданд. Дар асоси таҳлили таҷриба сохтори воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва рӯйкардҳои методӣ, ки ба инкишофи мароқзоҳиркунӣ ба маърифат ва потенсиали эҷодии хонандагон таъсиррасон дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ коркард гаштанд.




Рас. 5. Сохтори воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва рӯйкардҳои методӣ

Хонандагон инчунин дар олимпиадаи телекоммуникатсионӣ доир ба география иштирок карданд (замимаи Е).

Дар марҳилаи I – и олимпиада ошкор шуд, ки танҳо 47% хонандагон барои гирифтани донишҳои нав иштирок мекунанд. Аммо, баъди ба поён

расидани олимпиада чунин гашт, ки 73% пурсидашудагон чунин меҳисобанд, ки донишҳои навро гирифтаанд ва истифодабарии телекоммуникатсияро дар раванди таълим самаранок мешуморанд. Барои ба вуҷуд омадани чунин тағйироти позитивии муносибат ба фанни таълииро омилҳое, ки асосҳои ҳавасмандгардонӣ ба шаклгирии мароқзоҳиркунӣ ба маърифат мебошанд, мусоидат мекунанд. Омили навгонӣ ҳам барои гузаронилани чунин олимпиадаҳо аҳамияти кам надоранд. Ба саволи пурсишнома – «Оё Шумо боз дар чунин лоиҳаҳо иштирок кардан мехоҳед?» 87% пурсидашудагон ҷавоби тасдиқкунанда доданд.

Бо сенарияҳои пешниҳодгардида хонандагон ба бозиҳои виртуалӣ иштирок карданд. Аз ҷониби мо сенарияи бозӣ бо номи «Ҷазира» барои 25 дақиқа пешниҳод гашт. Мақсади бозӣ: Сохтани модели вариантҳои нақшаи зиндагии дурударози одамон дар шароити маҳдуди табиӣ буд. Раванди бозӣ бо методи тестӣ мегузарад, баранда саволҳоро медиҳад ва чанд варианти ҷавобро пешниҳод мекунад, ки кадомеро онҳо интихоб мекунанд. Хонандагон ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. Муаллим ҳолатро баён мекунад: Ҳамаи онҳо сокинони як давлатанд, аммо дар натиҷаи офатҳои табиӣ (барҳамхурии ҷангалҳо, биёбоншавии заминҳо, ифлосшавии манбаъҳои оби нӯшокӣ ва фарсудашавии захираҳои табиӣ) давлати онҳо рӯ ьа таназзул овард. Табиат дигар наметавонист, ки аҳолии зуд зиёдшавандаро бо ҳаёт таъмин намояд. Як қисми аҳолӣ маҷбур гашт, ки ба ҷазирае раванд, ки дар он ҷо ҳолати ибтидоии табиӣ нигаҳ дошта шуда буд.

Шарҳи мухтасари ҷазира.

Сеяки ҷазираро ҷангалҳои тропикӣ, ки ҷонварони ваҳшӣ дар он зиндагӣ мекунанд, фаро гирифтааст. Гурбаҳои ёбоӣ, калтакалос, паранда ва дигар ҷонварони хурд мавҷуданд. Сеяки дигари ҷазираро чарогоҳҳои барои парвариши ҷонварон ташкил медиҳанд. Дар ҷануби ҷазира бошад, биёбон ва кӯҳҳои харсангдори калон ҷойгир гаштаанд. Оби нӯшокӣ танҳо дар ду манбаи начандон калон ҳаст. Дар ҷазира зилзила зиёд мешавад.

Саволҳо:

1.Аз чӣ шумо барои худ манзил месозед?

а) аз чӯби дарахт;

б) аз санг.

2. Истиқоматгоҳи худро дар куҷо интихоб мекунед?

а) ҷангалҳоро мебурем ва қисми чарогоҳро аз худ мекунем;

б) биёбонро аз худ мекунем.

3. Дар манзили шумо норасогии гӯшт ба назар мерасад. Шумо:

а) шикор мекунед;

б) ҳайвоноти ваҳширо хонагӣ карда, парвариш мекунед;

в) аз хӯрдани гӯшт парҳез мекунед.

4. Манбаи иловагии гӯшт харгӯшҳо шуда метавонанд. Онҳо худ аз худ зиёд мешаванд ва нигоҳубин карданашон лозим нест. Шумо:

а) онҳоро парвариш мекунед, сар дода, баъд онҳоро медоред;

б) ба ҷазира намеоред.

5. Шумо чарогоҳи мавҷударо истифода бурда, ба чорводорӣ машғул мегардед. Шумо парвариш мекунед:

а) буз, гӯсфанд;

б) гов, асп.

6. Шумо ба деҳқонӣ машғул мешавед:

а) ҷангалҳоро решакан мекунед ва қисми чарогоҳро барои кишт истифода мекунед;

б) биёбонро аз худ мекунед.

7. Дар истиқоматгоҳи Шумо бемории вараҷа пайдо шуд, ки сабабгори он хомӯшакҳои ҷангалҳои тропикӣ мебошанд. Шумо:

а) бо хомӯшакҳо бо истифодаи заҳрҳо мубориза мебаред;

б) ҳеҷ кор намекунед;

в) методи Шумо.

Баъд ба ҳар гуруҳ варақ ва хома дода мешавад, ки онҳо чораҳои муҳимтаринро барои шароити зиндагияшон бо назардошти он ки барояшон зиндагии дурудароз дар ҷазира лозим аст, менависанд. Онҳо бояд тавре

ҳисоб кунанд, ки речаи истифодабарии захираҳои ночиз ба таври оптималӣ бошад, ки ба муддати дурудароз кифоя бошад ва масъалаи банақшагирии аҳолиро фаро гирад.

Муҳокима.

Баъди муҳокима аҳли гурӯҳ ду нафарро барои муаррифӣ кардан интихоб мекунанд, ки ҷавоби гуруҳҳоро мехонанд ва ба саволҳои додашуда посух мегардонанд.

Дар марҳилаи оянда иштироки онҳо дар викторинаи телекоммуникатсионии ҷумхуриявӣ аз география ба назар гирифта шудааст (замимаи 6).

Дар аввал ва охири таълими таҷрибавӣ пурсишнома гузаронида шуд ва он муайян кард, ки дар охир миқдори хонандагоне, ки география барояшон фанни дӯстдошта гардид 20 % афзун гашт (расми 6).




Гурӯҳи тачрибавӣ




**Гурӯҳи санҷишӣ**

Расми 6. Динамикаи инкишофи шавқ ба маърифати хонандагон

Дар расми 6 дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои зиёдшавии шавқ ба маърифат дар ҳарду гурӯҳ қариб якхела аст. Аммо, қайд кардан лозим аст, ки дар хонандагони гуруҳи таҷрибавӣ огоҳона инкишоф меёбад. Муносибати онҳо ба сатҳи умумии саводнокшавӣ тағйир ёфтааст. Дар хонандагони гурӯҳи назоратӣ бошад, ҳавасмандии асосӣ муносибати хуб ба таҳсил, имконияти дохил шудан ба донишкадаи хуб гардид.  Мақсади марҳилаи сеюми таҷриба (таҷрибаи бозсозӣ) таҳлили натиҷаҳои ҳангоми таҷриба бадастомада буд.

Дар натиҷаи таҷриба ба қайд гирифта шуд, ки барои ҳамаи хонандагон кор дар муҳити таълимии телекоммуникатсионӣ ба зиёдшавии назарраси дониш ва малакаҳо оварда расонид.

Нишондиҳандаҳои нисбии зиёдшавии шавқи маърифатӣ байни 54% ва 83% қарор дорад (расми 7). Инак, таҳқиқи шавқ ба маърифати хонандагон зоҳиран нақши як қатор омилҳоро, ки шарти интихобии муносибат ба фанни таълимӣ мебошанд, кушод.

Омилҳои асосиро инҳо шуморидан мумкин аст:

–мақом ва нақши илм дар прогрессии ҷамъиятӣ, ки ба фанҳои




Расми 7. Динамикаи сатҳи шавқ ба маърифат

таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ мебошанд;

–вазни хоссаи фанни таълимии мазкур дар сохтори умумии курсҳои таълимӣ;

–самтноки (равияноки) - и умумии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– муҳтавои фанҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ;

– хусусияти раванди таълим, ки дар он таъсири сатҳи дарсгузарӣ аз ҷумла махсусияти шакл ва методҳо, ба хонандагон расонидани маводи нав ба назар мерасанд.

Мароқзоҳиркунӣ ва ҳамаи намудҳои он ва дар ҳамаи марҳилаҳояш ба таври ақал, бо се лаҳзаи ҳатмӣ тавсиф мешавад:

1. Ҳиссиёти мусбат нисбати муносибат ба фаъолият.
2. Ҷой доштани тарафи маърифатии ин ҳиссиёт.
3. Мавҷудияти ҳавасмандии бевосита, ки аз фаъолият бармеояд.

Ба сифати воситаи инкишофдиҳанда ва ҳавасмандкунандаи шавқ ба маърифат телекоммуникатсия истифода гардид. Таъсири раванди таълимро ба шавқ ба маърифати хонандагонро таҳлил карда, мо манбаъҳои асосии шаклгирии шавқ ба маърифатро ҷудо кардем:

1. Муҳтавои маводи таълимӣ, яъне телекоммуникатсия имконияти бемаҳдуди гирифтани маълумотро аз захираҳои гуногуни маълумот фароҳам меорад.

